**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 891. 550 (83.3)

**САИДЗОДА САИДА САИД**

# ТАСВИРИ ВОҚЕИЯТИ ЗИНДАГӢ ДАР НАСРИ САТТОР ТУРСУН

**Диссертатсия**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ
аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ
(10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ, профессор
Элбоев Вафо Ҷӯракулович

Душанбе – 2025

## МУНДАРИҶА

**Муқаддима**.................................................................................................... 3
**Тавсифи умумии таҳқиқот**.......................................................................... 7

**Боби I. Омилҳои ташаккули шахсияти эҷодии Саттор Турсун**
1.1. Саттор Турсун ва роҳи эҷодии ӯ .......................................................... 15
1.2. Саттор Турсун ва таснифи асарҳои ӯ................................................... 26
1.3. Густариши ҳикоя ва повест дар насри муосири тоҷикии солҳои 70-90.... 36
1.3.1. Тарвиҷи жанри ҳикоя дар адабиёти муосири солҳои 70-90............... 36
1.3.2. Инкишофи повест дар адабиёти муосири тоҷикии солҳои 70-90....... 43
1.4. Нақши ҳикояҳо ва повестҳои Саттор Турсун дар инкишофи тамоилҳои асосии насри муосири тоҷикӣ ................................................... 48

**Боби II. Шеваҳои тасвири воқеияти зиндагӣ дар повестҳои Саттор Турсун**
2.1. Мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии повестҳои Саттор Турсун...................... 65
2.1.1. Повести «Сукути қуллаҳо». ............................................................... 66
2.1.2. Повести «Камони Рустам» .................................................................. 72
2.1.3. Повести «Мегӯянд, ки модарам...»...................................................... 77
2.1.4. Повести «Санг дар бағал ба тӯфон»..................................................... 84

**Боби III. Тасвири воқеияти зиндагӣ дар романи «Се рӯзи як баҳор» - Саттор Турсун**
3.1. Тасвири ҳолатҳои равонӣ ва пуртазоди зиндагӣ дар роман.................. 98
3.2. Тасвири пайванди инсон ва табиат дар романи «Се рӯзи як баҳор»..... 108
3.3. Таҳлили образҳо (шахсиятҳои достонӣ) дар роман .............................. 116
3.3.1. Таҳлили образи Усмон Азиз ................................................................ 118
3.3.2. Таҳлили образи Таманно...................................................................... 125
3.3.3. Таҳлили образи Анвар.......................................................................... 128
3.4. Забон ва сабки баёни Саттор Турсун .................................................... 133

**Хулоса**............................................................................................................ 149
**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**........................ 152
**Рӯйхати адабиёт**............................................................................................ 154
**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**.................................................. 167

## Муқаддима

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Адабиёти муосири тоҷикӣ ҷузъи таркибии адабиёти олам буда, офаридаҳои шоирону нависандагони он ифодагари орзуву омол ва зиндагии воқеии инсонҳост. Марҳилаи ҷадиди рушду таҳаввули ин давраи адабиёти тоҷик ба истилоҳ аз ибтидои садаи бист шуруъ шуда, зина ба зина дар заминаи суннатҳои устувори адабии адабиёти қавибунёди классикии форсии тоҷикӣ такомул ёфтааст. Адибони ҳушманди мо аз дастовардҳои суханварони пешини худ самаранок истифода карда, дар анвои куҳану меъёрии эҷодиёти онҳо вобаста ба талаботи даврони худ, маънӣ ва мавзуъҳои наву замонавиро ворид намуда, осори бадеии хешро бо либоси бадеии тоза манзури хонанда сохтанд, ки ба ниёзҳои инсони муосир ҷавобгӯ бошад.

Дар саргаҳи ин таҳаввулоти бузурги адабӣ устод Садриддин Айнӣ (1878-1954) ва ҳамсафони ӯ қарор доранд, ки эшон бо ковишҳо ва ибтикороту ҷасорати адабии худ аз як тараф суннатҳои ҳазорсолаи адабии деринасоли тоҷикро аз маҳвшавӣ нигоҳ доштанд ва аз тарафи дигар, бо шакли сахт меъёрии онҳо руҳи замонро дамиданд ва муҳтавои онҳоро дигаргун сохтанд. Ҳамзамон, ба таркибу истилоҳи баъзе аз анвои адабӣ номи ҷадид доданд, ки роману повесту новелла аз ҷумлаи онҳост.

Ҳамин тавр, адабиёт дар асоси меъёрҳои суханофаринии классикӣ, таҷрибаҳои ҷадиди устод Садриддин Айнӣ ва ва ҳамсафону шогирдони мактаби адабию эҷодии ӯ таҳаввул ёфт ва наслҳои нав ба нави эҷодкорон ба майдони адабиёт қадам ниҳода, ба ибтикороти устодони пешини худ ҳамроҳ шуда, дар пешрафти адабиёти муосир ҳиссагузор шуданд, ки Саттор Турсун низ аз ҷумлаи онҳо мебошад.

Саттор Турсун (Турсунов) (15.02.1946 – 05.06.2023) ба насли дувуми нависандагони тоҷик мансуб аст, ки бо осори марғуб, диди воқеии нигорандагӣ ва тасвироти ҷолиб дар сафи адибони тоҷик аз солҳои 70-ум хомафарсоӣ кардааст ва дар ниҳоду қалби хонандагон мақоми сазовор дорад. Дар эҷодиёти Саттор Турсун мавзуъҳои иҷтимоӣ, таърихӣ, фалсафӣ дар

пироҳани воқеӣ ва зебои бадеӣ ба тасвир омадаанд. Мундариҷаи ҳикояву повестҳо ва романи Саттор Турсунро бештар ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, ташаккули тафаккури нав, воқеияти зиндагӣ, ҳолати руҳиву равонӣ, масъалаҳои таърихиву миллӣ ва гузаштаву ҳозираи мардум ташкил медиҳанд.

Тасвири воқеияти зиндагӣ дар адабиёти олам ҳамвора бо диду завқи гуногун ва шинохти назарҳои мухталиф баррасӣ мешавад. Ифодаи воқеияти зиндагӣ аз нависандагон тақозои ин нуктаро дорад, ки онҳо ба рӯзгори воқеӣ ва умдаи инсон ҷиддан назар андӯхта, лаҳзаҳои ҳассосу созандаи онро бештар ба тасвири бадеӣ бигиранд. Вуқуъгӯӣ аз масъалаҳои мубрами ҳаёти иҷтимоии ҷомеа аст. Баёни воқеияти зиндагӣ муаммоҳо ва печидагиҳои зиёд дорад, ки аз нависанда мушоҳидаву бардошти ҷиддиро аз ҳаёт талаб дорад. Моҳияти зиндагӣ, дарки масъалаҳои амиқи он ва муайян намудани мақоми шахс дар ҷомеа, ки аз масъалаҳои хурд набуда, баёнгари ҳадафҳои бузурганд, аз нависанда таамmуқи ҷиддиро тақозо дорад.

Осори Саттор Турсун бо вижагиҳои хос, фарогирии мавзуъҳои мухталифи ҳаётӣ, силсилаи образҳои андешаманди барҷаста, тасвири набзи бомароми зиндагии воқеӣ, диалогу монологҳои ҷолиб, кушодани характери персонажҳо, шиддати равонӣ, сабки вижа ва забону услуби барҷаста дар адабиёти муосири тоҷикӣ аҳаммияти баланди бадеӣ дошта, сазовори таҳқиқоти ҷиддии адабиётшиносӣ мебошанд.

Мубрамии масъалаҳо ва мавзуи таҳқиқот маҳз дар барасии ҳамаҷонибаи ҳамин нуктаҳо дар осори Саттор Турсун ифода гардидааст, ки дар адабиётшиносии тоҷикӣ то ба ҳол ба шакли монографӣ таҳқиқ нагардидаанд ва мо дар диссертатсияи хеш паҳлуҳои гуногуни ҳамин масъаларо ба таҳқиқ гирифтаем.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Саттор Турсун ҳамчун нависандаи моҳир бештар ба баррасии масъалаҳои воқеияти зиндагии инсонҳо даст зада, роҳҳои тасвири дурусти ин мавзуъро пайдо кардааст: «Саттор Турсун дар асарҳояш диққатро ба замону фазо гирд оварда, ҳар қадаму ҳар сухани

қаҳрамонро бо диққат аз назар мегузаронад, то ки моҳияти инсонии ҳастии ӯро дақиқтар таъин намояд» [80, с. 94].

Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри муосири тоҷикӣ, асосан аз осори нависандагон: Ҷалол Икромӣ, Пӯлод Толис, Фазлиддин Муҳаммадиев, Урун Кӯҳзод, Сорбон, Саттор Турсун ва баъдан, Абдулҳамид Самадову дигарон шуруъ гардида, пеш рафт, ки адабиёти муосир ва насри онро ба баёни воқеияти зиндагӣ, андешапарварӣ, вуқуъгӯӣ, таҳаммулпазирӣ равона намуд ва сабку услубҳои тозае ба вуҷуд омаданд, ки баёнгари тафаккури созандаи халқ ба ҳисоб мераванд.

Дар насри муосири тоҷикӣ тасвири воқеияти зиндагӣ ва муаммоҳои он яке аз равияҳои хосси эҷодӣ мебошад, ки раванди густариши насрро дар марҳилаи ҳозира ифода мекунад. Ин равияи муҳимми эҷодӣ дар адабиёти муосири тоҷикӣ ва насри он нақши босазо дорад, ки дар ташаккул ва инкишофи он нависандагони огоҳ нақши муассир доранд.

Тасвири воқеияти зиндагӣ яке аз мавзуъҳои меҳварии насри муосири тоҷикӣ мебошад, ки таҳқиқ ва пажуҳиши махсусро тақозо дорад. Дар адабиётшиносии муосири тоҷикӣ баъзе аз паҳлуҳои ин масъала дар таҳқиқоти донишмандон Муҳаммадҷон Шукуров [86], Худойназар Асозода [21], Абдунабӣ Сатторов [69], Худоӣ Шарифов [83], Аскар Ҳаким [79], Лариса Николаевна Демидчик [30], Абдухолиқ Набиев [51], Атохон Сайфуллоев [61], Маъруф Раҷабӣ [55], Ҷӯрахон Бақозода [24], Асадулло Саъдуллоев [70], Шамсиддин Солеҳов [72], Абдуҷаббор Раҳмонов [57] ва дигарон баррасӣ шудаанд, вале ҳанӯз бисёр масъалаҳо дар мисоли эҷодиёти нависандагони алоҳида ба таври монографӣ таҳқиқ нашудаанд.

Воқеияти зиндагии инсон дар эҷодиёти нависанда Саттор Турсун мақоми хос дорад, ки дар осори ӯ ин мавзуъ аз ҳикоя ба ҳикояе, аз повест ба повести дигар ва романаш мунтазам ташаккулу густариш ёфта, ба як равияи хосси эҷодии нависанда табдил ёфтааст ва дар адабиёти муосири тоҷикӣ мавқеи мушаххас ёфтааст, аз ин бобат, мо дар диссертатсияи худ кӯшиш

намудем, ки роҷеъ ба ин паҳлуи эҷодиёти нависанда таҳқиқоти монографие анҷом диҳем.

Ин вижагии осори Саттор Турсунро Муҳаммадҷон Шукуров чунин арзёбӣ кардааст: «Нависанда бо нигоҳи диққаткории андешамандонае қаҳрамони худ, ҳар қадаму ҳар сухани ӯ, ҳар ҳаракати ноаёни вайро ба мушоҳида мегирад. Муҳимтарин хусусиятҳои асарҳои Саттор Турсун дар ниҳояти муътадилӣ бо фарогирии замону макон ва бо диққати ҳамаҷониба аз назар гузаронидани рӯйдодҳои ҳаёти одамӣ замина тайёр мекунад» [85, с.328].

Оид ба паҳлуҳои мухталифи эҷодиёти Саттор Турсун донишмандон ва муҳаққиқони зиёд андешаҳои мухталиф баён намудаанд, ки хусусияти обзорӣ доранд. Муҳаққиқон: М.Шукуров [80], А.Сайфуллоев, [62], Х.Шарифов [83], А.Сатторов [69], Х.Асозода [21], Ҷ.Бақозода [25], Н.Салимов [66], А.Набиев [49], М.Раҷабӣ [55], А.Раҳмонов [57], Р.Амонов [109], С.Абдулло [17], Ш.Солеҳов [72] ва дигарон дар рисолаҳо ва мақолаҳои ҷудогона оид ба вижагиҳои асарҳои алоҳида ва ҳикояҳои Саттор Турсун фикрҳои ҷолиб баён намудаанд. Дар адабиётшиносӣ ва нақди муосири тоҷикӣ ҳамин донишмандон ва дигарон дар бораи осори Саттор Турсун андешаҳои хуб баён доштаанд ва нақди муосири тоҷикӣ ҳикояҳо, повестҳо ва романи «Се рӯзи як баҳор»-и нависандаро аз муваффақиятҳо ва дастовардҳои хуби адабиёти муосири тоҷикӣ ҳисобидаанд ва «ҷойгоҳи ӯро (нависандаро – С.С.) дар адабиёти давраи нави тоҷик муайян кардаанд» [54, с.6].

Соли 2019 муҳаққиқи тоҷик Қарор Нурқаев дар мавзуи «Саттор Турсун ва таҳаввули насри психологии тоҷик» диссертатсияи номзадиро ҳимоя намудааст [54]. Диссертатсияи Қарор Нурқаев ба таҳқиқи масъалаҳои рӯзгору осори нависанда, фаъолияти публитсистӣ, фаъолияти тарҷумонӣ, инчунин ба пажуҳиши масъалаҳои таҳаввули насри психологӣ дар адабиёти муосири тоҷик ва махсусан дар эҷодиёти Саттор Турсун, аз ҷумла, эҷодиёти Саттор Турсун дар раванди насри психологӣ, тасвири психологӣ ва сохтмони асари бадеӣ ва воситаҳои таҳлили психологӣ дар асарҳои Саттор Турсун

бахшида шудааст ва дар ҳоли ҳозир дар таҳқиқи эҷодиёти нависанда аз пажуҳишҳои хуби нахустини монографӣ ба ҳисоб меравад.

Зарур ба таъкид аст, ки дар диссертатсия, асосан масъалаҳои калидии пажуҳиш, аз ҷумла роҳи эҷодии нависанда, густариши ҳикоя ва повест дар адабиёти муосири тоҷикӣ, нақши ҳикояву повестҳои Саттор Турсун дар ин раванд таҳқиқу баррасӣ шуда, ҳамзамон, мавзуъ ва мундариҷаи повестҳои нависанда, инчунин шеваҳои тасвири воқеияти зиндагӣ дар повестҳои Саттор Турсун таҳлил гардида, тасвири воқеияти зиндагӣ дар романи «Се рӯзи як баҳор», тасвири ҳолатҳои равонӣ дар ҳамин роман, пайванди инсон ва табиат ва сабки баёни нависанда муайян ва таҳқиқ шудаанд.

Новобаста аз андешаҳои баёндоштаи муҳаққиқон оид ба паҳлуҳои мухталифи эҷодиёти Саттор Турсун ҳанӯз масъалаҳои зиёди ҷанбаҳои гуногуни осори ин нависанда ниёз ба таҳқиқи монографии адабиётшиносӣ дорад, ки муаллиф таҳқиқи ин нуктаро дар назди худ гузоштааст. Аз ин хотир, масъалагузорӣ ва роҳҳои расидан ба ҳалли қазия дар диссертатсия нав буда, дар заминаи таҳқиқу таҳлил ва баррасиҳои ҷойдошта вижагиҳои ҳунарии насри нависанда Саттор Турсун ва мақоми ӯ дар раванди тасвири воқеияти зиндагӣ ба таври муфассал ва фарогир мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор мегирад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар низоми татбиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои солҳои 2020-2024, ки ба пажуҳиш ва нашри осори адибони адабиёти муосири тоҷик равона шудааст, анҷом ёфтааст.

## Тавсифи умумии таҳқиқот

**Мақсади таҳқиқот.** Вижагиҳои жанрии ҳикояву повесту роман дар илми адабиётшиносӣ таҳқиқи худро ёфтаанд. Осори Саттор Турсун, ки аз ҳикояву повестҳо ва роман иборат аст, аз тарафи нақди адабии тоҷикӣ баррасӣ шудаанд, вале муаммоҳо, уқдаҳо, ногуфтаҳо зиёданд, ки сазовори пажуҳиши ҷиддӣ мебошанд. Баррасии ҳикояву повестҳо ва романи «Се рӯзи як баҳор»-и Саттор Турсун, ки аз нигоҳи сюжет, банду басти асарҳо, ғояву мавзуъ, фарогирии масъалаҳои мухталиф, аз қабили типсозӣ, зиддияту умумияти хати сюжет, ҳолатҳои равонӣ ва пуртазоди зиндагӣ, қаҳрамонҳо, вуқуъгӯӣ, зеҳнгароӣ, ҳадафи эҷодии муаллиф, сабку услуб ва дороиҳои забонӣ бартариҳои зиёд доранд, ки дар диссертатсия мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд.

Таҳқиқот дар асоси қонунмандии адабиёт ва раванди насри муосири тоҷикӣ ва баҳои воқеӣ додан, ба маҳорати нависанда дар тасвири воқеияти зиндагӣ ва чеҳраофаринии ӯ дар эҷоди бадеӣ сурат мегирад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои мушаххас намудани масъалаҳои фавқ мақсад гузоштем, ки проблемаҳои зеринро ба таҳқиқ ва пажуҳиш бигирем:

1. Муайян кардани омилҳои ташаккули шахсияти эҷодии Саттор Турсун дар асоси маводди дастрас, аз ҷумла навиштаҳои худи нависанда, ки дар адабиёти даврӣ ба нашр расидаанд.

2. Назари иҷмолӣ андухтан ба густариши повесту ҳикоя дар насри муосири тоҷикӣ ва ба таври хронологӣ таҳқиқ намудани асарҳои нависанда.

3. Муайян намудани мавқеи ҳикояву повестҳои Саттор Турсун дар насри муосири тоҷикӣ ва нишон додани афзалиятҳои асарҳои нависанда.

4. Баррасии мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии повесту ҳикояҳои Саттор Турсун ва таҳлилу таҳқиқи баёни нависанда, истифодаи монологу мунозираҳои образҳои марказии осори нависанда.

5. Таҳқиқи мавзуи тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун ҳамчун мавзуи муҳим дар адабиёти муосири тоҷикӣ.

6. Таҳлилу баррасии осори нависанда аз нигоҳи шаклу мазмун ва сохту сабки нигориш.

7. Омӯзиш ва таҳқиқи тасвири воқеияти зиндагӣ ва инъикоси ҳолати равонии шахсиятҳои достонӣ (образҳо) дар романи «Се рӯзи як баҳор».

8. Муайян намудани ҳолатҳои равонӣ ва пуртазоди зиндагӣ дар романи «Се рӯзи як баҳор».

9. Нишон додани пайванди инсон ва табиат дар роман ҳамчун ҷузъи диалектикии ҳаёт.

10. Пажуҳиши масъалаҳои забон ва сабки насри Саттор Турсун.

11. Таҳлили маҳорату ҳунари нависандагии Саттор Турсун.

**Объекти таҳқиқот.** Насри нимаи дувуми асри XX ва нимаи аввали асри XX1-и адабиёти муосири тоҷикӣ, осори назариявии донишмандони муосир, назари онҳо ба насри муосир, сарчашмаҳои илмиву адабӣ ва махсусан, осори ба нашррасидаи Саттор Турсун ба ҳисоб меравад.

**Предмети таҳқиқ.** Таҳқиқи масъалаҳои симои эҷодӣ, ҳунари нависандагӣ, роҳҳои ҷустуҷӯ ва дарёфтҳои Саттор Турсун, тасвири воқеияти зиндагӣ, ҳолатҳои равонӣ ва забону сабки баёни нависанда, ки дар ҳикояҳо, повестҳо ва романи «Се рӯзи як баҳор» инъикос ёфтаанд, предмети таҳқиқи кори диссертатсионӣ мебошанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Дар ҷараёни таҳқиқу баррасии мавзуъ аз робитаҳои илмҳои адабиётшиносӣ – таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, нақди адабӣ, матншиносӣ ва сабкшиносӣ истифода шуда, ба пажуҳишҳои назарии донишмандони адабиёти муосири тоҷикӣ С. Табаров, Р. Ҳодизода, М. Шукуров, Л.Н.Демидчик, Х. Шарифов, Р. Мусулмонқулов, А. Сайфуллоев, Х. Асозода, А. Сатторов, Ҷ. Бақозода, А. Набавӣ, Ю. Акбаров, М. Раҷабӣ, А. Кӯчаров, М.Хоҷаева, Ш. Раҳмонов, Н. Салимӣ, А. Раҳмонзода, М. Имомзода, Ш. Солеҳов, Қ.Нурқаев ва донишманди эронӣ Алиасғари Шеърдӯст ва рус – З.Г.Османова, В.М.Жирмунский, М.Бахтин, М.Е. Мелитинский, Л.Я.Гинзбург ва дигарон такя намудаем, ки асосҳои назарии таҳқиқро ташкил додаанд. Диссертант барои ҳалли масъалаҳои илмии

диссертатсия таълифоти донишмандони мазкурро асоси назариявии пажуҳиши худ қарор додааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Таҳқиқи диссертатсионӣ бар пояи методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлили назарӣ ва амалӣ, таҳлили муқоисавӣ-таҳлилӣ, муқоисавӣ-татбиқӣ анҷом дода шуда, дар мавридҳои зарурӣ аз методҳои шарҳу тавзеҳ ва нақди осори адабӣ низ истифода шудааст.

**Сарчашмаи таҳқиқот.** Осори ба нашр расидаи нависанда, ки дар солҳои гуногун, дар маҷмуаҳои мухталиф ба чоп расидаанд, аз ҷумла, маҷмуаи ҳикояҳои «Дили гарм» (1971), повестҳои «Сукути қуллаҳо» (1974), «Камони Рустам» (1976-1982), «Мегӯянд, ки модарам...» (1983), «Пайванд» (1983) ва романи «Се рӯзи як баҳор» (1988) сарчашмаи таҳқиқ маҳсуб мешаванд. Дар диссертатсия ба ғайр аз асарҳои бадеии Саттор Турсун, осори муаллифони дигари адабиётшиносии муосири тоҷикӣ истифода шудаанд. Инчунин, хулосаву пешниҳодоти диссертатсияи мазкур дар конфронсҳои илмӣ-назариявӣ ироа гардидаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар диссертатсия масъалаҳои омилҳои ташаккули шахсият ва давраҳои такомули эҷодиёти нависанда, масъалаҳои густариши ҳикоя ва повест дар адабиёти муосири тоҷикӣ, нақши ҳикоя ва повестҳои Саттор Турсун дар инкишофи тамоилҳои асосии насри муосири тоҷикӣ, шеваҳои тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри нависанда, мундариҷаи повестҳои Саттор Турсун, тасвири ҳолатҳои пуртазоди зиндагӣ ва шахсиятҳои достонӣ (образҳо) дар романи «Се рӯзи як баҳор» ва забону сабки баёни нависанда таҳлил ва пажуҳиш гардидаанд. Ҳамзамон, дар диссертатсия бозёфтҳои ҳунарӣ ва эҷодии нависанда, хусусиятҳои бадеии осори ӯ, истифодаи бамаврид ва дурусти ӯ аз боигариҳои забони модарияш мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Роҳҳо ва марҳилаҳои эҷодии Саттор Турсун нахуст ҳангоми таҳсил дар донишгоҳ сурат гирифта, тадриҷан дар муҳити солими маҷаллаи «Садои Шарқ» ва ҳамкорӣ бо шоирону нависандагони муосири тоҷик густариш

ёфтааст. Омилҳои муҳимми адабие, ки дар ташаккули шахсияти эҷодии Саттор Турсун таъсир ва нақши муайян доштаанд, ин фаъолияти пурсамари ӯ дар маҷаллаи бонуфузи «Садои Шарқ» ба ҳисоб меравад. Саттор Турсун мисли дигар нависандагони адабиёти муосири тоҷикӣ ба майдони адабиёт тавассути навиштани ҳикоя ворид шудааст ва ин як раванди қонунияти адабиёт буда, ба коргоҳи эҷоди нависандагӣ ворид гардидани нависандагони ҷавон ба ҳисоб меравад. Ҳикоя ва повестҳои Саттор Турсун дар адабиёти муосири тоҷикӣ бо мавзуву мундариҷа ва тарзу услуби эҷоди фардии нависанда бартариҳои зиёд доранд, ки дар онҳо мавзуи воқеияти зиндагӣ ба тасвири хуб гирифта шуда, аз мавзуъҳои меҳварии насри муосири тоҷикӣ ба ҳисоб меравад ва дар густариши ҳикояву повест нақши нависанда сазовори таҳсин аст.

2. Саттор Турсун дар маҷмуъ 7 повест иншо кардааст, ки дар тасвиру таҳлил ва масъалгузориву роҳҳои ҳалли қазияҳои мавзуи асарҳо ҳунари хуби нависандагӣ нишон додааст, ки нақди адабии муосири тоҷикӣ ба ин паҳлуи эҷодиёти нависанда баҳои воқеӣ додааст. Тасвири воқеияти зиндагӣ дар романи «Се рӯзи як баҳор»-и Саттор Турсун, ки ҳодисаву воқеаҳои ин роман дар замони кӯтоҳи бадеӣ, яъне се рӯз ҷараён мегирад ва ҷамъбаст мешавад, бо истифодаи ҳунармандонаи нависанда дар нишон додани ҳолатҳои равонӣ ва пуртазоди зиндагии образҳо (шахсиятҳои достони)-и асар барҷаста ба тасвир омадаанд.

3. Саттор Турсун дар романи «Се рӯзи як баҳор» образи Усмон Азизро, ки муқобили сохти Шуравӣ буда, вале шахси озодихоҳу ҳақпараст ва ватандӯст аст, бо ҳунари баланди нависандагӣ ба тасвир гирифтааст, ки аз камолоти эҷодии ӯ ба ҳисоб меравад. Пайванди инсон бо табиат ва мавҷудоти он ҳамеша ба назар мерасад ва ин масъала дар муносибати инсон бо гург дар романи «Се рӯзи як баҳор» барҷаста тасвир шудааст.

4. Романи «Се рӯзи як баҳор» дар эҷодиёти Саттор Турсун ва адабиёти муосири тоҷикӣ асари тоза ва образи марказии асар Усмон Азиз образи нав аст. Саттор Турсун яке аз нависандаҳои пуркор, дорои сабки фардӣ ва

баркамоли адабиёти муосири тоҷикӣ маҳсуб мешавад, ки дар осори хеш бо сабку услуби хоси худ ва муносибаташ ба инсон ва тасвири воқеияти рӯзгори инсонҳои гуногун аз нависандагони дигар фарқ дорад. Маҳорати баланди нависанда дар таҳқиқи воқеъбинонаи зиндагӣ ва худшиносии инсон бармало ба назар мерасад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Арзишҳои хосси назарии таҳқиқотро метавон чунин табақабандӣ намуд:

1. Мавод ва дастовардҳои таҳқиқро мумкин аст, ҳангоми таълифи китобҳои таърихи адабиёти муосири тоҷикӣ, навиштани таърихи ҷомеи адабиёти муосири тоҷику форс, адабиётшиносӣ, нақди адабӣ, сабкшиносӣ, таълиф ва мураттаб сохтани дастуру китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ аз таърихи адабиёти муосири тоҷикӣ, ҳамчунин барои мураттаб сохтани таърихи мукаммали адабиёти муосири тоҷикӣ истифода кард.

2. Ҳангоми таълифи диссертатсия аз осори таълифгардидаи Саттор Турсун, мақолаву гузоришҳои муҳаққиқон оид ба насри муаллиф ва осори мухталифжанри нависанда ҳамчун маъхаз истифода намудаем.

Аҳаммияти илмиву амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки маводди диссертатсия ҳангоми таҳия ва таълифи бахше аз китобҳои дарсии таърихи адабиёти муосири тоҷикӣ, навиштани диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ, рисолаҳои магистрӣ ва корҳои дипломӣ истифода бурда мешавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Таҳлили ин масъалаҳо бо таҳлилу баррасии амиқи назариявии масъалаи мавриди назар таъмин гардида, ба нуктаҳои мушаххаси методологиву маводи гуногунҷанбаи таҳлилӣ дар мувофиқат бо сохтору мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот асос ёфта, барои таҳқиқоти масъалаи воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун боис мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқ дар заминаи баррасии маводди соҳаи илмҳои адабиётшиносӣ ва бахшҳои он, махсусан таърихи адабиёти муосири асри XX ва оғози XXI-и тоҷикӣ анҷом ёфта, дар он масъалаҳои мушаххаси адабиёти муосири тоҷикӣ, ки дар

мундариҷаи кор омадаанд, аз ҷумла роҳи эҷодии Саттор Турсун, омилҳои ташаккули маҳорати нависандагӣ ва нақши осори нависанда дар адабиёти муосири тоҷикӣ ва забону сабки баёни адиб таҳқиқу баррасӣ шудаанд.

Мавзуи диссертатсия «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Таҳқиқи масъалаҳои марҳилаҳои ташаккули эҷодиёт, қадамҳои нахустин дар эҷоди наср, навиштани ҳикоя, повест ва роман, нақши Саттор Турсун дар инкишофи тамоилҳои асосии насри муосири тоҷикӣ, бозёфтҳои эҷодӣ, таҳқиқи масъалаҳои тасвири воқеияти зиндагӣ, забон ва сабки баёни Саттор Турсун ва ҳунари нависандагии ӯ саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмиро дар таҳқиқот бармало намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои диссертатсия дар шакли гузоришу маъруза ва мақола интишор ёфта , тавассути маҷмуаҳои дастаҷамъӣ, маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи донишгоҳӣ ба МД Китобхонаи миллии Тоҷикистон, китобхонаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Китобхонаи илмии ба номи Индира Гандии АМИТ дастрас шуда, дар дарсҳои назариявию амалӣ ва корҳои мустақилонаи факултетҳои тахассусии филологӣ аз тарафи омӯзгорон ва алоқамандони адабиёт истифода мешавад.

Нуктаҳои меҳварӣ ва калидии диссертатсия дар семинару маҳфилҳо, конференсияҳои илмию амалии факултавӣ, донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла дар конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Методические инновации в практике преподавания русского языка и литературы в условиях поликультурной среды» - зери унвони «Саттор Турсун ва роҳи эҷодии ӯ» (17-18.03.2025) ва конференсияи байналмилалии илмӣ дар мавзуи «Ҷойгоҳи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ дар таърихи

адабиёти форсии тоҷикӣ» бо номи «Тасвири пайванди инсон ва табиат дар романи «Се рӯзи як баҳор»-и Саттор Турсун» (16.04.2025) ироа шудааст.

Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ аз 28.08.2025, суратҷаласаи №1 муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муҳтавои асосии диссертатсия дар 7 мақолаи диссертант, аз ҷумла 5 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, инъикос ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб бо фарогирии фаслҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 167 саҳифаи чопи компютериро ташкил додааст.

## Боби I. Омилҳои ташаккули шахсияти эҷодии Саттор Турсун

### 1.1. Саттор Турсун ва роҳи эҷодии ӯ

Дар майдони беканори адабиёти муосири тоҷикӣ бисёр чеҳраҳои мондагор хомафарсоӣ карданд, ки бо ному осори офаридаи онон марҳилаҳои мухталифи густариши адабиёт сахт марбут аст ва ин шоиру нависандагон бо кӯшиши бедареғашон раванди ишкишофи назму насри муосирро такон бахшиданд.

Роҳи эҷодии шоирону нависандагон? агар аз як тараф ба тариқи биографӣ (тарҷумаҳолӣ) нигошта шавад, роҳи дигари пайдо кардани марому манзалату мақомашон осори бо муҳаббат ба сухан навиштаи онҳост, ки аз ҳар сатри он зиндагиномаи адибро метавон пайдо кард. Маҳз дар нигоштаҳо ҳама мушоҳидаҳо, дидаҳо, санҷидаҳо, баҳсҳо ва ҷузъ-ҷузъ саҳифаҳои зиндагии адибон инъикоси воқеии худро меёбанд.

Яке аз чунин нависандагони тавонои адабиёти муосири тоҷик? барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (1972) ва Иттифоқи нависандагони СССР (1972), Нависандаи халқии Тоҷикистон (1998) Саттор Турсун (Турсунов) (1946 - 2023) мебошад, ки беш аз чил сол дар майдони ҳунари нависандагӣ хомафарсоӣ кардааст ва заҳмати эҷодии ӯ ба шумули чандин ҳикояву повесту роман арзанда мебошад.

Самараи эҷодиёти Саттор Турсун дар натиҷаи заҳмати муназзам ва ҷустуҷӯву омӯзиши пайвастааш ба даст омадааст, ки маншаи асосии он хуб донистани эҷодиёти шифоҳии форсии тоҷикӣ, адабиёти оламшумули классикии форсии тоҷикӣ ва хуб фаро гирифтани адабиёти олам аст. Маҳз, ҳамин се сарчашмаи файзбор ба нависанда даст додааст, ки осори мондагори хонданӣ ва ҷолиб офарад, ки ба завқи хонандагон таъсири хубе расонад ва ба зеҳни онон нишинад.

Муҳаққиқони адабиёти муосири тоҷик Муҳаммадҷон Шукуров, Атахон Сайфуллоев, Худоӣ Шарифов, Раҳими Мусулмониён, Худойназар Асозода, Абдухолиқ Набиев, Ҷӯрахон Бақозода, Юсуф Акбаров, Абдуҷаббор

Раҳмонов, Носирҷон Салимов, Шамсиддин Солеҳов ва дигарон Саттор Турсунро аз нависандагони насли дуюми адабиёти муосири тоҷикӣ медонанд.

Саттор Турсун 15-уми феврали соли 1946 дар деҳаи Пасурхии ноҳияи Бойсуни вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар оилаи деҳқони обрӯманд ба дунё омадааст. Деҳаи Пасурхӣ, воқеан яке аз деҳоти зебоманзарест, ки дар иҳотаи талу теппаҳои дар баҳорон гулпӯшу сабзпӯш ва дар зимистон барфпӯш мавқеъ дорад. Ин нуктаро худи нависанда чунин таъкид намудааст: «Ман дар Пасурхӣ ном як деҳаи сернуфуси кӯҳистон ба дунё омадаам, ки онро аз се тараф талҳои баланди сурх ба иҳота гирифтаанд. Аз самти чорумаш дарёчае ҷорӣ мегардад, беному камоб, ки баъзан, махсусан баҳорон, метавонад сероб, хурӯшон ва ҳатто таҳдидкор бошад. Вай, ин деҳа дар ноҳияи Бойсуни ҳамсояамон Ӯзбекистон, дар дусад километри ҷониби офтобшинами Душанбеи нозанин... аст» [10, с. 413-414].

Оид ба давраи кӯдакиву мактабхонии Саттор Турсун маводди зиёд дастрас нест ва ҳар чи ки мавҷуд аст, аз навиштаҳои парокандаи худи ӯ ба даст омадааст. Баъзе нуктаҳои рӯзгори бачагӣ ва чӣ тавр дар оғӯши деҳаи Пасурхӣ дар муҳити гарми хонавода калон шудаву роҳ сӯйи Душанбе гирифтанашро хеле ба таври пароканда ва кӯтоҳ баён доштааст. Нависанда ба ҳамин маънӣ таъкид намудааст: «Ватани кӯчаки ман Бойсун ё Басванд, ки дар осори хеле аз муаррихон, кишваршиносон ва сайёҳони таҳқиқгари асрҳои миёнаи олами Шарқ ва баъзе сарчашмаҳои Юнони қадим низ бо номи Басванд зикр ёфтааст, боз бо он шуҳрат дорад, ки чун сипар бо тахтутози аҷнабиён ҳамеша устувор меистод дар сарҳади Суғду Бохтар».

Дар саҳифаи баъд нависанда аз касбу кори сокинони зодгоҳаш деҳаи Пасурхӣ, ки ба боғдориву зироаткорӣ машғуланд, ҳарф зада, аз сухандону суханпараст будани онҳо ёдовар мешавад: «Имрӯз сокинони Пасурхии ман асосан ба зироаткорӣ ва боғпарварӣ машғуланд. Онҳо метавонанд ҳатто афсонаро ба мисли ҳақиқат маънидод кунанд; шеърро ниҳоят дӯст дошта, аз дарахтони бабори заминҳои худ сабад-сабад себҳои сурхи беҳамто мечинанд.

Ангурашон ҳам ширину гандумашон серҳосил аст. Ва ин – муҳаббат ба шеър ва заҳмат онҳоро боз ҳам донотар мегардонад» [10, с. 415].

Саттор Турсун дар ҳамин муҳити солими хонавода ва атроф, дар деҳаи Пасрухӣ тарбият ёфта, чӣ тавр баъди хатми мактаби даҳсолаи деҳа роҳи Душанберо пеш гирифтан ва ба пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистони азиз омаданашро хеле ҷолиб тасвир кардааст: «Аз худи ҳамон рӯзе ки дар даст як ҷомадончаи фанерии қариб холӣ, дар киса бист сум пул, дар даҳон забони ноби тоҷикӣ ва дар дил ормони бедор ва сурурангез ба чӣ азобе бошад, оқибат шарқшинос шудан... рӯ ба ин шаҳри обаш – хуморшикану хокаш ҷонпарвар ниҳодам. Бо умеде, ки ҳатман дар оғӯши муътабартарин донишгоҳи Душанбе беминнат ҷой мегирам» [10, с. 414].

Саттор Турсун соли 1965 ба шуъбаи забони арабии факултети забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дохил шуда, онро соли 1970 бо баҳои хубу аъло хатм менамояд. Ҳамзамон, солҳои 1968-1970 дар радиои ҷумҳурӣ ба сифати ровӣ кор кардааст.

Саттор Турсун ба адабиёти бадеӣ аз давраи донишҷӯӣ ворид шудааст ва вуруди худро ба адабиёт ӯ амри тасодуфӣ медонад: «Рӯ ба навиштан овардани ман билкул аз тасодуф буд. Орзу доштам, ки модоме дар шуъбаи забони арабии Донишгоҳи давлатӣ мехонам, ягон рӯз арабшинос мешавам. Лекин... соли дуюми таҳсил (1967 – С.С.) бо нафаре, ки дар курси чорум буд, гапамон гурехт. Вай дар варақаи девории факултет ҳар гуна лавҳаву таронаҳо менавишт... ва ман ба як навиштаи ӯ эрод гирифтам. Дар ғазаб шуда, ҳатто даст бардошта, вай бо оҳанги таҳқир гуфт, ки аввал худат ягон чизак навис, баъд эрод гир. Алам кард маро. Ва... навиштам... Тахмин як моҳ пас он ҳикоя дар рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» ба табъ расид. Идораи рӯзнома ҳаққи заҳмат ҳам дод, ки аз стипендиям хеле зиёд буд. Хурсанд шуда, гуфтам - о ин кори хуб будааст - ку!» [10, с. 482].

Он ҳикояи аввалини Саттор Турсун «Дар роҳ» ном дорад ва ба шакли алоҳида дар ягон маҷмуаи нависанда ворид нашудааст. Аммо худи нависанда

ҳикояи дигараш «Соҳиби кулоҳ»-ро, ки соли 1968 дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шуда буд, аввалин қадами худ ба адабиёт мешуморад. Ҳарчанд ҳикояи «Дар роҳ» аввалин ҳикояи чопшудаи нависанда аст, вале бо эътирофу розигии муаллиф метавон ҳикояи дувуми ӯ «Соҳиби кулоҳ»-ро аввалин ҳисобид.

Ба муҳити адабӣ ва маҷрои адабиёт ворид шудани афроди эҷодкор бо роҳу василаҳои гуногун сурат мегирад, вале ба олами адабиёт ворид шудани Саттор Турсун бо ҷилои ҳунари асил ва заҳмати ҳалолу мӯшикофиҳо ба даст омадааст. Баъд аз хатми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон бо даъвати Мирзо Турсунзода ва сармуҳаррири маҷаллаи «Садои Шарқ» – Убайд Раҷаб, Саттор Турсун ба идораи ҳамин нашрия ба кор омада, аввал мудири шуъбаи очерк ва публитсистика ва то соли 1990 масъулияти мудирии шуъбаи наср ва ҷонишини сармуҳаррирро бар уҳда доштааст.

Солҳои 70-уми асри бист «Садои Шарқ» чун нашрияи адабии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон воқеан, мактаби беназири адабу сухан ва кашфу тарбияи истеъдодҳо ба шумор мерафт. Корманди ин маҷалла будан ё дар он асареро чоп кардан, ифтихор ҳам буд. Бист соли фаъолияти пурсамари Саттор Турсун дар ин маҷалла паси сар шуда, ағлаби осораш дар ин солҳо офарида шудаанд: «Ба лаёқат, донишу биниш, қаламу қобилияти дарки сухан ва таҳриру заҳматписандии Саттор бовар карданд. Ва ӯ ҷавони бисту чорсола, ҳамдӯши адибони маъруф, баробари дар ҷараёни кор омӯхтани малакаву таҷриба, омӯхтани забон, истифодаи калимаву ибора, аз суҳбати устодони сухан баҳравар шуда, ба қавле «гарди мадраса хӯрда», муқаддасоти дунёи сухан ва масъулияти суханвариро дар назди миллату таърих амиқтар дарк намуд» [68, с. 6].

Маҳз, роҳи эҷодии Саттор Турсун ҳамчун нависанда дар маҷаллаи «Садои Шарқ», дар ин муҳити созандаву мактаби қавибунёди эҷодӣ ташаккул ва густариш ёфтааст.

Пас аз нашри чанд ҳикояи шогирдона аз курсии донишҷӯӣ якбора ба курсии мудири шуъбаи муътабартарини маҷаллаи «Садои Шарқ» омадани

Саттор Турсунро Нависандаи халқии Тоҷикистон Абдулҳамид Самад чунин ёдоварӣ кардааст: «Саттор Турсун аз зумраи он нависандагони тоҷик аст, ки айёми авҷи таҳаввулоти андешаву ҳунар дар риштаҳои гуногуни адабиёт соли 1970, пас аз хатми Донишгоҳ якбора ба деги пурҷӯшу хурӯши муҳити адабӣ афтод. Ин бахту барор дар он замон аҳён-аҳён ба ҷавонони навқалам даст медод». Маҳз ҳамон айём беҳтарин асарҳои С.Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, Ф.Муҳаммадиев... эҷод ва нашр мешуданд. Насли дигари носирон Ҷ.Одина, М.Хоҷазод, Ю.Акобиров, Сорбон, Кӯҳзод бо қисса ва ҳикояҳои нав ба навашон дар бахши таҳқиқи бадеии руҳу равон ва дарду ормонҳои инсони одиву хокӣ пайроҳаи оғозидаи нависандаи ҳунарманд, вале ҷавонмарг Пӯлод Толисро баҳсмабаҳс идома медоданд. Ана дар ҳамин хел ҳолати неруманд шудани наср пас аз нашри чанд ҳикояи шогирдона аз курсии донишҷӯӣ якбора ба курсии мудири шуъбаи муътабартарин маҷалла – «Садои Шарқ» бинишинӣ, магар бахту барор нест? [68, с. 5-6].

Дар ташаккули роҳи эҷодии Саттор Турсун маҷаллаи «Садои Шарқ», ки дар солҳои 70-ум маркази рушди истеъдодҳо ва як мактаби қавии эҷодӣ буд, саҳми назаррас дорад. Чунки дар ин маҷалла ин солҳо осори мансури нависандагони тавоно: Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Ҷумъа Одина, Юсуф Акобиров, Кӯҳзод, Сорбон, Муҳиддин Хоҷазод ва дигарон пай дар пай нашр мешуданд ва Саттор Турсун вазифаи мудири шуъбаи очерк ва публитсистикаи ин маҷалларо бар уҳда дошта, аз осори ин нависандагон баҳраманд гардида, ба ӯ дар эҷоди ҳикояву повестҳо ва романҳояш такони ҷиддие бахшидаанд.

Ба майдони адабиёт ва эҷод якбора ва ногаҳон ворид шудани Саттор Турсун ва мақому мавқеи шоиста пайдо кардани ӯро Ҷ.Бақозода чунин таъкид намудааст: «Саттор Турсун ҳамчун нависанда бо мавқеъ ва назари эҷодӣ, тарзи нигориши ботамкин ва мавзуи хоси худ ба майдони адабиёт якбора ва ногаҳон дохил шуд» [24, с. 18].

Солҳои 1990-1991 Саттор Турсун вазифаҳои мудири шуъбаи идеологии КМ Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон, ҳамзамон узви Кумитаи марказӣ ва

солҳои 1992-1995 шореҳи сиёсии рӯзномаи «Ҷумҳурият», котиби матбуотии сарвари давлати Тоҷикистон ва солҳои 1995-1997 сармуҳаррири маҷаллаи «Помир»-ро ба уҳда дошт. Соли 1997 бо ибтикори Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳафтаномаи иҷтимоӣ-фарҳангии «Баҳори Аҷам»-ро таъсис дода, то соли 2009 дар ин нашрия кору фаъолият намудааст.

Роҳи эҷодии Саттор Турсун ҳамин тавр ҷараён гирифта, ҳамвора аз адабиёти ғановатманди классикии форсии тоҷикӣ ва адабиёти олам омӯхтаву баҳраҳо бардоштааст. Аз мактаби эҷодии адибони бузурги тоҷик ва олам дарси ҳаёт омӯхтааст ва аз устоди нахустини худ – падараш ҳамеша дарси матонату сухангустарӣ ва одамияту садоқат андӯхтааст.

Саттор Турсун фаъолияти эҷодияшро бо жанри ҳикоя оғоз намудааст ва то охири умр ҳикоя эҷод кардааст. Ин нуктаро донишмандон: М.Шукуров, Р.Амонов, Х.Асозода, Ҷ.Бақозода, А.Набиев, А.Раҳмонов, Ш.Солеҳов, Қ.Нурқаев таъкид кардаанд. Аз ҷумла А.Набиев дар мақолаи хеш «Арзиши одамият» [116, с. 32], А.Раҳмонов [57, с. 48], А.Самадов дар мақолаи «Ниҳоли меҳр» [143], Ш.Солеҳов [72] ба ин паҳлуи эҷодиёти нависанда эътибори ҷиддӣ додаанд ва раванди услубии фаъолияти ӯро муайян кардаанд. А.Самадов дар мақолаи «Ниҳоли меҳр» чунин мегӯяд: «Суханаш суфта, буррову нишонрас, тасвирҳояш доманадору табиӣ, қаҳрамонҳояш яклухт, фаъол, андешапарвар, фалсафаашон чуқур ва ниҳоят, мавзуи асарҳояш тоза, серпаҳлӯ ва барои имрӯзу фардо зарур» [143].

Саттор Турсун дар баробари дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон таҳсили олӣ кардан ва бо устодони зиёди насри тоҷикӣ ҳамкорӣ кардан, инчунин аз адабиёти бузурги олам таҷриба андӯхтан, ҳамоно падарашро устоди нависандагии худ медонад.

Нависанда дар мусоҳибаи худ бо мухбири рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» – Хушбахт Ҳайдаршо ба саволи «Устоди шумо дар касби нависандагӣ, агар махфӣ набошад, кист?» – чунин посух додаст: «Чаро махфӣ бошад? – Падарам... Дуруст аст, ки ман роҳу равиши иншоро аз ҳар адиб ва ҳар хел омӯхтам, ҳоло ҳам меомӯзам. Бо вуҷуди ин, падарамро ягона

устоди худ медонам. Ҳар суҳбати ӯ, ки имрӯз синнаш қариб ба навад расида, маро торафт бештар ба хулоса меорад – дар вуҷуди вай, эҳтимол, суханвари мумтоз ё актёри бузурги фоҷиа дармондааст. Лафзаш он қадар рангин ва серпаҳлӯст, ки ман дар тасвираш оҷизам» [8, с.172].

Дар мусоҳибаи дигар, ки нависанда бо собиқ журналисти телевизион Ҳокими Азиз соли 2000-ум анҷом додаст, ба саволи: «Навиштанро бештар аз кӣ омӯхтед?» – чунин ҷавоби қотеъона додааст. «Аз пири тавоно Сотим Улуғзода, аз устод Фазлиддин Муҳаммадиев... Баъдтар, пас аз интишор додани як-ду маҷмуа, то имкон буд, ба адабиёти ҷаҳон ошно шуда, бараъло дидам, ки аз даҳҳо, садҳо устодони сухан омӯхтан мумкин аст. Адаб на фақат менависад, балки аз ҳар чизи хондааш сабақ низ мебардорад. Пас, ман ҳам алоқадри ҳол аз эҷоди адибони бақуввати дунё омӯхтаам» [10, с.492].

Саттор Турсун дар баробари кор дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ва ба майдони адабиёт ворид шудану таҳриру такмили навиштаҳои ҳамкорон ва дигарон роҷеъ ба осори нависандагони тоҷик: С.Айнӣ, С.Улуғзода, Ҷ.Икромӣ, Ф.Муҳаммадиев, Кӯҳзод, Сорбон, А.Самад, Ҷ.Акобиров, Баҳманёр, Сайф Раҳимзод ва шоирон Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Аминҷон Шукӯҳӣ, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулназар Келдӣ, Саидалӣ Маъмур, Меҳмон Бахтӣ, Гулрухсор ва дигарон андешаҳои хуб дорад ва ба ҳунари нависандагӣ ва шоирии онҳо қоил аст, ки ин гуфтаҳояш дар мақолаҳои публитстстияш, ки бо номҳои «Нафаси гарми ҳаёт», «Санги ман як ман», «Сухан аз дард бояд гуфт», «Наср зиндагист», «Хонаи дил шавад обод», «Қадри сухан», «Сухан аз мағзи ҷон ояд», «Хонанда ва нависанда», «Устод Айнӣ кӯҳи баланд аст», «Эътимод мепарварам», «Хонаи дил шавад обод» ва ғайра, ки дар маҷмуаи «Дарахти ҳазорсола» [8] гирд омадаанд, ифода гардидааст.

Саттор Турсун ҳамчун нависандаи муваффақ нависанда ва ҳунарашро воқеан, қадр мекунад ва таъкид менамояд, ки ҳангоми навиштан нависанда «бояд саропо гӯшу ҳуш бошад», «садои сукутро низ возеҳ шунида тавонад» ва «оҳанги суханаш аз хурдтарин латма ҳам халалдор шавад»: «Насрнавис

ҳангоми қалам рондан, шояд бештар аз шоир дар аснои шеър гуфтан, чӣ тавре меоранд, бояд саропо гӯшу ҳуш бошад. Ӯро ҳатто лозим аст, садои сукутро низ возеҳ шунида тавонад. Ва ҳаргиз нагузорад, ки тору пуди маводи ба таҳқиқ гирифтааш ақалан, лаҳзае тоб хӯрда, оҳанги суханаш аз хурдтарин латма ҳам халалдор шавад» [12, с.35].

Ба мисли нависандагони бузурги адабиёти тоҷик С.Айнӣ, С.Улуғзода, Ҷ.Икромӣ, Ф.Муҳаммадиев ва дигарон Саттор Турсун рисолати воқеии нависандаро дар хизмати содиқона ба халқ ва ҷомеа, гуфтану навиштани воқеаҳои зиндагӣ, дардошнову ҳассос будан ва ба фардои неки зиндагӣ бовар доштан дидааст: «Аз ҳама муҳиммаш, чунин шахс (яъне, нависанда – С.С.) бояд дар радифи ормонҳои халқаш зиндагӣ карда, то метавонад, ба вай аз сидқи дил дар хидмат бошад. Ҳамзамон, қарзи аввалиндараҷаи нависанда дар пеши ҷомеа... ҳаргиз чашм напӯшидан аз кулли зуҳуроти нохуши зиндагист. На танҳо бефарқ набудан, балки паҳлуҳои носози ҳаётро ба таҳлил гирифтан ҳам нахуст вазифаи ӯст. Нависанда табиатан ҳассос, дардошно, ҳатто фидоӣ бошад. Ва дар баробари ин, ҳеҷ гоҳ дилмонда нашуда, ҳамвора бо рӯзҳои хуш, ба фардои беҳтар аз замони худаш эътимод бандад» [10, с.526].

Шахсони эҷодкор дар зиндагӣ ва рӯзгори хеш хӯю хислати хос доранд, ки аз бисёр ҷиҳат ба дигарон монанд нестанд, яке бисёр гап мезанад, дигаре оромона суҳбат мекунад, сеюмӣ зудранҷ ва дағал аст ва бисёре аз онҳо бепарво ҳастанд ва ба проблемаҳои зиндагӣ диққат намедиҳанд. Нависандаи халқии Тоҷикистон Саттор Турсун низ аз зумраи он шахсони эҷодкор аст, ки ба худ хислатҳои хос дорад ва ҳамкорону нафарони корафтода ӯро сахтгапу дағал ва ҳатто назарбаланд мегуфтанд, ки ин тарафи хислатҳояшро нависанда дар мусоҳиба бо журналист Ҳокими Азиз кушоду равшан баён доштааст: «Савол: Ҳар як инсон, ба хусус шахси эҷодкор хислате дорад ба худ хос. Шумо хислати ба худатон хосро медонед?

– Хислати умдаи инсонро бештар дигарон медонанд. Ман ба ин паҳлуи хилқати худ чандон эътибор надодаам. Гап дар масъалаи шуғли эҷодӣ бошад, кам ё беш, ба ҳар ҳол медонам, ки то ҳадди имкон натарсида менависам.

Лекин, агар сухан аз хислатҳои зоҳирист, пас мегӯям, – сахтгапам, дар баъзе мавридҳо дағалам. Ақидаамро зуд ба рӯйи кас мекашам, ки вақте дуруст фикр мекунам, ба мо, мардуми кишварҳои Шарқ ғолибан раво нест. Дар сафи адибони мо шахсоне ҳастанд, ки хислатҳои инсонии онҳо ба ман хуш намеояд. Ва баръакс – рафтору кирдори маро низ намеписанданд. Лекин чӣ ҳоҷати гап, ки ман аслан одами як андоза дилтангам. Вале дар вуҷуди ман заррае тирагӣ нест. Рафту банохост касеро ранҷонам, зуд аз дилаш мебарорам» [10, с. 504-505].

Нависанда дар мақолаҳои публитсистияш ва мусоҳибаҳояш, ки дар китобҳои «Дарахти ҳазорсола» [8], «Зимистони умр» [10], ва «Фонуси хаёл (сатрҳои гаҳу ногаҳ)» [12] ҷамъ омадаанд, низ роҷеъ ба хислату рафтораш ва муносибаташ ба афроди гуногуни ҷомеъаро баён доштааст ва аз гуфтаҳояш ба хубӣ ба назар мерасад, ки воқеан, Саттор Турсун як шахси тарбиятдида, донишманд, донандаи чанд забон, маҳфилоро, назарбаланд, боҷасорат будааст, вале нисбат ба рафтори ношоями ҳамкорон бепарво нест. Ӯ сухани ҳақро дар мавриди зарурӣ бепарда мегӯяд ва рисолати одамгариву нависандагиро дар ҳақгӯӣ, эҳтироми шахси ҳунарманду донишманд, қадр кардани забони модарӣ, илмомӯзӣ ва тарбияи дурусти насли ҷавони миллаташ дидааст.

Саттор Турсун дар тарҷума низ қувваозмоӣ карда, хонандаи тоҷикро ба офаридаҳои чанде аз суханварони машҳури дунё, монанди Лев Толстой, Андрей Упит, Друтсе Ион, Серго Хонзорян, Александр Беляев, Ҷек Лондон, Грант Матевосян, Абдулкарим Ғаллоб, Андерсон Шервуд, Урхон Камол, З.Дӯстматов, Э.Аъзамов, Т.Алимов ва дигарон ошно кардааст. Фаъолияти тарҷумонии осори бадеӣ, ки Саттор Турсун анҷом додааст, аз соли 1970 оғоз меёбад ва ӯ ҳикояи нависандаи Марокаш Абдулкарим Ғаллобро бевосита аз забони арабӣ ба тоҷикӣ тарҷума кардааст. Саттор Турсун соли 1972 ҳикояи нависандаи латиш Андрей Упит «Дар сармо» ва аз осори адибони амрикоӣ Андерсон Шервуд ҳикояҳои «Саргузашт», «Романи мурда» ва Ҷек Лондон ҳикояи «Дар саҳни киштӣ»-ро аз забони русӣ ба тоҷикӣ тарҷума кардааст.

Нависанда Саттор Турсун ҳикоя ва повестҳои адибони ӯзбек З.Дӯстматов «Боварӣ», «Ҳарорат», «Подош», «Меҳр дар чашм», «Ҷароҳати дил» (1976), Э.Аъзамов «Ҷиян» (1981), «Рӯбоҳи ҳафтум», ТАлимов «Афсонаи охирин» (1991)-ро аз забони ӯзбекӣ бевосита ба забони тоҷикӣ тарҷума кардааст. Саттор Турсун тарҷумаи асарҳои нависандагони рус П.Романов «Кори осон» (1974), А.Беляев «Дар хизмати баҳр» (1977), М.Левин «Себ дар ҳалқа» (1974)-ро анҷом додааст. Ӯ «Ошёни муқаддас» ном драмаи шашпардагии драматурги молдавӣ Друтсе Ион (1979) ва ҳикояи нависандаи қирғиз М.Муродалиев «Пеш аз ғуруб»-ро соли 1980 ба забони тоҷикӣ тарҷума намудааст.

Дар тарҷумаи осори бадеӣ Саттор Турсуни тарҷумон ва Саттор Турсуни нависанда ба ҳам омада, забони тарҷумаҳои ӯро муассир ба руҳи асл ва талаботи хонандаи тоҷик мувофиқ кунонидааст.

Соли 1982 бо фармоиши Кумитаи давлатии телевизион ва радиошунавоии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ аз рӯйи повести ӯ «Камони Рустам» дар киностудияи ҷумҳурӣ филми бадеӣ бо номи «Айёми абрҳои тобистон» иборат аз ду қисм ба навор гирифта шуд, ки дар саросари Иттиҳоди Шуравӣ мақбули тамошобинон гардид, ки ин филмро то ҳол намоиш медиҳанд.

Саттор Турсун узви раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, узви ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Садои Шарқ» буд. Дар ҷараёни кори пурбаракати эҷодияш Саттор Турсун барои таълифи асарҳои баландғояи миллӣ ва дархури талаботи маънавии инсонҳо, хидматҳои арзандааш дар равнақи густариши адабиёти муосири тоҷикӣ, раванди демократикунонии ҷамъият ва тарбияи як катор адибони ҷавон бо Ифтихорномаҳои ҳукуматӣ, медалҳо, ордени «Дӯстӣ» унвонҳои Лауреати мукофоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ ва Нависандаи халқии Тоҷикистон мушарраф гардидааст.

Роҳи эҷодии Саттор Турсун аз навиштани аввалин ҳикояи ӯ дар солҳои донишҷӯияш бо номи «Дар роҳ» оғоз шуда, то иншои ҳикояҳои дилчаспу повесту романи воқеан муҳим дар адабиёти муосири тоҷикӣ давом доштааст.

Саттор Турсун дар маҷмуъ, беш аз 50 ҳикоя, 7 повест, 1 роман, 4 эссе, 1 қисса барои кино, 20 новелла ва мақолаҳои зиёди (беш аз панҷоҳ адад – С.С.) публисистӣ, мусоҳибаҳои ҷолиб дар мавзуъҳои муҳими фарҳангӣ ва иҷтимоӣ иншо кардааст.

Дар баробари заҳмати нависандагӣ ва тарҷумонӣ Саттор Турсун як қатор мақолаҳои публитсистие дорад, ки маҳз ба раванди ҳам назм ва ҳам насри муосир бахшида шудаанд ва хусусияти адабиётшиносиву мунаққидӣ низ доранд, ки ба ин қисмат мақолаҳои «Нафаси гарми ҳаёт», «Сухан аз дард бояд гуфт», «Тарҷума истеъдод мехоҳад», «Наср зиндагист», «Адиби дардошно», «Қадри сухан», «Сухан аз мағзи ҷон ояд», «Хонанда ва нависанда», «Устод Айни кӯҳи баланд аст...», «Сарнавиштҳо ва симоҳо», «Забон ва миллат», «Барои минбаъд», «Сабзаҳои муҳаббат сар кашанд», «Китобе бо номи зиндагӣ» ва дигар мансубанд, ки дар фасли оянда роҷеъ ба публитсистикаи нависанда андешаронӣ хоҳем кард.

Омӯзиши оқилона дунёи маънавии адибро ғанӣ гардонида, ҷаҳонбинияшро васеъ, ҳунарашро сайқал дода, истеъдодашро қавӣ гардонидааст. Ҳамин омӯзиши муназзам буд, ки дунёи маънавӣ, истеъдод ва ҷаҳонбинии Саттор Турсун густариш ёфта, ӯро дар радифи нависандагони бузурги тоҷик ҷойгузин кардааст.

Саттор Турсун дар умри бобаракати хеш ва эҳсос кардани пешрафтҳову мушкилоти зиндагӣ ва дар вазифаҳои пурмасъулият софдилона хизмат кардан қалами бисёр эҷодкорони ҷавони кишварро росту дуруст намудааст ва рӯзгори мушкилу печидаи зиндагиро аз сар гузаронидааст. Ин нависандаи пуркор ва муслиҳи иҷтимоӣ муҳимтар аз ҳама бо эҳсоси баланд «бори суханро кашида, ба хазинаи насри навини тоҷик роман, қисса ва ҳикояҳои ҷолибу мондагор афзуда тавонист».

Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Саттор Турсун 5-июни соли 2023, дар синни 77-солагӣ дар шаҳри Душанбе вафот кардааст ва манзили ҷовидонии ӯ дар Оромгоҳи Лучоб қарор гирифтааст.

## 1.2. Саттор Турсун ва таснифи асарҳои ӯ

Маҷмуаи аввалини Саттор Турсун соли 1971 дар нашриёти «Ирфон», таҳти унвони «Дили гарм» бо пешгуфтори нависанда Юсуфҷон Акобиров аз чоп баромадааст, ки аз ҳафт ҳикоя фароҳам омадааст, ки ин ҳикояҳо ба таври алоҳида дар саҳифаҳои рӯзнома ва маҷаллаҳо, аз ҷумла «Хостгор» (Садои Шарқ, 1968, №9. – С.28-39), «Нигина» (Маориф ва маданият, 1967, 30-январ), «Хоҷамаст» (Садои Шарқ, 1970, №7. – С.78-83), «Гулдаста» (Садои Шарқ, 1969, №3. – С.62-69), «Як пиёла чой», «Соҳиби кулоҳ» (Садои Шарқ, 1968, №1. – С.52-55) «Боздид» (Тоҷикистони советӣ, 1967, 30-сентябр) ба чоп расида буданд, ки дар бораи муваффақиятҳо ва камбудиҳои ин асар Ю.Акобиров зикр кардааст, ки «Китоби якуми нависанда – нахустин муҳаббати ӯст. Нахустин муҳаббати ҷавон бошад, бо содагиву шармгинӣ, бо хомию беҷуръатиҳои ӯ низ зебост. Зеро дар он чизи аз ҳама муҳим ва пурқиммат покӣ ва самимияти дили ҷавонӣ аст» [1, с. 3]. Тақризи нахустинро ба маҷмуаи ҳикояҳои нависанда Саттор Турсун «Дили гарм» Равшани Ёрмуҳаммад навишта, барои эҷоди ин маҷмуа ва заҳмати ӯ баҳои воқеӣ додааст.

Муҳаққиқ Қарор Нурқаев дар бораи ин маҷмуаи Саттор Турсун таъкиди ҷолибе намудааст, ки: «Бо вуҷуди содагию шармгинӣ ва беҷуръатиҳо нахустин ҳикояҳои Саттор Турсун гувоҳи онанд, ки ӯ дар ҷодаи адабиёт роҳгузари тасодуфӣ нест ва бо диду назари тоза, усули нигориши ботамкин ва интихоби хоси мавзуъ ба майдони эҷод ворид гардид. Нависанда дар ҳикояҳо барои тасвири бадеӣ лаҳзаҳои нисбатан характерноки ҳаётро интихоб менамояд, ки ин ҷиҳат барои ифодаи мақсадҳои ғоявию бадеияш имкон додаанд» [54, с.22].

Соли 1974 маҷмуаи «Сукути куллаҳо» [2], ки шомили повести ҳамном ва ҳикояҳои «Падар», «Чорсу», «Васият» ва «Талқини суруд» мебошад, аз чоп баромад, ки китоби дуюми нависанда буда ва асосан мавзуи ин маҷмуа душвориҳои ақибгоҳро дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ фаро гирифтааст. Ин повест аввал соли 1972 дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ва рӯзномаи

«Комсомоли Тоҷикистон» чоп шуда, баъд ба шакли китоби алоҳида ба нашр расидааст.

Дар соли 1979 маҷмуаи «Аз субҳ то шом» [3] ба чоп расид, ки дар он ҳикояҳои «Думбура», «Аз субҳ то шом», «Падар», «Хотира», «Ситораи корвонкуш», «Обдорӣ», «Хоҷамаст» ва «Субҳидам» паи ҳам омадаанд. Мавзуи ин ҳикояҳо асосан, дунёи ботинии ҳамзамонони мо мебошанд, ки ҳар якеро нависанда бо завқу салиқаи хос иншо намудааст.

Оид ба вижагиҳои ин ҳикояҳо ва повести «Сукути қуллаҳо» баъдан таваққуф хоҳем кард ва ҳамин нуктаро афзуданием, ки ин повест ва ҳикояҳои аввалини нависанда намоёнгари истеъдоди баланди мутафаккир ва ифшогари розу ниёзи инсонҳои ҳамзамон ва гузашта будани нависандаи ҳанӯз ҷавонро нишон медиҳад. Тасвири симоҳо ва кушодани характери персонажҳо ба нависанда ба хубӣ даст додааст ва андешаи: «Нахустин ҳикояҳо ва повести «Сукути қуллаҳо», ки аз баъзе ҷиҳатҳо ҳанӯз асари шогирдона буданд, вале бояд гуфт, ки дар ин асарҳои Саттор Турсун ҳам нишонаҳои назари ҷиддие ба мазмуни инсонии ҳастии мардум дида мешавад» [86, с. 317] бамаврид ва дурустанд. Яъне, Саттор Турсун ҳанӯз аз қадамҳои аввалин ба роҳи эҷод бо азми дуруст ва ҷиддият асарҳо эҷод кардааст, ки назари муҳаққиқони адабиёт ва мунаққидон ба асарҳои ӯ нек аст.

Ҳангоми баррасии адабиёти солҳои шасту ҳаштод, вақте насри ин солҳо таҳқиқ карда мешавад, ба назар мерасад, ки дар насри ин солҳо нависандагони ҷавони болаёқате, ба мисли Ф.Муҳаммадиев, Ю.Акобиров, М.Хоҷаев, У.Кӯҳзод, С.Турсун, Сорбон, А.Самад, К. Мирзоев, Баҳманёр, С.Раҳимзод ва дигарон ба фаъолият пардохтаанд.

Роҳи эҷодии Саттор Турсун зина ба зина пеш рафта, соли 1982 повести «Камони Рустам» [4] ба нашр расид, ки мавзуи ин повест ишқи ду дилдода ва ахлоқу одоби ҷавонон ва мазаммати нопокиву худхоҳии баъзе ашхоси ҷомеа буда, бо услуби ҷолиб иншо шудааст. Ин повест аввал соли 1975-1976 дар шумораҳои 4, 5, 6-и маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шуда, баъд аз таҳрири ҷиддӣ соли 1982 ба нашр расидааст. Дар нашри соли 1976 ба чоп расида, бо

номи «Камони Рустам» шаш ҳикояи нависанда «Ситораи корвонкуш», «Нисфирӯзӣ», «Раъду барқ», «Қиссаи чашмони сиёҳ», «Як даста гул» ва «Шабе дар роҳ» низ ҷой дода шудаанд.

Соли 1983 маҷмуаи «Барф ҳам мегузарад» [5], ки фарогири чаҳор повест «Пайванд», «Сукути қуллаҳо», «Обдорӣ», «Мегӯянд, ки модарам...», ҳикояҳои «Мӯйсафедон», «Барф ҳам мегузарад» ва эссеи «Қадри сухан» мебошад, нашр гардидааст.

Соли 1982 маҷмуаи навбатии ҳикояҳои Саттор Турсун бо номи «Зиндагӣ дар домани талҳои сурх» ба нашр мерасад ва ба гуфти худи ӯ ин маҷмуа нотамом аст ва нависанда орзу доштааст, ки ин силсиларо давом диҳад. Ҳарчанд дар ин силсила ҳикоятҳо гуногунанд, вале қаҳрамони асосӣ як нафар рассоми ҷавон Шодмон аст, ки муносибати ӯ бо одамони гуногун сюжети асарҳоро ташкил додааст. Дар силсилаи «Зиндагӣ дар домани талҳои сурх» повести «Мегӯянд, ки модарам...» (1983), ва «Қиссаи марди гаҳворасоз» (1983) ва ҳикояҳои дигар чоп шудаанд. Саттор Турсун қайд кардааст, ки «Умуман, «Зиндагӣ дар домани талҳои сурх» бароям хеле азиз аст. Зеро дар ин асар одамони аз овони кӯдакӣ ба ман шинос, ки дар бораи хӯю хислат ва ҳаёти рангини онҳо ё аз мӯйсафедон шунидаам ё эшонро ба чашми худ дидаам, тасвир шудаанд ва агар фурсат пеш ояд, тасвир ҳам мешавад» [9, с.254].

Саттор Турсун соли 1983 повести «Пайванд»-ро эҷод кардааст, ки қаҳрамони асосии асар Фарҳод аст, ки ҳамчун мутахассиси астрофизики донишкадаи Москва буда, дар озмоишгоҳҳои шиноварии уқёнуси Ҳинд кор мекунад. Симои Фарҳод ҳамчун образи марказии асар пайванди асосӣ ва маънавии рӯзгорашро, ки аз деҳаи кӯҳистони тоҷик оғоз мегирад ва ба олами илму фарҳанги ҷаҳонӣ ва фатҳи қуллаҳои илм мерасад, ки дар бофти бадеии зебои нависанда аён мегардад ва ба хонанда таъсири амиқ мерасонад. Фарҳод ба дарки қонунҳои зиндагӣ ва ҷомеа аз ҳамин шинохти пайванди деҳа ва шаҳрҳои азим расидааст.

Маҷмуаи навбатии Саттор Турсун повести «Обдорӣ» мебошад, ки соли 1983 эҷод шуда, мавзуи он фаъолияти якрӯза, вале пурсамари образи марказӣ Қамчин аст, ки раванди воқеаҳои асар ором ҷараён гирифта, аз нигоҳи замон ва макони бадеӣ маҳдуд аст. Вале нависанда дар ҳаёти якрӯзаи қаҳрамони асар ҳастии ботинии инсони заҳматкаши бовиҷдон ва ростқавлро нишон додааст.

Повести дигари нависанда «Мегӯянд, ки модарам...» унвон дошта, соли 1982 навишта шудааст ва асари лирикист, ки банду басти повест ба шакли қисса андар қисса эҷод шудааст [5]. Дар повест муколамаи қаҳрамони асар ва такрори баёни нутқи образҳои дигар аз хусусиятҳои бадеии асар мебошад. Қаҳрамонҳои повест инсонҳои андешаманд ва ботамкин мебошанд, хусусан Шодмони рассом. Инчунин, Иқбол ва Нусрати Даврон низ боандеша буда, фаъолияти худ ва рафторашонро ҳамеша таҳлил мекунанд.

Дар соли 1986 маҷмуаи «Дувоздаҳ ҳикоя» [6] чоп шуд, ки дар он ҳикояҳои «Боздид», «Чорсу», «Хостгор», «Қиссаи чашмони сиёҳ», «Нигина», «Шабе дар роҳ», «Талқини суруд», «Хоҷамаст», «Хотира», «Васият», «Раъду барқ», «Нисфирӯзӣ» ва эссеи «Нафаси гарми ҳаёт» фароҳам омадаанд, ки мавзуи асосиашон ахлоқ, одаму одамгарӣ ва ишқу вафо мебошанд. Баъзе ҳикояҳои ин маҷмуа, аз ҷумла ҳикояҳои «Чорсу», «Талқини суруд», «Васият» дар маҷмуаи «Сукути қуллаҳо» (1974) ва ҳикояҳои «Хоҷамаст», «Хотира» дар маҷмуаи «Аз субҳ то шом» (1979) қаблан ба нашр расида буданд.

«Дарахти ҳазорсола» маҷмуаи навбатии асарҳои нависанда аст, ки соли 1991 ба чоп расидааст. Дар ин маҷмуа, дар қисмати аввал аз саҳифаи 7 то 94 20 новелла ҷойгузин шудаанд, ки худи нависанда онҳоро новелла номидааст ва дар мавзуъҳои гуногуни иҷтимоӣ навишта шудаанд. Инҳо новеллаҳои «Доғ», «Ҳолат», «Завол», «Талош», «Беморӣ», «Тасодуф», «Борон», «Фарзанд», «Арча», «Рӯъят», «Навда», «Душманон», «Ташнагӣ», «Оқибат», «Асир», «Дом», «Тардид», «Қазо», «Пахта», «Зиндагӣ» мебошанд. Ин новеллаҳо ба шаклу тарзе навишта шудаанд, ки хонанда ҳангоми хондан онҳоро бо оҳанги хос мехонад ва дар ин новеллаҳо калимаву ибора ва

ҷумлаҳои зиёдатӣ ҷой надоранд ва ҳама дар доираи мавзуи матраҳшаванда чарх мезананд. Дар қисми дувуми маҷмуаи «Дарахти ҳазорсола» зери рубрикаи «Санги ман як ман», аз саҳифаи 97 то 253 бисту се (23) андешаҳо доир ба масъалаҳои адабиёт, ҷойгоҳи наср дар адабиёти муосири тоҷикӣ, фаъолияти нависандаҳо, мавқеи нақди адабӣ, ахлоқи ҷомеа, мавқеи забони модарӣ, нашри асарҳо, хонанда ва китоб, муносибати миллатҳои шуравӣ, мусоҳибаҳо ва афкори таҳлилии нависанда оид ба раванди назму насри муосири тоҷикӣ ва ғайра ҷой гирифтаанд [8].

Дар соли 1988 нахустин романи Саттор Турсун бо номи «Се рӯзи як баҳор» [7] чоп шуд, ки қуллаи баланди эҷодии нависанда маҳсуб меёбад. Романи «Се рӯзи як баҳор» аз нигоҳи мазмун, хати сюжет ва тасвири воқеаҳо дар пояи баланди ҳунарӣ иншо шудааст. Дар роман ҳар панҷ унсури сюжет ба тарзи ҷолиб, дар фосилаи се рӯз оғоз ва ҷамъбаст гардидааст, ки аз ҳунари баланди нависанда дарак медиҳад.

А. Сайфуллоев оид ба ҳунари нависанда дар офаридани образҳои марказии ин асар чунин нигоштааст: «Саттор Турсун қаҳрамонони худро дар вазъу ҳолатҳои тақдирсоз, дар мавриди интихоби ҳаёт ва мамот нишон медиҳад. Дар ин маврид хислатҳои фардии инсон пурраю мукаммал ба зуҳур меоянд» [63, с. 207].

Нишон додани хислатҳои фардии инсон дар интихоби роҳи дурусти ҳаёт аз ҳунари воқеии нависанда далолат мекунанд. Роҷеъ ба паҳлуҳои гуногуни ин роман дар боби сеюми диссертатсия андешаронӣ хоҳем намуд.

Дар дохили асари «Се рӯзи як баҳор», ки унвони роман аст, ҳикояҳои «Қиссаи марди гаҳворасоз», «Аз субҳ то шом», «Падар», «Охирин рӯзи тирамоҳ», «Думбура», «Роҳи паст, баланд...», «Ситораи корвонкуш», «Панҷаи нарми шафақ» ва қиссаи «Девор», ки барои кино махсус нигошта шудааст, ворид гардидаанд. Аз ҳикояҳои дар ин маҷмуа воридшуда, ҳикояҳои «Аз субҳ то шом», «Думбура», «Ситораи корвонкуш», «Падар» пештар дар маҷмуаи «Аз субҳ то шом» (1979) чоп шуда буданд ва ҳикояҳои «Қиссаи марди гаҳворасоз», «Охирин рӯзи тирамоҳ», «Роҳи паст, баланд...»,

«Панҷаи нарми шафақ» ва қиссаи «Девор», ки барои кино офарида шудааст, наванд.

Дар соли 2002 маҷмуаи дигари Саттор Турсун бо номи «Санг дар бағал ба тӯфон» [9] бо унвони қисса чоп шуд, ки аз нигоҳи шакл ҳамоно повест аст. Мавзуи асосии ин қисса аз рӯзгори як нафар марди мубтало ба қассосгирӣ ҳикоят мекунад ва интиқомгириву сиёҳдилӣ ва кинаву кудуратро нависанда ҳамчун хислатҳои бади инсонӣ мазаммат мекунад. Сохти композитсионии ин повест, ҷолиб буда, аз оғоз то ҷамъбаст бо як ҳаракати тунду тез, пурзиддият, ҳамеша банд будани қаҳрамонҳои асар ба коре, ба иҷрои ягон амале марбут аст. Нависанда зиддияти қаҳрамонҳо ва драматизми воқеаро то анҷоми сюжет мебарад, ки дар ниҳояти кор Рашод ва Раҳими Акбар ба марг мерасанд, ки аввалӣ аз лагади аспи Раҳими Акбар ва дигарӣ – Раҳими Акбар аз захми корди Рашод ба ҳалокат мерасанд. Дар ин маҷмуа андешаҳои нависанда дар боби вазъи адабиёт ва раванди эҷодиву масъалаҳои таҳкимбахшии ахлоқи ҷомеа бо номи «Суботи дасти дӯстӣ санги адоват бишканад», ки фарогири сездаҳ андешаҳои гуногунмазмунанд, фароҳам омадаанд.

Маҷмуаи қиссаҳо, ҳикояҳо ва андешаҳои Саттор Турсун бо номи «Зимистони умр» соли 2006 [10] нашр гардид. Ин маҷмуа фарогири қиссаи «Ҳасрат» ва ҳикояҳои «Сарфаи сари оташдон», «Ноомади кор», «Панҷ ҳолат», «Нияти нек – худи давлат», «Катарин» мебошад, ки ин асарҳо нав буда, қаблан дар маҷмуаҳои дигар нашр нашудаанд. Инчунин, дар ин маҷмуа қисса-эссеи «Дӯсти ман Бароталӣ», сатрҳои гаҳу ногаҳ, яъне гуфтаҳои иборат аз як ҷумла ё як саҳифа, ки ба шакли ёддошт ё хотирот ҷамъ омадаанд, бо номи «Фонуси хаёл» ва андешаҳои нависанда зери унвони «Садои дузарби ҳастӣ», ки мавзуъҳои ҳувияти миллӣ, покиза нигоҳ доштани забони модарӣ, қадри истеъдодҳо ва мусоҳибаҳои нависанда ва хотираҳои ӯро дар бораи шахсиятҳои гуногуни фарҳангӣ ва эҷодӣ фаро гирифтаанд, паи ҳам барчида шудаанд.

Соли 2013 маҷмуаи дигари асарҳои Саттор Турсун зери унвони «Мунтахаби осор» бо пешгуфтори нависанда Равшани Махсумзод «Ранҷи расми инсоншиносӣ» ба нашр расидааст, ки дар ин мунтахаб романи «Се рӯзи як баҳор», повести «Обдорӣ ё худ Кавкабони кабуд» ва 24 ҳикояҳо, ки солҳои

гузашта дар маҷмуаҳои дигар нашр шуда буданд, фароҳам омадаанд [11]. Повести «Обдорӣ ё худ Кавкабони кабуд» бо номи «Обдорӣ» охири солҳои ҳафтодум нашр шуда буд, вале нависанда онро бо унвони нави «Обдорӣ ё худ Кавкабони кабуд» таҳриру такмил кардааст. Аз баррасии повест ба назар мерасад, ки нависанда дар мундариҷаи он тағйироти зиёд ворид накардааст.

Асари дигари нависанда, ки бо номи «Фонуси хаёл» (сатрҳои гаҳу ногаҳ), ки соли 2023 дар шаҳри Хуҷанд бо пешгуфтори шоира Фарзона «Қалъаи сухан» ба нашр расидааст [12], фарогири гулчини хотираву ҳикмату бардошту андешаҳои Саттор Турсун аз зиндагӣ, аз нависандагӣ, муносибату муошират бо мардум, ҳамқаламон, дӯстон, дар бораи адабиёт, ҳунари нависандагӣ ва ғайра мебошад.

Саттор Турсун дар радифи асарҳои бадеӣ мақолаву эссе ва андешаҳои зиёди публитсистӣ низ навиштааст. Ӯ нависандаест, ки воқеан, мутолиаи зиёд доштааст ва маърифатмандиаш то ҷое қобили таваҷҷуҳ мебошад. Саттор Турсун на танҳо асар навиштааст, балки дар мавриди осори ҳамкасбони худ баҳсҳои илмӣ кардааст ва ба фаъолияти онҳо баҳои воқеӣ додааст. Ӯ аз ҷумлаи адибони таҳлилгар аст, ки дар адабиёти муосири тоҷикӣ чунин нафаронро кам ба мушоҳида мегирем.

Андешаҳри публитсистии Саттор Турсун дар се маҷмуаи осораш гирд омадаанд:

1. «Дарахти ҳазорсола», ки дар ин маҷмуа 23 мақола ва мусоҳибаву андешаҳои публитсистии нависанда ҷойгузин шудаанд ва ба масъалаҳои мухталифи адабиёт, фаъолияти нависандагону шоирон, густариши насри муосир, забони миллӣ, ояндаи адабиёт, назари худи нависанда ба насри муосири тоҷикӣ, тарбияи насли ҷавони адибон ва ғайра бахшида шудаанд.

2. «Санг дар бағал ба тӯфон» маҷмуаест, ки дар он як силсила андешаҳои хуби Саттор Турсун (13 адад) доир ба адабиёт, ҳаёти фарҳангиву иҷтимоии ҷумҳурӣ ба тартиб омада, дар бадали солҳои охир тавассути рӯзномаву маҷаллаҳо интишор ёфтаанд ва ахиран дар ҳамин маҷмуа дар як ҷо мақолаву суҳбатҳои нависанда бо мухбирони рӯзномаҳо ба чоп расидаанд.

3. «Зимистони умр» маҷмуаест, ки дар он 17 адад мақолаву мусоҳибаҳо ва андешаҳои публитсистии Саттор Турсун роҷеъ ба масъалаҳои тозагии забони модарӣ, ватанпарастӣ, ҳофизаи таърихӣ, ҷойгоҳи нависанда дар ҷомеа ва ғайра фароҳам омадаанд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки қариб тамоми асарҳои Саттор Турсун ба забони русӣ тарҷума шудаанд. Аз рӯйи нишондоди ӯ, асарҳояш ба ғайр аз Ҷумҳурии Литва дар тамоми ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ ё дар рӯзномаву маҷаллаҳо ё дар шакли китоби алоҳида нашр гардидаанд. Навиштаҳои Саттор Турсун ба забони русӣ дар маҷаллаҳои «Наш современник», «Дружба народов», «Аврора», «Молодая гвардия», «Роман-газета», ҳафтаномаҳои «Литературная газета» ва «Литературная Россия» чоп шудаанд. Инчунин, дар маҷмуаҳои дастаҷамъии нашриёти Москва, ба мисли «Мо ҷавононем», «Ёдҳо», мунтахаботи «Дружба народов», «Тулӯъ», «Дар домани кӯҳҳои кабуд», «Варта», «Насри ҷавонон», «Ҳар чӣ ном дорам...» ва ғайра гирд омадаанд.

Тавре қаблан ишора карда будем, аксари асарҳои Саттор Турсун ба забони русӣ тарҷума шудаанд, аз ҷумла:

1. Повести «Камони Рустам» (Лук Рустама) соли 1979 дар нашриёти «Молодая гвардия», дар тарҷумаи С.Шевелева бо ҳамроҳи повести «Сукути қуллаҳо» (Молчание вершин) дар тарҷумаи А.Орлов, дар як ҷилд бо пешгуфтори Нависандаи халқии Тоҷикистон Фазлиддин Муҳаммадиев ба забони русӣ бо унвони «Об авторе» – (дар бораи муаллиф) ба чоп расидааст.

2. Соли 1982 маҷмуи повестҳо ва ҳикояҳои Саттор Турсун бо номи «Саттор Турсун. И снег сойдет. Повести и рассказы, перевод с таджикского» ба чоп расидааст, ки фарогири повестҳои «Второе возвращение» (Умри дубора), дар тарҷумаи А.Богатирев, «Полив» (Обёрӣ), дар тарҷумаи муаллиф ва А.Богатирев, «Молчание вершин» (Сукути қуллаҳо), дар тарҷумаи А.Орлов анҷом ёфтааст. Дар ҳамин маҷмуа 12 ҳикояи Саттор Турсун бо номҳои «И снег сойдет» (Барф ҳам мегузарад) дар тарҷумаи Л.Қандинов, «С утра до вечера» (Аз субҳ то шом) дар тарҷумаи С.Шевелева, «Домбра» (Думбура), дар тарҷумаи А.Богатирев, «Тропа на Дугабу» (Пайроҳа ба Дуғоб) дар тарҷумаи А.Богатирев, «Перекресток» (Гузаргоҳ) дар тарҷумаи В.Талвик, «Мать-мачеха» (Модарандар)

дар тарҷумаи Ю.Харламов, «Корвонкуш» (Корвонкуш) дар тарҷумаи А.Орлов, «Память» (Хотира) дар тарҷумаи худи муаллиф ва Ф.Масуми, «Кашгарский дутар» (Дутори кошғарӣ) дар тарҷумаи В.Талвик, «Бессоница» (Бехобӣ) дар тарҷумаи В.Талвик, «Дракон на сольнечной стороне» (Аждаҳо дар самти офтобӣ) дар тарҷумаи А.Богатирев ва «Старики» (Мӯйсафедон) дар тарҷумаи Л.Қандинов мебошад.

3. Соли 1990 маҷмуаи навбатии роман, повестҳо ва ҳикояҳои Саттор Турсун зери унвони «Саттор Турсун. Жизнь у красных холмов. Роман, повести, рассказы, перевод с таджикского (фарси)» ба забони русӣ ба чоп расидаанд , ки дар ин ҷилд нахуст романи «Три дня одной весны» (Се рӯзи як баҳор), тарҷумаи А.Нежний, баъд повестҳои «Жизнь у красных холмов» (Зиндагӣ дар домани талҳои сурх), тарҷумаи А. Богатирев, «Голубые звезды» (Ситораҳои кабуд), тарҷумаи А. Богатирев, «Говорят, что мама…» (Мегӯянд, ки модарам…), тарҷумаи А.Верещагина ва ҳикояҳои «Отец» (Падар), тарҷумаи Б.Пшеничний, «Последный день осени» (Охирин рӯзи тирамоҳ), тарҷумаи Г.Григорян, «Однажды ночю» (Як шабе), тарҷумаи Л.Қандинов, «Перекресток» (Гузаргоҳ), тарҷумаи В.Талвик, «Ходжа-маст» (Хоҷамаст), тарҷумаи Л.Қандинов, «Дорога в город» (Роҳ ба шаҳр), тарҷумаи Г.Григорян ва «Благодатный Мирхабиб» (Мирҳабиби бошарофат, аслан «Қиссаи марди гаҳворасоз» аз силсилаи «Зиндагӣ дар домани талҳои сурх» мебошад), тарҷумаи Л.Долгошева ба тартиб омадаанд.

4. Дар соли 1990 инчунин, маҷмуи роман, повестҳо ва ҳикояҳои Саттор Турсун бо унвони «Саттор Турсун. Три дня одной весны. Роман. Повести. Рассказы, перевод с таджикского (фарси)» зери ҳидояти «Библиотека «Дружба народов» (Китобхонаи «Дӯстии халқҳо») ба нашр расидааст. Дар ин маҷмуа нахуст романи нависанда «Три дня одной весны» (Се рӯзи як баҳор), тарҷумаи А.Нежний, баъд повестҳои «Молчание вершин» (Сукути қуллаҳо), тарҷумаи А.Орлов, «Лук Рустама» (Камони Рустам), тарҷумаи С.Шевелев ва ҳикояҳои «И снег сойдет» (Барф ҳам мегузарад), тарҷумаи Л.Қандинов, «Перекресток» (Гузаргоҳ), дар тарҷумаи В.Талвик, «Домбра» (Думбура), тарҷумаи А. Богатирев, «Мать-мачеха» (Модарандар), тарҷумаи Ю.Харламов, «Корвонкуш»

(Корвонкуш), тарҷумаи А.Орлов, «Дракон на солнечной стороне» (Аждаҳо дар самти офтобӣ), тарҷумаи А. Богатирев фароҳам омадаанд.

Аз мисолҳои овардашуда ба назар мерасад, ки дар маҷмуъ қисми бештари асарҳои Саттор Турсун, аз ҷумла романи «Се рӯзи як баҳор», повестҳои «Камони Рустам», «Сукути қуллаҳо», «Мегӯянд, ки модарам…», «Барф ҳам мегузарад», «Умри дубора», «Обёрӣ» ва силсилаи «Зиндагӣ дар домани талҳои сурх» ва ҳикояҳои бисёраш ба забони русӣ тарҷума шудаанд

Зарур ба таъкид аст, ки баъд аз ба забони русӣ чоп шудани асарҳои Саттор Турсун дар газета ва маҷаллаҳои даврони шуравӣ, донишмандон ва муҳаққиқони рустабор ба осори нависанда таваҷҷуҳ зоҳир намуда, муваффақиятҳои эҷодияшро таъкид кардаанд. Аз ҷумла, П.Улямов соли 1979 дар «Литературная газета» [155], Кузнетсов Ф. дар «Роман газета», соли 1978 бо унвони «Путь к зрелости» [131] дар мавриде ки асарҳои нависандагони ҷавони шуравиро таҳлил мекунад, аз муваффақиятҳои эҷодии Саттор Турсун ва асарҳояш андешаҳои ҷолиб гуфтааст. Баъд, мақолаҳои муҳаққиқони рус Ю.Томашевский соли 1980 дар «Литературное обозрение» [134 ] ва А.Неверов соли 1983 дар «Литературная газета» [133] ба чоп расидаанд, ки дар маҷмуъ комёбиҳои эҷодии нависандаро бозгӯӣ кардаанд.

Инчунин, асарҳои Саттор Турсун бо забонҳои олмонӣ, маҷорӣ, англисӣ, булғорӣ, ветнамӣ, арабӣ, словакӣ, тагил, урду ва тамоми ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ тарҷума ва чоп гардида, дар Ҷумҳурии исломии Эрон низ аз тариқи маҷаллаи «Симурғ» интишор гардидаанд. Аз ҷумла, ҳашт китоби алоҳидаи нависанда дар нашриётҳои бонуфузи Москва, Таллин, Будапешт, Тошканд, амсоли «Известия», «Молодая гвардия», «Радуга», «Советский писатель», «Пооминг», «Европа», «Ёш гвардия» ба забонҳои русӣ, эстонӣ, маҷорӣ, ӯзбекӣ ва арабӣ ба табъ расида, дар маҷаллаҳои «Литературное обозрение», «Дружба народов», «Нева», «Шарқ юлдузи» дар ҳафтаномаҳои «Литературная газета» ва «Неделя» аз ҷониби адибони шинохта баҳои баланд гирифта, эътибори насри муосири тоҷикиро дар миқёси байналхалқӣ афзудаанд.

Асарҳои Саттор Турсун дар нақди адабии тоҷик ва бахусус, нақди адабии рус низ баҳогузорӣ шудааст. Он аз тарафи мунаққидони рус А.М. Боршаговский

[111, с. 34], Ф.Кузнетсов [131, с. 63] ва П.Улямов [155, с. 4] воқеъбинона баҳо гирифтааст.

А.М. Боршаговский андешаҳояшро оид ба повести «Сукути қуллаҳо»-и Саттор Турсун чунин баён намудааст: «Повести «Сукути қуллаҳо» бештар ба ягонагии дохилӣ, инкишофи динамикии сюжет, бо бархӯрди тунду тез ва шиддати бархӯрди характерҳо маро ҳамчун хонанда қонеъ гардонид... Ҳис мешавад, ки сюжет ва воқеаи асар бе ягон дахолати муаллиф хеле табиӣ инкишоф меёбад. Дар асар байни характерҳо ва тадриҷан ошкор шудани онҳо барои хонанда байни ҳаракати онҳо дар повест ва дар худи сюжет таносуби муайян мушоҳида мешавад» [111, с. 33]. Ақидаҳои муҳаққиқон ва нависандагони рус дар бораи мавзуъ, мундариҷа, маҳорати сюжетсозӣ ва образофарии Саттор Турсун аслан ҳамгунанд.

И.С. Брагинский қимати эҷодиёти Саттор Турсунро дар он дидааст, ки «Вай дар асарҳояш раванди аз психологияи худхоҳӣ ба психологияи коллективӣ гузаштани инсонро нишон медиҳад» [112, с. 37].

Аз байни ёздаҳ маҷмуаи осори ба забони тоҷикӣ чопшудаи Саттор Турсун чор маҷмуа бо пешгуфтори нависандагон оғоз мешавад, якум: «Дили гарм» (1971) бо пешгуфтори Юсуфҷон Акобиров, дуюм: «Санг дар бағал ба тӯфон» (2002) бо пешгуфтори нависанда Равшани Ёрмуҳаммад бо унвони «Қуллаҳои Басванд» [9, с.18] оғоз мегардад. Сеюм, маҷмуаи «Зимистони умр» (2006) бо пешгуфтори Абдулҳамид Самад «Умре гирифтори сухан» [10, с.5-10] ва чаҳорум маҷмуаи «Мунтахаби осор» (2013) бо пешгуфтори Равшани Махсумзод «Ранҷи расми инсоншиносӣ» [11, с. 5-12] сар шудааст ва ҳадафи ин пешгуфторҳо ба хонанда бори дигар аз наздик ошно гардонидани нависанда буда, пайроҳаи эҷодии ӯ саҳифагардон карда мешавад. Аз миёни маҷмуаҳои осори Саттор Турсун ба маҷмуаи «Камони Рустам» (1982) мунаққид Ҷӯра Бақозода охирсухан зери унвони «Охирсухани мунаққид» [4, с.165-173], навиштааст, ки баҳои воқеъбинона ба асар дода шудааст.

## 1.3. Густариши ҳикоя ва повест дар насри муосири тоҷикии солҳои 70-90

### 1.3.1. Тарвиҷи жанри ҳикоя дар адабиёти муосири солҳои 70-90

Дар адабиёти муосири тоҷикӣ дар наср аз жанрҳои хурди адабӣ ҳикоя, аз жанрҳои миёнаи адабӣ – повест ва калон – роман ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи нависандагон қарор доранд ва аксари нависандагон ба адабиёт бо навиштани ҳикоя ворид гардидаанд. Ягон нависандаеро наметавон пайдо кард, ки ҳикоя нанавишта бошад, аз ин рӯ ҳикоянависиро як навъ фотиҳаи нависандагӣ метавон ҳисобид.

Яке аз жанрҳои хеле пешрафта ва маъруфи насри форсии тоҷикӣ, ки таърихи қадима дошта, дар инкишофи насри ҳунарӣ нақши муҳим бозидааст, ҳикоя мебошад. Ҳикояро баъзан, «достони сода», «воқеӣ ё сохтагӣ» меноманд.

Забеҳулло Сафо ин навъи достоннависиро дар насри классикӣ баррасӣ намуда, таъкид менамояд, ки ҳадафи овардани ҳикоят дар китобҳои мухталиф аслан, ифодаи масъалаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоию таълимист. Ӯ ба таърихи пайдоиш ва тавсиаи кутуби ҳикоя ишорат намуда, навиштааст: «Навиштани ин гуна кутуб аз Эрони пеш аз ислом ба давраи исломӣ расида ва нахустин китобҳои форсӣ дар ин маврид таҳти таъсири Эрони пеш аз ислом фароҳам омадааст» [32, с.40].

Манзури Забеуллоҳ Сафо бидуни шак, китоби «Калила ва Димна» мебошад, ки аксари ҳикоёти он аз адабиёти паҳлавӣ сарчашма мегиранд. Дар осори замони паҳлавӣ бештар ба ҷои ҳикоя истилоҳи «достон» ва «афсона»-ро ба кор бурдаанд.

С. Маъдиев чунин андеша дорад, ки «Истилоҳи ҳикоя, ки баромади адабӣ дорад, бори нахуст дар охири асри 9 дар «Таърихи Наршахӣ» ва «Таърихи Систон» истифода шудааст» [93, с.12].

Худой Шарифов дар китоби «Назарияи наср» ба омилҳои адабию ҳунарии зуҳури ҳикоя ба ҳайси навъи адабӣ ишора намуда, навиштааст: «Ҳикояти истилоҳӣ дар қарни панҷуми ҳиҷрӣ дар китобҳои «Қобуснома»-и

Унсурмаолии Кайковус аз «Сиёсатнома»-и Низомулмулк арзи ҳастӣ кардааст. Дар ин китобҳо ҳикоя унвони навъи адабист» [82, с.292].

Нависандагони барҷастаи адабиёти муосири тоҷикӣ Садриддин Айнӣ, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҷалил, Фазлиддин Муҳаммадиев ва дигарон дар аввалҳои фаъолияти адабии худ ҳикояҳои ҷолиб эҷод карда, тадриҷан ба навиштани повесту романҳо шуруъ кардаанд.

Ҳикоя ҳамчун жанри мустақили адабӣ дар адабиёти муосири тоҷикӣ мақоми хос дорад. Дар адабиёти классикии форсии тоҷикӣ ҳикоя бо вижагиҳои жанрии худ ва заруриятҳои поэтикӣ (бадеият) қарор дошт, ки намунаҳои хеле дилчаспу зебои ҳикояҳои классикиро дар мисоли нигоштаҳои насри ривоятӣ, дар мисоли «Самаки айёр», «Ҳазору як шаб», «Чор дарвеш», «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт» ва осори хаттии насрии Унсурмаолии Кайковус – «Қобуснома», «Гулистон»-у «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ, «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, «Хористон»-и Маҷди Хофӣ, «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш ва даҳҳо осори дигар комилан, ба унсурҳои жанрии хикоя мансубанд. Яъне, ҳикоя дар адабиёти тоҷик гузаштаи арзандае дорад.

Агар ба истилоҳ ва мушаххасоте, ки ба асарҳои назариявии адабиётшиносии замони Шуравӣ эҷодшуда назар афканем, мебоист, ки ҳикоя аз қисматҳои сюжет, зиддият, амалиёти персонажҳо, портрет, характер ва манзара иборат бошад. Вале ҳикояҳои адабиёти классикӣ, ки намунаи ин осорро ёдрас шудем, на ҳамаашон аз чунин вижагиҳо бархурдоранд. Мафҳуми «ҳикоя» ва ё «ҳикоят» дар осори назарӣ ва луғатҳои муосир ҳамрадиф омадаанд, ки чун вожаи русии «рассказ» – ҳикоя, ҳикоят, нақл маънидод гардидаанд. Дар ин китобҳо намунаи «ҳикоя» ҳикояҳои адибони муосир ва «ҳикоят» намунаҳои ҳикоятҳои адибони классикӣ маънидод мегардад, ки ин андеша, ба фикри мо, ислоҳи худро мехоҳад ва бояд аз нигоҳи шинохти хусусияти шаклӣ ва сохтори дарунмояаш ба ҳикоя баҳои

ҳаққонӣ дода шавад. Ин нуктаро муҳаққиқон Худойназар Асозода ва Абдувалӣ Давронов таъкид кардаанд.

А. Давронов ишора намудааст, ки «Ҳикоя дар партави андешамандии иҷтимоӣ ва дурӣ аз асолати адабиву таърихӣ ба мисли баъзе жанрҳои дигар аз ҷабрдидатарин жанрҳои адабиёти тоҷик аст. Дар ҳар ду маврид ҳам ҳикоя ва ҳикоят бояд як жанри адабӣ бошад, ки намунаҳояш, хушбахтона дар адабиёти гузаштаву муосири тоҷикӣ фаровонанд» [29, с.140-141].

Нависандагони мусири тоҷик ҳикояҳои худро чи тавре ки ҳаёти нави Шуравӣ талаб мекард ва талаботи реализми сотсиалистӣ тақозо менамуд, бо риояи сюжет, фазову вақт ва характер менавиштанд. Лозим ба таъкид аст, ки аз мероси бузурги ҳикояҳои адабиёти классикӣ хеле кам таҳлилу таҳқиқ шудаанд ва шинохти адабиву бадеии онҳо амри воҷиб аст.

Дар адабиёти муосири тоҷикӣ метавон рушди ҳикояро ба ду давра ҷудо кард, ки давраи аввал, аз ҳикояҳои Садриддин Айнӣ, хусусан «Аҳмади девбанд»-у «Марҳабо баҳор»-и Ҳаким Карим, «Лолачинӣ»-и Пӯлод Толис ва «Марги ҳофиз»-и Сотим Улуғзода шуруъ мешавад. Ва давраи дуюм, аз солҳои 60 то 80-уми қарни бист, ки равнақи ҳикоя бо номи нависандагон Ф.Муҳаммадиев, Ю.Акобиров, Ҷ.Одина, У.Кӯҳзод, С.Турсун, Сорбон, А. Самад, К.Мирзоев, Б.Абдураҳмон, Р. Ёрмуҳаммад, А.Рабиев ва баъдтар Баҳманёр, С. Раҳимов, Муаззама, Ҷ.Акобиров, М.Солеҳ, М. Қурбон, М.Фарғонӣ ва ҷавонони имрӯз Матлубаи Ёрмирзо, Аброри Зоҳир, Муродалӣ Ҷабборов ва ғайра иртиботи қавӣ дорад.

Ҳикояи ин давраи адабиёти муосири тоҷик аз нигоҳи шаклу мазмун ва фарогирии унсурҳои поэтикӣ бартарӣ дорад, ҳарчанд баъзе ҳикояҳо аз нигоҳи ҳунари нависандагӣ дар сатҳи паст эҷод шуда, дастраси хонанда гардидаанд, ки то дараҷае коҳиш ёфтани ин жанри дилписандро нишон медиҳад.

Аз адибони солҳои 60-80 хусусан, Фазлиддин Муҳаммадиев бо таълифи ҳикояҳои марғуби худ давомдиҳандаи мактаби эҷодии Садриддин Айнӣ, Ҳаким Карим, Пӯлод Толис ва Сотим Улуғзода будани худро бо тасвири

образу ҳолатҳои фавқулода, ҳассосии инсонҳо ва фарогирии олами ботинии воқеии онҳо ба мазмуни ҳикояҳо навовариҳо ворид сохта, ба инкишофи он такони ҷиддие бахшид, ки намунаи ин ҳикояҳои ӯ «Сози мунаввар», «Рӯзи дафни Усто Оқил», «Хиёбони нодир» мебошанд. Баъд ҳамин эстафетаи муҳим ва пешдастиро нависандагони дар он солҳо ҷавон У.Кӯҳзод, Сорбон, А.Самад ва махсусан Саттор Турсун ба даст гирифта, давом додаанд.

Иллати асосии дар замони ҳозир кам пайдо шудани ҳикояи хубро муҳаққиқ А.Давронов дар он дидааст, ки «Муҷиби дар насри нави даврони мо кам пайдо шудани ҳикояи хуб ва хонданибоб дар ҳамин аст, ки аз нависандагони насли калонсол ва соҳибтаҷриба ба эътибори Саттор Турсун кам касон ҳикоя менависанд, ҳама ба насри калон гузаштанд» [29, с.145].

Дар адабиётшиносии муосири тоҷикӣ вижагиҳои жанрӣ, шакл ва анвои ҳикоя таҳлили ҳамаҷонибаи монографӣ нашудааст. Аз ин миён танҳо рисолаи таҳқиқотии Шамсиддин Солеҳов «Поэтикаи жанри ҳикояи солҳои 70-80-и қарни XX» (масъалаҳои замон ва макони бадеӣ) [72]-ро метавон ном бурд. Дар ин рисола асосан, масъалаҳои замон ва макони эҷоди ҳикояҳо ва поэтикаи онҳо дар солҳои 70-80-ум баррасӣ шудаанд.

Ш. Солеҳов зимни баррасии поэтикаи ҳикояҳои солҳои 70-80-и қарни XX ба натиҷа расидааст, ки «Дар ҳоли ҳозир ҳикояи муосири тоҷикӣ дар мисоли эҷодиёти У.Кӯҳзод, Сорбон, С.Турсун, А.Самад, Ҷ.Акобир, Баҳманёр, С.Раҳимов, К.Мирзоев, А.Рабиев ва дигарон рушду нумуъ ёфта, бештар мавзуъҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва фалсафӣ баррасӣ гардида, аз нигоҳи забон ва поэтика эҷоди ҳикоя хеле пеш рафтааст». Ва Ш. Солеҳов се ҷараёни инкишофи ҳикояро дар:

1. Майл ба тасвири нақлӣ

2. Майл ба тасвири рамзию асотирӣ

3. Майл ба тасвири фалсафӣ, нишон додааст [72, с.113, 143].

Дар гузоришҳо, мақолаҳои ҷудогона ва навиштаҳои муҳаққиқон: М.Шукуров, Х.Шарифов, Х.Асозода, А.Сайфуллоев, А.Набавӣ, Ҷ.Бақозода, С.Абдулло, А.Раҳмонов, А.Давронов, Ш.Солеҳов баъзе паҳлуҳои густариши

ҳикоя дар адабиёти муосири тоҷик ва решапайванди он ба ҳикояҳои адабиёти классикии форсии тоҷикӣ ва умумияту бартарии он аз ҳикоёти адабиёти олам баррасӣ шудаанд, вале ҳикоя ин жанри маҳбубтарини адабӣ ҳамоно таҳқиқоти бунёдии худро интизор аст, ки ин кори оянда аст.

Худойназар Асозода зимни баррасии раванди адабиёти муосири тоҷикӣ марҳилаҳои гуногуни инкишофи онро ба таҳқиқ гирифта, қайд мекунад, ки «Ҳар марҳилаи инкишофи адабиёти муосири тоҷикӣ, ки оғозаш аз солҳои бистуми қарни XX аст, ба ҳамдигар иртиботи қавӣ дошта, муҳимтарин анъанаҳои адабиёти солҳои бисту сӣ ва чиҳилу панҷоҳро идома бахшидааст. Ва насри муосири форсии точикӣ дар солҳои баъд аз ҷанги ҷаҳонии дувум, махсусан, дар нимаи дуюми солҳои 50-ум махсусиятҳои жанрии худро равшан сохт» [21, с.147].

Ҳамин нуктаро М.Шукуров муфассалтар аз нигоҳи таърихият баррасӣ кардааст: «Солҳои шасту ҳафтод ва ҳаштод дар кишвари паҳновари мо давраи дигаргуниҳои бузурги иҷтимоӣ ва маънавӣ буд. Адабиёти тоҷикӣ муҳимтарин анъанаҳои нави худро, ки солҳои бисту сӣ оғоз ёфтаанд, давом дода, амиқтар бурд ва дорои хусусиятҳои тозае гардид, ки маҳсули давраи ҳозираи инкишофи таърихии халқу кишвар аст» [86, с.265].

Дар навиштаҳои донишмандону муҳаққиқон: М.Шукуров [86, с. 61], Сайфуллоев [63, с.64], Х.Асозода [14], А.Сатторов [69], Х.Шарифов [83], А.Саъдуллоев [70], А.Набиев [50], Ҷ.Бақозода [24], А.Раҳмонов [57], Ш.Солеҳов [72], М.Раҷабӣ [55] дар заминаи насри реалистӣ ташаккул ёфтани вуқуъгӯӣ ва насри андеша дар адабиёти муосири тоҷикӣ дар мисоли ҳикоя, повест ва роман ба таври умумӣ, аз нигоҳи муҳаққиқона баррасӣ шудаанд.

Баррасии амиқи ин мавзуъ вобаста ба инкишофи ҷомеа, муаммоҳои он, ба риштаи тасвири бадеӣ кашидани образҳои мубориз у кушо, ватандӯсту ҳақиқатхоҳ, заминаи радду бадали андешаҳои равонӣ, ёфтани ҳалли мушкилоти онҳо ва баррасии масъалаҳои ахлоқӣ персонажҳои асарҳои дар ин мавзуъ эҷодшуда вобаста ба раванди адабиёт ба қадри кофӣ таҳқиқ нашудаанд.

Аз баррасии осори Саттор Турсун ба хубӣ аён мегардад, ки сарчашмаи асосии ҳикояву повестҳо ва романи ӯро тасвири симои ботинии инсон, олами андеша, тафаккур, таъсири муҳит, масъалаҳои иҷтимоии ҷомеа ва густариши тафаккури сиёсиву маънавии он ташкил додааст. Нигоҳу назари нависанда ба ин масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиш ва ҷусторҳои пайваста дақиқтар шуда, жарфои назари ӯ ба инсону сарнавишти он то рафт мукаммал гардидааст.

Дар таҳқиқоти Муҳаммадҷон Шукуров асосан, осори солҳои аввали эҷодиёти Саттор Турсун дар асоси ҳикояҳо ва повестҳояш ба таҳлил гирифта шудаанд, ки баҳодиҳии воқеист. М. Шукуров зимни баррасии мундариҷаи ҳикояву повестҳои Саттор Турсун ба чунин натиҷа расидааст: «Қалами Саттор Турсун тавоноие пайдо карда истодааст, ки на фақат иқтидори дили некхоҳи инсонро зоҳир менамояд, балки қувваи даҳшатангези дилро, ки дар қаъри дил ниҳон аст, низ намоён мекунад. Ин ҳолат ба назари андешапарваронаи ӯ фаъолиятмандии гуманистии махсусе, ки ба устувор кардани некӣ ва решакан намудани бадӣ нигаронида шудааст, ато намудааст» [85, с.329].

Самараи ин ҷустуҷӯйҳои нави ғоявию бадеии нависандагони тоҷик дар солҳои шасту ҳафтод тавсиа бахшидан ба рушди жанрҳои адабӣ, музайян сохтани асарҳои бадеӣ, дар заминаи одобу ахлоқи тоҷикӣ бо фаро гирифтани олами зоҳириву ботинии инсонҳо, бархурдҳои руҳиву равонӣ ва нишон додани воқеияти зиндагӣ, офаридани асарҳои бадеӣ буд. Дар ин маврид нависандагони огоҳу тавонои тоҷик дар такя ба асарҳои худ нававариҳоро, ки ду услуби асосии эҷоди асари бадеист, тавъам инкишоф додаанд.

Дар шакл ва мазмуни ҳикояву повестҳои адабиёти муосири тоҷикӣ низ пешрафтҳои назаррас ба амал омад, ки ин тағйироти шаклӣ дар зери таъсири ҳикояҳои русӣ ва адабиёти дигари олам аст ва ҳикояи муосири тоҷикӣ аз ҳикояти классикии форсии тоҷикӣ фарқи зиёд дорад. Дар мазмун, албатта вобаста ба қаринаҳои нависандагон мавзуъҳои нав ва тоза вориди ҳикояҳои муосир гардиданд. Типҳои сохтаи нависандагон типи воқеии ҳунармандон,

донишмандон, деҳқонон, зиёиён ва замони воқеии имрӯзӣ ва гузаштаи миллӣ мебошанд, ки аз ҷараёни зиндагӣ гирифта шудаанд.

Умуман, ҳикояҳои муосири тоҷикӣ аз солҳои 70 то имрӯз роҳи такомул ва густариши воқеии худро тай карда, аз писандидатарин жанри адабӣ мебошад.

### 1.3.2. Инкишофи повест дар адабиёти муосири тоҷикии солҳои 70-90

Дар адабиёти муосири тоҷикӣ дар наср баъд аз ҳикоя повест аз жанрҳои пешрафта мебошад, ки нависандагони муосир хусусан дар солҳои 70-90 хеле зиёд повест эҷод кардаанд.

Повести адабиёти муосири тоҷикӣ, ки эҷоди он дар солҳои баъди инқилоби Октябр аз «Одина»-и Садриддин Айнӣ шуруъ мешавад, дар саҳифаҳои худ рӯзгору омол ва нияту ормонҳои мардуми тоҷикро ифода карда, имрӯзҳо аз жанрҳои маъмул ва ташаккулёфта маҳсуб меёбад.

Садриддин Айнӣ, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҷалил, Фазлиддин Муҳаммадиев, Мутеулло Наҷмиддинов, Урун Кӯҳзод, Саттор Турсун, Абдулҳамид Самад, Кароматулло Мирзоев, Сорбон, Муҳиддин Хоҷаев, Юсуф Акобиров, Баҳманёр, Ҷонибек Акобиров, Сайф Раҳимов, Абдурофеъ Рабиев ва дигарон дар адабиёти муосир повестҳои хеле ҷолиб эҷод кардаанд ва дар такомули ин жанр саҳми назаррас гузоштаанд.

Дар адабиётшиносии муосири тоҷикӣ таҳқиқоти ба омӯзиши повести солҳои 60-80-ум бахшидашуда рисолаи Ш.Маҳкамова [36] мебошад, ки дар он повести ин марҳила аз нигоҳи мавзуъ омӯхта шудааст.

Раҳими Мусулмониён оид ба вижагиҳои жанри повест тавақкуф намуда, зикр мекунад, ки «Дар адабиётшиносии гузашта асарҳои сервоқеаю сермоҷароро қисса мегуфтанд, ки ҳоло он ба жанри мустақил – повест ва роман мансуб мебошад. Дар адабиётшиносии муосири тоҷикӣ гоҳе ба ҷои повест қиссаро истифода мекунанд, ки он дар ҳадди истилоҳи худ пурра содиқ нест. Повест дар миёни ҳикоя ва роман меистад» [45, с. 140].

Адабиётшинос Ю. Бобоев доир ба вижагиҳои жанри повест изҳори андеша намуда, гуфтааст, ки «Повест маънои қисса ё ривоятро дошта, ҳамчун яке аз намудҳои асари эпикӣ аз ҷиҳати ҳаҷм ва қисматбандии (композитсияи) худ аз ҳикоя калонтар аст, аз ҷиҳати сохт мураккабтар мебошад. Агар дар ҳикоя ду ё се эпизод тасвир ёфта, тақдири 3-4 нафар нишон дода шавад, дар повест якчанд воқеа муҳокима шуда, як давраи нисбатан хурди таърихӣ инъикос мегардад» [26, с. 265].

Аз андешаҳои муҳаққиқон бармеояд, ки, повест жанрест, аз нигоҳи шакл ба адабиёти муосири тоҷикӣ тавассути адабиёти рус гузаштааст ва мувофиқи талаботи методи реализми сотсиалистӣ аз якчанд аломатҳо, ба мисли сюжет, зиддият, амалиёти персонажҳо, портрет, характер ва манзара иборат аст. Повестҳои адабиёти муосири тоҷикӣ асосан, аз чунин аломатҳои қисматбандӣ (композитсионӣ) иборатанд.

Дар осори адабиёти классикӣ, ба истилоҳи ҳозира, ки повест мегӯем, қисса дар назар дошта шудааст. Х.Асозода дар мавриде, ки аз ҳикояву повестҳои Саттор Турсун ҳарф мезанад, ҳикояҳоро «достонҳои хурд»-у «миёна» ва повестҳоро «қисса» мехонад, ки аслан, аз нигоҳи суннати эҷоди ҳикояву қиссаҳои классикӣ нигарем, дурустанд.

Х. Асозода оид ба масъалаи мазкур дар ҷои дигар андешаи ҷолиб ронда, дар ҳавзаи адабиёти форсӣ - тоҷикии Тоҷикистону Эрону Афғонистон ҳамгун набудани ин маъноҳоро аз нигоҳи вижагиҳои жанрӣ ва бо як меъёру мизони дуруст ифода кардани онҳо андешаи муҳим баён кардааст: «Дар насри гузаштаи форсӣ истилоҳҳои жанрии ҳикоят, достон, қисса, сафарнома, саёҳатнома, ҷангнома ва ғайра дар истифода буданд ва имрӯз ҳам онҳо дар доираҳои адабии Эрону Афғонистон, Тоҷикистону қисмати шимоли Ҳиндустон ва адабиёти урду фаъол мебошанд. Танҳо дар адабиёти тоҷикӣ аз солҳои 20-ум ба ин тараф насри калонро бо истилоҳҳои повесту роман, очерки сафарӣ ва ғайра табдил додаанд, ки аз насри русиву аврупоӣ интиқол шудаанд» [22, с. 28-29].

Қисса асарест, ки дар адабиёти қадимаи форсии тоҷикӣ бо унвонҳои ҳикоят, афсона, саргузашт, устура, ҳадис, масал, матал ва ғайра дар матнҳои адабӣ омадааст ва пеш аз ба вуҷуд омадани роман дар адабиёти Ғарб ҳам маъруф будааст.

Аз донишмандони Эронӣ Ҷамоли Мирсодиқӣ ва Майманат Мирсодиқӣ қиссаро ба ҳайси навъи адабӣ чунин таъриф додаанд: «Бо осоре, ки дар онҳо таъкид бар ҳаводиси хориқулода бештар аз таҳаввул ва танвини шахсиятҳо ва одамҳост, қисса мегӯянд» [41, с. 253].

Бо вуҷуди умумиятҳои зиёди қисса ё повест чунин ба назар мерасад, ки байни онҳо бояд фарқияте бошад. Х.Шарифов бодарназардошти истиқлолияти маъноӣ, истилоҳи афсона, ҳикоят ва қиссаро муродифи ҳамдигар намеҳисобид: «Тафовути қисса аз достон дар ин аст, ки якумро мепардозанд ва дуввумро месозанд» [82, с. 297].

Агар дар қиссаҳои классикӣ матлабҳои аҷоибу шавқангез, чеҳраҳои фавқуттабиӣ, каромоту муъҷизаҳо ва қаҳрамонони ғайриоддӣ ифода ёбанд, дар повести имрӯз ин матолиб бо оромӣ, бекаромату муъҷиза ифода гардида, инсон хусусиятҳои фавқуттабиӣ надорад ва воқеан бо олами зоҳириву ботинӣ ва бархӯрдҳои иҷтимоиву проблемаҳои шахсӣ ва дар роҳи ҳалли ин проблемаҳои ҳаётӣ чора ҷустан ифода меёбад.

Масъалаи ба шакли пурра муайян кардани ҳудуди повесту қисса аз доираи баҳси мо берун аст ва ин мавзуъ ҳалли воқеии худро то ҳол наёфтааст.

Дар повести солҳои 70-90-ум таҳқиқи бадеии воқеияти иҷтимоӣ амиқ гардида, ҳастии инсон ва рӯзгору омоли ӯ аз паҳлуҳои гуногун пурратар падид омад. Нависандагон аз васфи хушки реализми сотсиалистӣ ба вуқуъгӯӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуданд ва таҳқиқу назари онҳо паҳлуҳои гуногуни ҳастии инсонро фаро гирифт, ки дар ифшои ин проблемаҳо повести солҳои шасту ҳафтод ва баъд нақши муайян бозид ва дигар шудани нигоҳи нависандагон ба инсон ва воқеияти ҳозира аввало дар повест инъикос ёфт.

Ин падидаи мусбат дар адабиёти муосири тоҷикӣ аз повести «Тобистон»-и Пӯлод Толис (1929-1961) оғоз ёфта, то имрӯз идома дорад ва бахусус, дар солҳои 70-90 рушди зиёд дошт.

Дар солҳои 60-80, ки повест бештар рӯ ба инкишоф оварда буд, бисёре аз масъалаҳои рӯзгори муосир маҳз аз тариқи повест мавриди таҳлил ва эҷоди адибони қарор гирифтааст.

Дар ин радиф метавон повестҳои нависандагон: Ҷ.Одина «Авроқи рангин», «Иншо дар мавзуи озод», Ю.Акобиров «Баъде ки осиё бозмонд», «Балоғат», «Осмони соф», Ф.Муҳаммадиев «Дар он дунё», М.Хоҷаев «Дилро ба дил раҳест», Қурбон Алӣ «Пораи дили ман», С.Турсун «Сукути қуллаҳо», «Камони Рустам», А. Баҳорӣ «Қаймоқи гирди коса» ва ғайраро номбар кард, ки дар ин асарҳо қаҳрамононро бо ҷидду ҷаҳд, устувор ва ташаккули ахлоқи ҳамида мебинем, ки ба истилоҳ «насри андеша» номида шудаанд. Дар ин асарҳо ҳама рӯйдодҳои ҳаёти инсонӣ аз дидгоҳи ахлоқ баррасӣ гардидаанд.

Ба ҳамин маънӣ Худойназар Асозода нақши муҳимму муассир доштани ахлоқро дар осори Саттор Турсун чунин арзёбӣ мекунад: «Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар тамоми эҷодиёти Саттор Турсун мавқеи марказӣ дорад, васфи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ мебошад». Ин муҳаққиқ дар ҷои дигар насри С.Турсунро баррасӣ намуда, дар он баён ёфтани мавзуъҳои воқеияти зиндагӣ, мухолифати табақавии мардум ва масъалаҳои иҷтимоиро қайд менамояд. Ӯ дар насри Саттор Турсун диди нави нависандаро аз афкори андешамандии ӯ ҷустааст ва тааммуқпазиру зеҳнгаро будани андешаҳои ӯро таъкид менамояд [21, с. 119].

Дар повестҳои Ҷумъа Одина «Авроқи рангин», Муҳиддин Хоҷаев «Дилро ба дил раҳест», Фазлиддин Муҳаммадиев «Шоҳии Япон» ва «Варта» тараннуми синфи коргари тоҷик инъикоси бадеии худро ёфтааст.

Густариши ҳамешагии гуногунрангии шаклу воситаҳо, вусъат ёфтани доираи мавзуъҳову проблемаҳо, ҳазм намудани маводу мадраки нави ҳаёт дар повести тоҷикии солҳои шасту ҳафтод ва ҳаштоду баъд аз он бо усувор шудани мабдаи таҳлилӣ давом кардааст.

Солҳои 70-90 дар адабиёти муосири тоҷикӣ як қатор повестҳое эҷод шудаанд, ки дар онҳо мавзуи насри таърихӣ ва таҳқиқи инсон матраҳ гардидаанд, ки ба ин гуфта повестҳои Урун Кӯҳзод «Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз», Расул Ҳодизода «Ба пешвози офтоб» мебошанд, ки ба фаъолияти Садриддин Айнӣ бахшида шудаанд. Ба ин қатор повестҳои Сотим Улуғзода «Пири ҳакимони Машриқзамин», «Ривояти суғдӣ», Расул Ҳодизода «Маздак», «Ишқи духтари Рум», «Аҳмади Дониш», «Парвози Шоҳин» ва ғайра мансубанд, ки дар ин гуна осор симои шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ дар либоси насри бадеии таърихӣ барҷаста тасвир ёфтаанд.

Дар гурӯҳи дигари повестҳои ин давра, ба мисли «Шаҳло ва Шифо»-и Аминҷон Шукӯҳӣ ва Ҳилолиён Аскар, «Парии ҷазира»-и Аминҷон Шукӯҳӣ, «Дарё маҷрои нав меҷӯяд»-и Мутеулло Наҷмиддинов, «Камони Рустам»-и Саттор Турсун, «Рухсора» ва «Ту танҳо не»-и Баҳром Фирӯз, «Ҷуфти кабӯтар» ва «Шабе дар Кабудҷар»-и Кароматуллоҳ Мирзоев ва ғайра муборизаи қаҳрамони ҷавон дар роҳи шаъни инсонӣ ва устувор кардани шахсияти худ гоҳ бо зиддиятҳои сахте, бо муборизаи зидди афкори кӯҳна ва хулқу рафторе, ки муносиби замони мо нест, вале баъзан, ба шаклҳои нави замонӣ зоҳир мешавад, ифода ёфтаанд.

Ба ин маънӣ, повести солҳои 70-90-и адабиёти муосири тоҷикӣ зина ба зина пеш рафта, дар марҳилаҳои гуногун дар саҳифаҳои худ ҳар чи бештар симои маънавиву ахлоқи инсони воқеиро бо бархӯрди андешаву афкораш, бурду бохташ, андешаи созандааш, руҷуи ӯ ба таърихи гузаштааш ба тасвири бадеӣ гирифтааст.

Дар повести ин давра мавзуъҳои ишқу муҳаббат, садоқату самимият, низоъу қаҳр, интиқому қасосгирӣ, ободкорӣ, вайронкорӣ, туҳмату буҳтон задан, ташаккули синфи коргар, бурду бохти зиёиён, паҳнои саҳрои ҳосилхез, ифтихор аз гузашта, таърихият, ворисият, фидокорӣ баҳри Ватан, аз гузашта сабақ гирифтан, муборизаи кӯҳнаву нав ва ғайра дар ҳамбастагии бадеӣ, ки насри андеша меномем, ифодаи хуби худро ёфтаанд.

## 1.4. Нақши ҳикояҳо ва повестҳои Саттор Турсун дар инкишофи тамоилҳои асосии насри муосири тоҷикӣ

Нависандаи халқии Тоҷикистон Саттор Турсун аз марҳилаи аввали эҷодиёташ (соли 1970) то охири умр ҳикоя навиштааст. Аввалин ҳикояи ӯ «Дар роҳ» ном дошта, дар рӯзномаи вақти «Тоҷикистони Советӣ» чоп шудааст. Ба ҳикоянависӣ рӯй овардани аксари нависандагон дар давраи аввали эҷодиёташон ин як раванди маъмул ва санҷидашуда дар мактаби нависандагӣ мебошад.

Саттор Турсун, ки муаллифи беш аз 50 ҳикояи дилнишин ва 7 повести пурмазмун дар мавзуъҳои гуногун мебошад, аз марҳилаи аввали эҷодиёташ то охир ба хонандагон маъқул афтода, аҳли таҳқиқ ба осораш баҳои мувофиқ дода, ҳусну қубҳи осорашро воқеан арзишдоварӣ кардаанд, чунки осори ӯ дар раванди вусъат гирифтани насри воқеии тоҷикӣ, насри таҳлилӣ, насри андеша ва насри равонӣ, ки воқеияти зиндагиро бо ҳама паҳлуҳояш фаро мегирифт, эҷод шудаанд.

Аҳли таҳқиқ бар ин нукта муттафиқанд, ки насри муосири тоҷикӣ дар давраи дуюми инкишофаш (солҳои 60-80) ва баъд аз он ба вуқуъгӯӣ ва ифода кардани орзуву омоли ботинии инсон бештар рӯ овардааст. Албатта, марҳилаи аввали инкишофи насри муосири тоҷикӣ, ки бо осори безаволу мондагори устод Садриддин Айнӣ оғоз мешавад, аз қавитарин мактаби адабист, ки маҳз ҳамин мактаби воқеии нависандагии Айнӣ замина гардид, то осори хубу хонданӣ ва ҷавобгӯи талаботи адабиёт ва зиндагӣ эҷод гардад.

Насри солҳои 60-80-и тоҷикӣ дар рисолаи М.Шукуров [85] тадқиқоти ҳаматарафаи худро ёфтааст. Минбаъд, масъалаҳои густариши насри муосири тоҷикӣ дар нигоштаҳои С.Табаров, М.Шукуров, А.Сайфуллоев, Б.Худойдодов, Ш.Ҳусейнзода, Р.Ҳодизода, Л.Н.Демичик, Х.Шарифов, А.Сатторов, Ҷ.Бақозода, А.Набиев, Х.Асозода, Р.Мусулмониён, Ю.Бобоев, Х.Мирзозода. А.Афсаҳзод, С. Абдулло, А.Давронов, А.Раҳмонов, Ш.Солеҳов ва дигарон таҳқиқу баррасӣ шудаанд.

Дар марҳилаи дуюми инкишофи насри тоҷикӣ, ки ба солҳои 60-80-ум рост меояд, бо ба майдони адабиёт ворид шудани нависандагони хушсалиқа, мисли П.Толис, Ф.Муҳаммадиев, Ҷ.Одина, Ю.Акобиров, У.Кӯҳзод, М.Хоҷаев, С.Турсун, Б.Фирӯз, А.Самад, Сорбон ва дигарон дар насри тоҷикӣ як такони ҷиддӣ ва нерӯи тавоно падид омад. Ин нуктаро муҳаққиқ С.Абдулло чунин таъкид намудааст: «Солҳои 60-ум ва 70-ум бо қадаму қалами Ф.Муҳаммадиев, Ҷ.Одина, У.Кӯҳзод, Ю.Акобиров, С.Турсун, Б.Фирӯз, А.Самадов ва дигарон дар насри тоҷик як ҷунбиши чашмрасе ба вуҷуд омад. Нависандагони тоҷик бештар ба таҳқиқи ботини инсон кӯшиданд, аз таҷрибаи эҷодии ниёгон ва дастовардҳои адабиёти олам баҳра бардоштанд. Насри тоҷик сифатан нав шуд. Ф. Муҳаммадиев ва У.Кӯҳзод решаҳои иҷтимоӣ ва сабабҳои ақибмонии рӯзгори кунунии моро ба таҳқиқ гирифтанд. Сорбон ва Саттор Турсун бо нерӯи тахайюл ва қувваи ҳофиза рӯзгори бачагиашонро зинда карданд. Ҷанбаи ахлоқии насри тоҷикӣ қавӣ шуд» [17, с. 94].

Дар адабиёти муосири тоҷикӣ Саттор Турсун бо ҳикояву повестҳояш мақоми шоиста дорад. Ин мақому манзалат тавассути омӯзиши ҷиддии нависанда аз бархӯрдҳои зиндагӣ ва дар тарозуи завқу хирад баркашидани масъалаҳои ҳаёти инсон ба даст омадааст.

Мавзуи ҳикояву повестҳои Саттор Турсун ин ҳаёти рӯзмарраи одам аст. Ҳамзамон, нависанда ба масъалаҳои гузашта, таърихӣ, воқеияти зиндагӣ, симои ботинӣ ва маънавии инсонҳо, тасвири зебоиҳои ҳаёт, табиат, қадр кардани ҳунарманд ва роҳҳои ҳалли моҷароҳои зиндагӣ ҳамвора назар дорад. Нигоҳу назари нависанда ба рӯзгори инсон маърифатмандона ва андешамандона сурат мегирад ва худи Саттор Турсун аз нависандагони донишманд мебошад. Оид ба табиати эҷодии Саттор Турсун Ҷ. Бақозода воқеъбинона навиштааст: «Саттор Турсун ҳамчун нависанда бо мавқеъ ва назари эҷодӣ, тарзи нигориши батамкин ва мавзуи хоси худ ба майдони адабиёт якбора ва ногаҳон дохил шуд» [24, с. 32].

Ин ҷо ифодаи «бо мавқеъ ва назари эҷодӣ» гуфтани мунаққиди борикназар маънои онро дорад, ки Саттор Турсун аз мавқеи шахсии худ бо такя ба анъанаҳои адабӣ ба эҷодиёт назари тоза андӯхтааст. Аз аввалин ҳикояҳояш ӯ ба симои зоҳирӣ, ботинӣ ва маънавии инсонҳо назари тоза кард, рози одамонро дар асарҳои худ дуруст ифшо карда тавонист ва роҳҳои ислоҳи ахлоқи одамонро баён намуд. «Тарзи нигориши ботамкин» ва «мавзуи хоси худ» гуфтан, яъне дар баробари хондани ҳикояву повестҳои Саттор Турсун он типҳои адабие, ки ӯ офаридааст, симоҳои ботамкину ботаҳаммул мебошанд ва хонанда кӯшиш мекунад, ки мисли ҳамон симоҳо дар зиндагӣ бошад, ки мавқеи шахсии худро дар ҷомеа доранд.

Мавзуи хосси Саттор Турсун ин тасвири воқеии масъалаҳои ҳаёт, кушода тавонистани ҳолати руҳиву равонии симоҳои тасвирёфта, ба зиндагӣ бо умед нигаристан, роҳҳои ҳалли мушкилотро ёфтан, ба гузаштаи худ ба некӣ нигаристан, дар муҳаббату дӯстӣ содиқ будан ва маърифатноку андешаманд будани образҳои офаридаи ӯ мебошанд, ки ин нукта ва дуруст тасвир кардани онҳо на ба ҳама нависандагон даст медиҳад.

Ҷ. Бақозода оид ба мундариҷаи асарҳои Саттор Турсун чунин таъкид намудааст: «Аз мутолиаи асарҳои Саттор Турсун кас ба осонӣ мефаҳмад, ки аксари қаҳрамонони ӯ дар бораи мазмуну моҳияти ҳаёт ва қимату қисмати инсон дар зиндагӣ муҳокима меронанд ва дар ҳар асар бо тақозои шароити конкрет ва вазъияти муайян қаҳрамони андешапарвар хулосаи тоза мебарорад, паҳлуҳои дигари ҳаётро мебинад» [24, с. 34]. Воқеан, нигоҳу назари дарки воқеият ва биниши бадеии образҳои асари нависандаро масъалаҳои муҳиме, ки дар муҳити маънавии имрӯза сахт реша давонда, боиси заъфи руҳ, касодии ахлоқ ва сабаби ҳаракати номутаносиби ҷамъият гардидаанд, ба худ ҷалб намудааст.

А. Раҳмонов дар таҳқиқи осори Саттор Турсун чунин гуфтааст: «Саттор Турсун қаҳрамонони фаъолу андешапарвари худро дар ҳолати ниҳоят мураккаби психологӣ, сари худтаҳлилии пуршиддат тасвир намуда,

тавассути таammуқписандии онҳо воқеияти иҷтимоии дирӯзу имрӯзро ошкор мегардонад» [57, с. 48].

Ин ва дигар андешаҳои муҳаққиқон дар бораи эҷодиёти Саттор Турсун ифодагари баёни вусъати андешаи нависанда оид ба тарзи тасвири воқеияти зиндагӣ ҳамчун равияи вижаи адабӣ мебошад, ки аз пешрафт ва густариши насри муосири тоҷикӣ дарак медиҳад.

Ҳарчанд дар адабиётшиносии муосири тоҷикӣ мавзуи тасвири воқеияти зиндагӣ ва насри андешаву таammуқпазирӣ дар гузоришҳои умумӣ, обзорӣ, мақолаҳои ҷудогона ва дар дохили рисолаҳои таҳқиқотӣ ҷо-ҷо баррасӣ шудаанд, вале ҳамоно заминаҳои ташаккул, вусъати мавзуъ ва баррасии он дар эҷодиёти ин ё он нависандаи алоҳида ба таҳқиқоти монографӣ фаро гирифта нашудааст. Моҳияти ғоявӣ, ҷиҳатҳои назарӣ, ҷанбаҳои иҷтимоиву таърихӣ ва роҳҳои густариши он баҳои воқеии илмӣ нагирифтааст.

А. Раҳмонов дар таҳқиқоти худ бештар ҷанбаҳои макону замон ва хосатан, маърифати бадеии замони қиссаву повестҳои Саттор Турсунро ба таври обзорӣ таҳлил намуда, чунин таъкид кардааст: «Як хусусияти сифатан нави характери қаҳрамонони насри тоҷикии солҳои 70-80-ум дар он зоҳир мешавад, ки баробари амалу рафтори шахсии худро дар лаҳзаҳои гуногуни воқеияти имрӯза нишон додан кӯшиш менамояд, то тамоми фикру зикри худро ҳангоми рӯ ба рӯ шуданашон бо замони таърихӣ ифода созанд. Ин қаҳрамонро бо диди тоза ва назари амиқбинона сайри замонҳо менамояд ва ҳақиқати ҳаёти таърихиро дар олами бадеӣ ва эстетикии худ реалистона бозгӯ гардонидан мехоҳад» [57, с. 22].

Соли 1971 маҷмуаи нахустини ҳикояҳои нависанда бо унвони «Дили гарм» ба табъ расид. «Нигина», «Хостгор», «Боздид», «Соҳиби кулоҳ» аз қабили ҳикояҳоеанд, ки ҳанӯз дар гармогармиашон аз тарафи мунаққидон ва адабиётшиносон М.Шукуров, С.Табаров, Р.Амонов, А.Набиев, Х.Асозода, Ш.Солеҳов ва дигарон баҳои сазовор гирифта буданд. «Саттор Турсун, – менависад А.Набиев, – сифатҳои хуби образҳоро дар шакли тайёр ба хонанда тақдим накардааст, балки кӯшидааст, ки ташаккули хислат ва ҷунбишҳои

рӯҳиашон зиндаву ҳаётӣ тасвир шавад. Аксари ҳикояҳои ӯ бо усули андешаҳои қаҳрамон нигошта шуда, аз онҳо майли нависанда ба таҳқиқи ҳаёт ва таҳлили равонӣ намоён аст» [49, с. 146-149].

Х.Асозода ҳамин андешаи А.Набиевро боз тақвият додаст: «Тасвири психологӣ (равонӣ) дар офаридаҳои Саттор Турсун бештар ба мушоҳида мерасад. Ин тарзи эҷодгарӣ, ба хусус падидаи худифшоӣ боиси пайдо кардан ва дарки олами ботиниву маънавии инсон мегардад» [139].

Вобаста ба масъалаи баҳс андешаҳои муҳаққиқонро фикри мо дар атрофи ҳикояи «Нигина» тақвият мебахшад. Образҳои марказии ҳикоя Собиру Нигина ҳамдигарро дӯст медоранд. Муҳаббат ва ҳиссиёти нозуки ин ду ҷавон дар ҳикоя бо самимият ва боварибахш тасвир меёбад. Нависанда ахлоқи қаҳрамонҳои худро дар вазъияти нобоб, зиндагии нобасомон тасвир мекунад ва тадриҷан кушодашаваии диди эстетикӣ ва назари иҷтимоиву маънавии онҳоро нишон медиҳад. Вақте ки Нигина бо фиреб ба шавҳар баромад, ин воқеа дар дили Собир ба «ҷароҳати бедавое» табдил ёфт, вале ӯро аз хаёли худ дур накарда, он ҳақиқати талхе, ки дар муносибати онҳо ба вуқуъ пайваст, ҳар дам дилашро ноҳинҷор месохт... Пас аз панҷ сол Нигина ба хонаи ӯ омад. Собирро фикру андешаҳои пуртазод азоб медоданд, ӯ чӣ кор карданашро намедонист ва оқибат дарк мекунад, ки бе Нигина буда наметавонад: «Бояд ба қароре меомадам. Вале дучори ҳамлаи саволҳои нав ба нави худ гашта, чораҷӯӣ мекашидам. Чӣ бояд кард? Ба Нигина чӣ гӯям? Аз ин ҷо рав гӯям? Не, наметавонам. Охир ман ӯро дӯст медорам... Пас чӣ кор кунам?...» [1, с. 64].

Ин суханҳо нишони нотавонии қаҳрамони асар набуда, дар он назари шахси бомулоҳизае намоён аст, ки дар назди виҷдони худ ҷавобгарӣ ҳис мекунад. Оқибат Собир фиреб хӯрдану бегуноҳии Нигинаро фаҳмида, ба вай хонадор мешавад. Муаллиф дар ин образ хусусияти нави ахлоқи ҷавонони замони худ, тозагии дунёи маънавии онҳоро таҷассум кардааст. Ҳарчанд дар ин ҳикоя Нигина чандон фаъол нест, вале муаллиф ба воситаи рӯзномаи вай симои ӯро пурра кардааст. Дар ин ҳикоя дар симои Нигина зани наҷибе, ки аз

зиндагӣ фиреби сахте хӯрдаасту аммо руҳи қавӣ дорад, тасвир шудааст. Дар ҳикоя барои рангину табиӣ ифодашавии чеҳраҳои асосӣ нависанда аз воситаҳои гуногуни тасвир – нақл, монологи ботинӣ, хоб, нақл аз забони шахси якум, ки дар шакли хотираи қаҳрамон аз гузаштаи худ рози дил кардааст, бо маҳорат ифода намудааст. Масалан, барои ифодаи ҳолати руҳӣ ва характери Нигина дар ҳикоя омадааст: «Шавҳарам нармдилу фурӯтан аст. Аммо ин ба ман кам аст. Дили ман талаботи дигаре дорад, ки ман онҳоро фақат дар шахси Собир мебинам. Ба ҷои он ки ӯро рӯз то рӯз фаромӯш кунам, баръакс шуда истодааст. Ман ӯро дӯст медорам, оре, дӯст медорам» [1, с. 69].

Хати сюжети ҳикояҳои маҷмуаи «Дили гарм» гуногун ва серпаҳлӯ буда, ба ҳама паҳлуҳои зиндагӣ алоқаманд аст. Хати сужети ҳикояи «Нигина» бошад, тасвири ишқи Собир ва Нигина аст, ки ишқи онҳо саргузашти ошиқонаи классикиро ба хотир меорад. Сарнавишти ишқашон серташвиш, бошиддат буда, заминаҳои воқеӣ ва равонӣ дорад. Ҳатто образи Нигина дар ҳикоя асроромез ба тасвир меояд. Ба таъкиди А.Набиев: «Мазмуни ин ҳикоя аз он иборат аст, ки мабдаи субъективии тасвир пурқувват мебошад ва ҳиссу ҳаяҷон, кайфияту руҳияи қаҳрамонҳоро ифода мекунад, ки муҳимтарин хусусияти таҳлили психологист. Саттор Турсун тавассути тасвиру таҳлили чуқур ва ҳаматарафаи психологӣ характерҳои мукаммале меофарад, ки аз маҳорати руҳиянигории ӯ шаҳодат медиҳад» [141].

Тавассути таҳлили ҳолати руҳӣ-равонӣ нависанда ба хонанда имкон медиҳад, ки ба дили қаҳрамонони дӯстдоштааш чашм дӯхта, тадриҷан ба дарки табиати инсон ва моҳияти аслии вай ошно шавад. Ва ба ин васила дар ҳикояҳои Саттор Турсун ҳаёти рангину пур аз ташвишҳои ҳамзамонони мо инъикос меёбанд. Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар тамоми эҷодиёти Саттор Турсун мавқеи марказӣ дорад, ин васфи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ мебошад.

Х. Асозода насри С.Турсунро баррасӣ намуда, дар он баён ёфтани мавзуъҳои воқеияти зиндагӣ, мухолифати табақавии мардум ва масъалаҳои

иҷтимоиро қайд менамояд. Х.Асозода дар насри Саттор Турсун диди нави нависандаро аз афкори андешамандии ӯ ҷустааст ва тааммуқпазиру зеҳнгаро будани андешаҳои ӯро таъкид менамояд [21, с. 119].

Аз баррасии ҳикояву повестҳои Саттор Турсун ба назар мерасад, ки ӯ дар таҳқиқи бадеии мавзуи ахлоқи ҳамида пайрави Фазлиддин Муҳаммадиев мебошад. Ш. Солеҳов дар пажуҳише, ки оид ба поэтикаи ҳикояҳои солҳои 70- 80-и адабиёти муосири тоҷик анҷом додааст, оид ба ҳикояҳои Саттор Турсун чунин мегӯяд: «Адибон ҳангоми тадқиқу баррасии бадеӣ мекӯшанд, ки психологизми таҳлилро бо таърихият ва тафаккури фалсафӣ омезиш дода, ба баррасии муаммоҳои умумибашарии аср комёб гарданд. Дар ҳикояҳои Саттор Турсун ва дигарон тадқиқи интелектуалии воқеияти зиндагӣ ва тасвири мукаммалу серпаҳлуи симои муосирон ривоҷ ёфтааст» [72, с. 55].

Аз таҳлили ҳикояву повестҳои Саттор Турсун ба хубӣ маълум мешавад, ки сарманшаи асосии навиштаҳои ӯро тасвири симои ботинии инсон, олами андеша, таъсири муҳит, ҷомеа ва густариши тафаккури ахлоқиву маънавии ӯ ташкил додааст. Назари нависанда ба ин масъала дар натиҷаи омӯзиш ва ковишҳои пайваста дақиқтар шуда, жарфои назари ӯ ба инсону сарнавишти он то рафт мукаммалтар гардидааст.

Махсусан, баъди ба табъ расидани повести «Камони Рустам» (1976) дар тарҷумаи русӣ «Лук Рустама» (Москва: Молодая гвардия, 1978) ва маҷмуаи асарҳои мунтахаби ӯ бо унвони «Барф ҳам мегузарад» («И снег сойдёт».– Москва: Советский писатель, 1982) на танҳо ба ҳаводорони насри собиқ Иттиҳоди Шуравӣ писанд омад, инчунин аз тарафи мунаққидони рус низ баҳои баланд гирифт.

Адабиётшиноси рус А.Неверов баъд аз мутолиаи осори Саттор Турсун ба хулосае омадааст, ки «Всматриваясь в лица земляков, в образ и уклад их жизни таджикский прозаик Саттор Турсун стремится не только к воссозданию внешних примет сегодняшнего дня, столько к пониманию того как в нем отразилась исторический опыт народа, его судьба. В этом Саттор

Турсун конечно не одинок - его произведение органично вписиваются в контекст нравственных поисков современной прозы» [133, с. 4].

Олами андешаи Саттор Турсун гуногунранг буда, мавзуъ ва мундариҷаи асарҳояш бештар ба масъалаҳои иҷтимоӣ, мавқеи инсон дар зиндагӣ, тасвири одамият ва шахсият иртибот мегирад, ки имрӯз дар муайян намудани меъёрҳои ахлоқии инсон, муносибат ба масъулияти шахс дар назди халқу Ватан нақши муҳим мебозанд. Оид ба ҳалли ин масъала М.Шукуров изҳори андеша намуда, навиштааст: «Аз бозе, ки адабиёт ба масъалаҳои ахлоқӣ-иҷтимоӣ ба таври ҷиддӣ рӯ оварда, симои маънавии афроди ҷамъиятро аз ҳар тараф ба тадқиқ гирифт, масъалаҳои меъёрҳои арзиши одамият торафт бештар диққати нависандагонро ба худ кашида истодааст. Нависандаи ҷавон (дар он солҳо – С.С.) ҳоло тадқиқи бадеии иҷтимоиро аз ҳамин назаргоҳ давом дода истодааст» [128, с. 32].

Мавзую мундариҷа ва сабку услуби ҳикояҳои маҷмуаи «Аз субҳ то шом» (1979)-и Саттор Турсунро А. Набиев таҳқиқ намуда, таъкид мекунад, ки «Чизе, ки хамаи ин ҳикояҳоро бо ҳам мепайвандад, тасвири масъулиятшиносӣ ва ҷавобгарии ахлоқии ӯ дар назди худ ва ҷамъият мебошад. Одамгарӣ, нигоҳ дошта тавонистани қимати инсонӣ худ меъёри муҳим ва принсипҳои асосии эҷодиёти Саттор Турсун буда, аз ин дидгоҳ қаҳрамонони ӯ ахлоқану маънан софкоранд. Ӯ ҳамеша кӯшиш мекунад, ки инсонро бо тамоми мукаммалиаш нишон дода, дар айни замон пастӣ ва бадгуҳариро беамон фошу танқид кунад» [116, с. 40].

Тавре гуфта омад, дида тавонистани тазодҳои маънавию ахлоқии зиндагии муқаррарӣ, муносибатҳои рӯзмарраи одамон ва ошкор кардани пайванди руҳи солими наслҳои гуногуни одамонро А.Набиев ҷиҳати барҷастаи эҷодиёти Саттор Турсун мешуморад, ки мо комилан, бо ӯ ҳамфикрем.

М. Шукуров ҳангоми баррасии ҳикояву повестҳои С.Турсун дар шахсияти бисёр қаҳрамонҳои нависанда «зиндагии бемаънавият, тангназарии мешчанӣ ва кӯрдилӣ»-ро [85, с. 329] мушоҳида карда бошад, Ҷ. Бақозода

баръакс ба натиҷае расидааст, ки «Аз мутолиаи асарҳои Саттор Турсун кас ба осонӣ мефаҳмад, ки аксари қаҳрамонони ӯ дар бораи мазмуну моҳияти ҳаёт ва қимату қисмати инсон дар зиндагӣ муҳокима меронанд ва дар ҳар асар бо тақозои шароити конкрет ва вазъияти муайяни қаҳрамонони андешапарвар хулосаи тоза мебарорад, паҳлуҳои дигари ҳаётро мебинад» [25, с. 111].

Саттор Турсун масъалаҳои муҳимми ахлоқӣ-иҷтимоиро тасвир карда, махсусан ба тасвири симои маънавии ҳамзамононаш эътибори бештар додааст. Ин кӯшиши босамари ӯ дар ҳалли масъалаҳои асосии ҷомеа ва тасвири бадеии образҳои асосии муосирон дар сюжети ҳикояву повесту романи ӯ ворид гардида, вижагии наверо дар насри муосир ошкор кард.

Ин вижагии ҳикояву повестҳои Саттор Турсунро Х.Асозода пай бурда, навиштааст, ки «Саттор Турсун аз нахустин қадамҳояш ба ҷодаи эҷод ва диди хосси худ назари фардиашро намоён кард..., дар асарҳои ӯ нишонаҳои услуби хос, муносибати ҷиддӣ ва як навъ амиқназарӣ дар тадқиқи ҳаёт ҳувайдо мегардад. Ин ҷост, ки хеле ба зудӣ эҷодаш диққати аҳли танқидро ба худ ҷалб намуд» [21, с. 420].

Дар эҷодиёти Саттор Турсун мавзуи ахлоқи ҳамида дар таҳқиқи бадеӣ ҷои намоён дорад, ки ин нуктаро мо дар ҳикояи «Нисфирӯзӣ» (1973), «Аз субҳ то шом» (1973), «Ситораи корвонкуш» (1973), «Барф ҳам мегузарад» ва ғайра вобаста ба масъалаҳои ахлоқи иҷтимоӣ ва симои маънавии афроди ҷомеа дар пайвастагӣ ба меъёрҳои арзиши инсон ба мушоҳида мегирем. Дар ин асарҳо чигунагии инсон ва муносибати ӯ ба дигарон муайян мегардад. Нависанда дар ҳикояи «Ситораи корвонкуш» аз тариқи симои марказии асар – Назар чунин андешаҳоро баён медорад:

«Одами бадгуҳар бо сад азоб ҷон медиҳад» [7, с. 356] ва «Моли ҳаром вафо надорад»» (ҳамон ҷо, с.373), ки ин маъниҳо наву тозаанд ва аз паҳлуи дигари фаъолияти инсон гувоҳӣ медиҳанд.

Дар ҳикояҳои «Падар» ва «Думбура», «Барф ҳам мегузарад», ки симои шахсони рӯзгордида тасвир ёфтаанд, нависанда ба воситаи андешаҳои ботинӣ, ҷузъиётбандии равонӣ шахсияти ҳунарӣ меофарад, ки дар ҳикояи

«Падар», «Думбура» – мӯйсафед ва «Барф ҳам мегузарад» – Карим ва Собир мӯйсафедонеанд, ки ҳар кадом дорои хислати ба худ хос мебошанд. Дар айни замон, он мӯйсафедон ҳангоми фаъолият якдигарро такмил медиҳанд. Ин шахсиятҳои офаридаи Саттор Турсун бо носозиҳои зиндагӣ, ноодамӣ ва пасттинатӣ мубориза мебаранд ва ҳам зебоии зоҳириву маънавии инсонро дифоъ менамоянд.

Олами андешаҳои ботинии Саттор Турсун гуногунҷабҳа ва гуногунранг буда, мавзуъ ва мундариҷаи асарҳояш бештар ба масъалаҳои иҷтимоӣ, мавқеи инсон дар зиндагӣ, тасвири одамият ва шахсият иртибот мегирад, ки имрӯз дар муайян намудани меъёрҳои ахлоқии инсон, муносибат ва масъулияти шахс дар назди халқу Ватан нақши муҳим мебозанд. Ин андешаи амиқ ва қадамҳои устувори Саттор Турсунро дар эҷоди асарҳояш Раҷаб Амонов чунин таъкид намудааст: «Саттор Турсун ба майдони эҷоди бадеӣ бо қадамҳои қатъӣ ва ниятҳои тоза ворид шуд. Бештари асарҳое, ки ӯ ба хонандагон пешниҳод кард, дар сатҳи талаботи имрӯзанд ва ҳамчун намунаи насри реалистии психологӣ аз пешрафти ин соҳаи суханварӣ гувоҳӣ медиҳанд» [109, с. 42].

Ҳамин меъёри тасвири рӯзгори мӯйсафедон ва дар маҷмуъ ашхоси деҳоти рӯзгордида, ки ба ҳодисаҳои зиндагӣ аз нигоҳи таҷриба ва хираду заковати халқ назар мекунанд ва ҳаводиси пешомадаро таҳлил мекунанд, дар ҳикояи «Васият» тасвири ҷолиб ёфтааст. Ин манзара аз тариқи муҳокимаронии худи пирамард ба қалам дода шудааст:

– «Мурдан намехоҳам, – гуфт пирамард.

– Умри одамизод ин қадар кӯтоҳ!

«Бале, бисёр кӯтоҳ» – нолаи ӯро дар дил мусаллам донистам ман. Ва лаҳзае дар қайди андеша монда ақида кардам: – Эҳтимол, маънии зиндагӣ низ дар ҳамин бошад, ки инсон хуб мефаҳмад, – умраш чун барқу бод...

Меояду шитобон мегузарад» [3, с. 79].

Дар ин ҳикоя назари таҳлилии шахсияти қаҳрамон мавқеи бештареро пайдо намуда, ҳадаф ва андешаи асосии нависандаро ба хонанда равшан

бозгӯ месозад, ки ин яке аз нишонаҳои муҳими сабкии насри таҳлилию равоншинохтӣ аст.

Саттор Турсун дар ҳикояҳояш ба таҷрибаи наслҳои калонсол бо камоли эҳтиром менигарад ва онро аз муҳимтарин ва беҳтарин масъалаҳои рушду камоли наслҳои оянда меҳисобад, ки мантиқан дуруст ва омӯзанда аст. Аз ин хотир, нависанда дар ҳикояи «Мӯйсафедон» дар персонажҳо бо характери гуногун ба тасвир овардааст. Чунончи, яке умрашро ба манфиати халқу ҷамъият сарф карда, ҳаёти ибратбахш ба сар бурдааст, дигареро назари танг ва кӯтоҳандешӣ имкон надодааст, ки сари вақт ба моҳияти зиндагии ҳақиқӣ сарфаҳм рафта, хислати инсони ҳақиқиро аз худ зоҳир кунад. Ӯ аз карда пушаймон аст, вале пушаймонӣ бароящ суд надорад. Савумӣ, тинати гургонро дар худ нигоҳ доштааст ва ҳар ҷо ки бошад, дилсиёҳӣ ва изтироби ногувор пайдо мекунад. Ҳар як сухани дар дами марг ба дӯсти ҷониаш изҳор намудани Собир Мухтори накӯкору мубориз ҳикмати босамари зиндагии хуб ва бобарактаро дар бар гирифтааст ва ғайра: «... Агар дӯсти ман бошӣ, намегузорӣ, ки ба иродати як-ду нимчамуллои ҳаромгулӯ дар сари қабри ман пул тақсим кунанд. Аз ин бемаззагӣ ҳамавақт нафратам меомад... Ана ҳамин дӯстам. Ман умрамро дидам, ҳафтод сол, умри кам не. Аз дунё розӣ ҳастам, касеро фиреб надодаам, ҳаққи мардумро нахӯрдаам, аз паи шуҳрату давлат нарафтаам» [2, с. 106].

Қаҳрамони дигар дар поёни умр ба гузашта зуд-зуд рӯ меорад ва агар ягон вақт шавқи ночизиву камнавоии худро фурӯ шинонда натавониста, ба хатои азиме, ба хатое, ки боиси бадбахтии дигарон мешаванд, роҳ дода бошад, дилашро заҳролуд мекунад. Чунин чеҳраи калонсол Карим аст, ки дар ғурури ҷавониаш зану фарзандашро фаромӯш карда, духтари маъсумаи покизатинати софдилро ба дами ҳаваси худ мекашад ва боиси бадбахтии ӯ мегардад: «Эҳ, устухони фарзанди одам бо шири хом шах шудааст! – Бо сӯзу бо алам фикр мекунад Карим, – баъзан чунон паст меафтад, ки... ба ҳамаи ин худаш гунаҳкор. Қиссаи вай бо Сабоҳат дардест, – ки дар синаи мӯйсафед як умр хона дорад. Сари ҳавас гул мечинам гуфту дар дилаш хор нишаст. Ҳа-а,

чунки падар буданашро гӯё фаромӯш кард, пеши ғалаёни ҳиссиёташро сари вақт нагирифта буд... Барои чи аввал он духтараки зудбоварро фиреб дода, баъд ҳам ҷони худашро ва ҳам ҷони ӯро ба кӯраи оташ андохт» [2, с. 107].

Дар ҳикоя лаҳзае тасвир ёфтааст, ки Карим бо Сабоҳат ошиқ мешавад ва онҳо як муддат зиндагӣ мекунанд. Карим, ки бо дӯсти ҷониаш Собир, барои барқарориву устувор кардани ҳаёти нави сотсиалистӣ мубориза бурдаанд, барои Ватан бо фашистон ҷонро нисор кардаанд, ҳоло ки ӯ зану фарзанд дорад, ҳимоятгари хислатҳои поки инсонист, аниқ мешавад, ки онҳо ҳамаҷиҳата азоб мекашанд, худро дар назди виҷдонаш, дар назди Сабоҳат гунаҳкор мешуморад. Ин ҷо нависанда як ҳақиқати талхи солҳои ҷангро нишон додаст. Дар чор соли ҷанг Карим ҳам, Сабоҳат ҳам ба навозишу меҳрубонӣ ниҳоят зиёд эҳтиёҷ доштанд. Бинобар ин, муносибати неки инсонӣ тадриҷан ба муҳаббати ҳақиқӣ расид. Вақте ки Карим бо мақсади дидорбинӣ бо падару модар ва расман ҷудо шудан аз занаш ба деҳаи худ омад, ҳақиқати зиндагӣ ӯро аз олами хаёлу орзуҳо боз ба замин фаровард. Вай аниқ дарк намуд, ки ҳеҷ гоҳ ва ҳеҷ вақт аз занаш ҷудо шуда наметавонад. Сабоҳатро тарк карда, ба деҳаи худ бармегардад ва зиндагиашро идома медиҳад, танҳо дар поёни умр хатои хешро дуруст дарк намуда, мехоҳад хатои худро ислоҳ намояд, вале фикр мекунад, ки шояд аллакай дер шуда бошаду он захме, ки дар қалби Сабоҳат зада буд, шояд ҳеҷ гоҳ ӯро набахшад, вале ба ҳар ҳол кӯшиш менамояд, ки аз паи ислоҳаш шавад.

Мо дар ин ҷо ба хулосаи Раҷаб Амонов ҳамақидаем, ки навиштааст: «Қаҳрамонҳои асарҳои Саттор Турсун ҷавонони масъулиятшиносанд, ки ба воқеаҳои рӯзгор ва ҳаёти ҷамъиятӣ назари равшан ва муносибати фаъолона доранд. Аз бепарвоӣ, манфиатчӯӣ, худбинӣ ва танпарварӣ барин хислатҳои номатлуб парҳез мекунанд, ба муқобили иллатҳо ва пастиҳои одамӣ бо ҷидду ҷаҳд мубориза мебаранд» [109, с. 42- 43].

Аз ин андешаҳо бармеояд, ки дар ҳикояҳои Саттор Турсун асосан, аз қисмати инсон, мавқеи шахс дар ҷомеа, яъне бузургӣ ва пастфитратии инсон сухан меравад. Масалан, одамгарӣ ё ноодамӣ дар силсилаи характерҳои чӣ

ҷавонон ва чӣ мӯйсафедон аз оғози асарҳои нависанда таҳқиқ мешаванд ва зоҳиран чунин менамояд, ки тарзи тасвир ва поэтикаи асарҳои офаридааш ба ҳам шабоҳат доранд, вале хонанда ҳар як ҳикояи Саттор Турсунро чун сухани нав ва бозёфти эҷодӣ қабул мекунад, ки ин хеле муҳим аст. Адиб дар ҳар асар паҳлуҳои мухталиф ва то ҳол номаълуми муаммоҳои зиндагиро мавриди тасвир қарор дода, ба ин васила хислатҳои гуногуни инсонро мекушояд ва ин аз ҷасорату ҷиддияти нависанда дарак медиҳад. Аз ҳикояаш пайдост, ки нависандаи ҳассос ба воқеаҳои атроф бетараф нигоҳ накарда, ба ҳар як рӯйдоди бузурги иҷтимоӣ ва ҳам хурдтарин дигаргуниҳои табиати инсонро сари вақт ва ниҳоят нозук дарк мекунад. Аз мутолиаи ҳикояҳо кас ба осонӣ мефаҳмад, ки қаҳрамонони Саттор Турсун дар бораи мазмуну моҳияти ҳаёт ва қисмату қиммати инсон дар зиндагӣ баҳс мекунанд ва муҳокима меронанд.

Дар ҳикояву повестҳои Саттор Турсун тасвири равонӣ хуб ба мушоҳида мерасад. Ин услуби эҷод, ба хусус падидаи худифшоӣ аз бисёр ҷиҳатҳо боиси кашфи дунёи ботиниву маънавии инсони воқеӣ мегардад. Вобаста ба ин нукта дар асарҳои Саттор Турсун монологи ботинӣ қуввати бештар пайдо кардааст. Дар ҳикояи «Чорсу», ки то ҷое ҷанбаи сарнавиштӣ дорад, се нафар – Ҷамшед, Шаҳноз ва Ҷалил ғайри хоҳиши якдигар дар гирди мизи тарабхонае вомехӯранд. Саттор Турсун «бо тасвири нишаст, нигоҳ, рафтору гуфтори ноҳинҷор, ҳолату изтироби ботинии қаҳрамонон чунин вазъияти равоние меофарад, ки дар як ҷо будани онҳо душвор аст». Яъне, дар ниҳоди ин ҳар се чӣ сирре ниҳон аст, ки ин сир ба якдигар дар иртибот мебошад. Дар ниҳоди онҳо макру фиреб, тухмату буҳтон, бухлу ҳасад, нофаҳмиву гумроҳӣ ҷой дорад ва нависанда хонандаро ҳушдор медиҳад, ки аз ин гуна рафторҳо дур бошад. Ҳар ду Ҷамшед ва Ҷалил Шаҳнозро дӯст медоранд, вале бо нияти гуногун, ки ин гуна мавридҳо дар зиндагии воқеӣ ҳамеша ба назар мерасанд.

Дар повести «Сукути қуллаҳо» мавзуе матраҳ шудааст, ки ҳодисаҳои замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)-ро дар бар гирифтааст ва нависанда симои як гурезаи замони ҷанг Акбар ва дар муқобили ӯ Содиқро,

ки меҳнатдӯст аст, тасвир намудааст, ки дар ин ҷо нависанда андешаи хос дорад.

Бо ҷараён гирифтани хати сюжет Содиқ Акбари гуреза ва хоинро бо дастони худ мағлуб мекунад, ки дар повест ашхоси хоини ҷанг маҳкум шудаанд. Ин гуна типҳо – гурезаҳои ҷанг дар ҳар гӯшаи Тоҷикистон ба назар мерасиданд ва бо ин усули эҷодӣ нависанда симои манфури онҳоро фош намудааст.

Аз ҳунарҳои дигари нависандагии Саттор Турсун ин тасвирсозӣ, ки фаровон дар ҳикояву повестҳояш ба назар мерасад ва ин ҷо овардани як лаҳза аз повести «Обдорӣ» (1983)-ро зарур медонем, ки хеле муассир аст. Дар ин порае аз повест нависанда вобаста ба афзудани зеҳнгароӣ ва тақвияти имконоти сухани дуовоз (дар нақл омехта шудани сухани нависанда ва қаҳрамони асар) ҳунари «тасвиргарии равонӣ ва санъати инсоншиносиро нишон додааст». Қамчин (қаҳрамони повести «Обдорӣ») баъд аз чаҳор соли ҷанг ба деҳа баргашта, ҳавлиашро бекасу вайрона дидааст:

«Вай ба худ гуфта наметавонист, ки наход аз модараш ҳам ҷудо шуда бошад? Вай аз ин фикри ба сараш омада метарсид. Пас ӯ куҷост? Чаро ҳавлиашон ин қадар бенигоҳубин? Барои чӣ кулбаашон ин қадар сард?

Атроф хомӯш. Ва ин хомӯшӣ чунон вазнину ногувор буд, ки гӯшҳояш ҷарангос мезанад, дилаш такурӯ мешуд.

Вай дар ин сукунати сангин, ки хомӯшиҳои наҳси пеш аз ҳуҷумро ба хотир меовард, хаёлан ба сару як кӯй рафта, хеле нишаст.

Сипас, нохост шарфаи пойро шунид ва ба умеде, ки модарашро мебинад, зуд ва бо ҳаяҷон сар бардошт:

– Хадича?!

Қурси офтоб пинҳон шуда буд. Лекин як кисмати осмони сари кӯҳ лолагун метофт ҳанӯз.

– Қамчин!...

Ба рӯи ҳавлӣ тадриҷан сояи тунуки бегоҳирӯз паҳн мегардад. Ва Қамчин фарорасии шабро қариб, ки ҷисман ҳис намуда, ба чеҳраи зебо, вале андаке коҳидаи Хадича менигарист, ки рӯ ба рӯ истода, хушҳолона табассум мекард. Дар остинаш чанд дона себи сурх дошт» [2, с. 124-125].

Ин пора як ҷузъи хотироти Қамчин аст. Вале он андешаҳои мушаххаси марди аз ҷанг баргашта ҳамроҳ ба худ садои дигареро дорад, ҳолати равонӣ, вазъи мушаххаси руҳӣ, масъулияти вохӯрӣ бо модар, гумону тахмини сиҳат будани ӯ ва боз садои ҷангу ҳолати табиат, гуфтугӯ, чеҳраи Хадича, чанд дона себи даруни остин ва бо ҳамин ибтидои ба ҳам пайвастани эҳсоси нозуки инсонҳоро фаро гирифтааст.

Нависандагон ҳамеша мекӯшанд, ки дар осори худ меъёрҳои халқӣ ва воқеии баҳо додан ба инсонро ҷӯянд ва назари онҳо фақат ба гузаштаи дур нигаронида нашуда, балки мувazзафанд, ки таҷрибаи иҷтимоии замони навро фаро гиранд.

Муҳаммадҷон Шукуров оид ба ин масъала чунин андеша дорад: «Адабиёт андӯхтаҳои иҷтимоиву маънавии халқро бо ҳама мураккабиҳояш, бо инкишофи таърихии имрӯзааш, бо арзишҳои гуногуни замониаш, бо моҳияти интернатсионалиаш аз назар гузаронидааст. Инро аз асарҳои Ф.Муҳаммадиев, У.Кӯҳзод, С.Турсун, Сорбон, Б.Фирӯз ва аксари дигар нависандагон ба хубӣ мебинем» [85, с. 345].

Таҳқиқи падидаҳои гуногуни ҳофизаи таърихии шахс ба сифати як қувваи фаъоли иҷтимоӣ дар повести Саттор Турсун «Зиндагӣ дар домани талҳои сурх» (1982) бештар ба назар мерасад.

Андешаҳои қаҳрамони асар – рассоми ҷавон Шодмон бештар ба дарки асосҳои фалсафии ҳастии инсон нигаронида шудааст. Назари ӯ ба овони кӯдакию наврасии худ, ба зодгоҳи азизаш – як деҳаи кӯҳистон, ба он чӣ, ки дар ин деҳа дар гузаштаи дур ва наздик рӯй додаст, ба чигунагии зиндагии имрӯзаи деҳотиён равона аст. Вай ибтидои моҳияти инсонии худро аз таърих ва замони ҳозира ҷӯён аст.

Шодмон аз мушоҳидаҳову андешаҳои худ хулоса мебарорад, ки «Одам бо хотира зинда аст» ва аслу насаби худ, моҳияти инсонии худро бояд фаромӯш накунад. Мақсади ҳаёт дар назари Шодмон ҳамбастагӣ бо халқ, бо шодиву хурсандиҳо ва ғаму андуҳи вай аст. Ин повести Саттор Турсун аз тасвири манзара, ба мисли рангҳои табиат, аз ҳавои кӯҳсору водиҳо, аз бӯи алафу ангуру себ, инчунин аз бӯи дилангези модар, ки дар ҷавонӣ вафот кардааст ва Шодмон

аз ҳар касу ҳар чиз нишони ӯро ҷӯёст, саршор аст. Чашмандози нависанда дар ин повест нисбат ба асарҳои қаблан интишоршудааш фарохтар ва нигоҳаш ба тасвири ҳодисаву воқеаҳо васеътар аст.

Дар ҳикояву повестҳои нависанда Саттор Турсун муҳимтар аз ҳама доир ба тақдиру қисмати инсон, мавқеи шахс дар ҷомеа, ахлоқу одоб, фарҳангу маънавият ва орзуву омоли ӯ сухан меравад ва масъалагузорӣ карда мешавад. Масъалагузориҳои Саттор Турсун дар ҳикояву повестҳояш нигоҳу назари қолабӣ ва содаву одӣ нестанд ва аз нависанда маҳорати баланди гузориши масъала ва роҳҳои дурусти ҳалли онро талаб дорад. Қисмати инсон, инсони бадандешу некандеш дар маркази таҳқиқоти Саттор Турсун қарор дорад. Ва нависанда роҳи ислоҳи чунин рафтору кирдори инсонҳоро дар маркази андешаҳояш ҷой додааст, фаъолияту рафторҳои руҳиву равонии онҳоро ба пажуҳиш мекашад ва натиҷагирӣ мекунад, ки бозёфтҳои эҷодии нависанда ба ҳисоб мераванд. Масъалаҳои одаму одамгарӣ ва амалҳои ғайриинсонӣ дар силсилаи рафтору кирдор ва муносибати қаҳрамонони ҳикояву повестҳои нависанда бештар таҳқиқ карда мешавад.

Нависанда ҳамчун шаҳрванди воқеии замони худ нисбат ба проблемаҳои ҷомеа бетараф нест ва мехоҳад роҳи ислоҳи онҳоро тавассути сухани созанда баён намояд, ҳарчанд роҳи ҳалли ин масъалаҳо душвор аст. Дар баррасии мавзуъҳо ва ҳалли қазияҳо Саттор Турсун хеле мушоҳидакор аст, ботаҳаммул ва соҳиби андешаи солими эҷодӣ аст.

Аз таҳқиқ ва баррасии ҳикояву повестҳои Саттор Турсун ба назар мерасад, ки ӯ қаҳрамонони офаридаи худро, – чӣ ҷавон ва мӯйсафедро ба ҳадди камол ба тасвир мегирад, ӯ инсони комилро ба дараҷаи баланд васфу ситоиш мекунад ва худхоҳу комҷӯйро боз ҳам ноодаму пасттар нишон медиҳад.

Ҳамин тавр, аз баррасии ҳикояву повестҳои Саттор Турсун метавон натиҷагирӣ кард, ки ин осори марғуб дар адабиёти муосири тоҷикӣ мақому ҷойгоҳи хос доранд, ки нависанда ин осорро дар мавзуъҳои мухталиф, ки фарогири масъалаҳои гуногуни ҳаёти инсонҳо мебошанд, дар тасвири бадеӣ ҷолиб нишон додааст.

Саттор Турсун дар эҷоди ҳикояву повестҳо ҳамчун як нависандаи навҷӯву навгӯ зуҳур кардааст ва ин қисмати осори ӯ аз тарафи нақди адабии муосири тоҷикӣ баҳои сазовор гирифтааст.

Аз баррасии масъалаҳои дар боби якуми диссертатсия омада метавон ба чунин натиҷаҳо расид, ки Нависандаи халқии Тоҷикистон Саттор Турсун дар раванди густариши адабиёти муосири тоҷикӣ бо осори гуногунжанру гуногунмавзуяш ҷойгоҳи шоиста дорад:

– Саттор Турсун баъд аз касби камол кардан роҳи эҷодии мувофиқро тай карда, маҳсули адабии худро аз навиштани ҳикоя оғоз намуда, тадриҷан ба эҷоди повест ва роман гузаштааст.

– Ҳикоя аз жанрҳои хеле густарда дар адабиёти классикии форсии тоҷикӣ ва муосир ба ҳисоб меравад, ки Саттор Турсун дар эҷоди ҳикоя дар қатори дигар нависандагон дар навиштани ҳикоя ба комёбиҳои эҷодӣ даст ёфтааст.

– Аввалин намунаи ҳикояи Саттор Турсун дар солҳои таҳсилаш дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) бо номи «Дар роҳ» иншо шуда, дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» ба чоп расидааст ва тадриҷан дар солҳои баъд ҳикояҳои зиёд навиштааст.

– Соли 1971 маҷмуаи нахустини ҳикояҳои нависанда бо унвони «Дили гарм» ба табъ расидаанд, ки ҳикояҳои «Нигина», «Хостгор», «Боздид» ва «Соҳиби кулоҳ»-ро дар бар гирифтаанд.

– Саттор Турсун дар давоми фаъолияти эҷодии худ баъд аз ҳикоя ба навиштани повестҳо оғоз намудааст, ки аввалин повести нависанда «Сукути қуллаҳо» ном дорад ва «Камони Рустам», «Мегӯянд, ки модарам...», «Пайванд», «Обдорӣ», «Барф ҳам мегузарад», «Санг дар бағал ба тӯфон» дар солҳои баъд эҷод шудаанд.

– Таълифи ҳикояву повестҳои Саттор Турсун дар мавзуъҳои гуногун аз марҳилаи аввали эҷодияш ба аҳли таҳқиқ ва нақди адабии тоҷикӣ писанд афтодааст, зеро ҳикояву повестҳои ӯ дар раванди вусъат гирифтани насри воқеии тоҷикӣ, тамоилҳои асосии он, аз ҷумла насри таҳлилӣ, насри андеша ва насри равонӣ, ки воқеияти зиндагиро бо ҳама паҳлуҳояш фаро мегирифт, эҷод шудаанд.

## Боби II. Шеваҳои тасвири воқеияти зиндагӣ дар повестҳои Саттор Турсун

### 2.1. Мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии повестҳои Саттор Турсун

Нависандаи халқии Тоҷикистон Саттор Турсун аз зумраи нависандагони сермаҳсул, муваффақ ва донишманди муосири тоҷик ба ҳисоб меравад, ки осори зиёд навиштааст, ки нақди адабии тоҷикӣ асарҳои ӯро дар вақти дар рӯзномаҳо ва маҷаллаи «Садои Шарқ» ба нашр расидан ё ҳамчун китоби алоҳида чоп шудан баҳои воқеӣ додааст. Агар дар маҷмуъ баҳои нақди адабии тоҷикиро роҷеъ ба осори Саттор Турсун ба мушоҳида бигирем, ба назар мерасад, ки воқеан, баҳои дуруст ва хуб дода шудааст. Аз ҷумлаи донишмандон ва мунаққидони тоҷик: М.Шукуров, Х.Асозода, А.Сайфуллоев, Ҷ.Бақозода, А.Набиев, А.Раҳмонов, С.Абдулло, М.Раҷабӣ, К.Шукруллоев, Ш.Солеҳов, Қ.Нурқаев ва дигарон ба асарҳо ва махсусан повестҳои Саттор Турсун баҳои арзанда додаанд.

Муҳаққиқон ва донишмандон ба навиштаҳои Саттор Турсун бештар ба паҳлуҳои гуногуни мавзуи асарҳо, интихоби қаҳрамонҳо, тасвирҳои нависанда, зиддиятҳо ва бархӯрдҳои иҷтимоӣ, истифодаи монологҳои ботинӣ, дарёфти лаҳзаҳои ҷолиби рафтори қаҳрамонҳо, тасвири ишқу муҳаббат, истифодаи бамавриди зарбулмасалу мақол, санъатҳои бадеӣ ва забону баёни нависанда дар асарҳояш таваҷҷуҳ кардаанд, ки нависанда аз иҷро ва истифодаи дурусти ин масъалаҳо ба хубӣ баромадааст.

Саттор Турсунро ҳамчун нависанда бештар ҳалли масъалаҳои зиндагии инсонҳо, тасвири воқеияти зиндагӣ, проблемаҳои зиддиятҳои ахлоқӣ, мушоҳидакории қаҳрамонҳои асарҳо, дарки олами ботинии қаҳрамонҳои асарҳо, роҳҳои пешрафти зиндагӣ, нақши воқеии инсони таҷрибаандӯхта, тарбияи дурусти насли наврас ва ғайра ба худ ҷалб намудааст. Дар осори Саттор Турсун масъалаи тасвири ҳақиқати воқеӣ бар ҳақиқати бадеӣ бунёд ёфтааст ва ҳақиқати воқеӣ тавассути тахайюл барҷаста ифода гардидааст, ки «Ҳақиқати воқеӣ то ба ҳақиқати бадеӣ табдил наёбад, яъне то либоси бадеъро

дарбар накунад, таровату дилкашие надорад. Ҳақиқати бадеӣ он мундариҷаи ғоявист, ки тавассути образ дар асар ифода меёбад» [33, с. 106].

Воқеан, Саттор Турсун дар асарҳояш ҳақиқати бадеиро дар заминаи ҳақиқати воқеӣ бо воситаи тахайюлоти худ эҷод кардааст, ки ин таҷриба дар адабиёти олам маълум аст. Дар зер чанд повести нависандаро аз ҷиҳати мавзуъ ва мундариҷаи ғоявӣ ба таҳлил мегирем.

### 2.1.1. Повести «Сукути қуллаҳо»

Повести «Сукути қуллаҳо» аввалин асари калонҳаҷми нависанда аст, ки ташаккули фардии эҷодиёти Саттор Турсун ва гузаштани ӯ аз навиштани ҳикоя ба повест ва дар ҳалли проблемаҳои адабиёт устувортар ва ҷиддитар гом бардоштани муаллифро нишон медиҳад. Гузаштан аз ҳикоянависӣ ба иншои повест, аз як тараф ташаккули фардияти нависанда бошад, аз ҷониби дигар муносибати ӯро ба ҳалли бештар ва амиқи масъалаҳои рӯзмарраи зиндагӣ ва дарки олами ботинии инсонҳову ҷустуҷӯи бештар дар офаридани симоҳои мақбултар ифода мекунад.

Повести «Сукути қуллаҳо», ки унвони рамзӣ ва шоирона дошта, соли 1972 аввалан дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ва соли 1974 дар шакли китоби алоҳида дар маҷмуаи ҳамном бо фаро гирифтани ҳикояҳои «Падар», «Чорсу», «Васият» ва «Талқини суруд» ба нашр расидааст.

Повести «Сукути қуллаҳо» ба мавзуи зиндагии ақибгоҳи солҳои ҷанги дуюми ҷаҳонӣ бахшида шуда, дар бораи қаҳрамониҳои халқи тоҷик дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ баҳс мекунад. Нависанда ба тамоми воқеаҳо ва ҳодисаҳо аз назари қаҳрамони асосии повест – Содиқ назар меандозад. Аз назари чунин як марде, ки аз ду кӯраи оташи ҷанг гузаштааст, ба ҳодисаҳои ҳамон солҳои душвор нигаристан, аз нависанда маҳорат ва таҷрибаи ғании зиндагиро талаб мекунад. «Худи интихоби гузаргоҳ», – қайд мекунад Муҳаммадҷон Шукуров, – «то чӣ андоза фаъол будани мавқеи ғоявии нависандаи ҷавонро нишон медиҳад». Ва баъдтар зикр менамояд, ки «Аз назари як марди пурдону баркамол ва фидокори роҳи ҷамъият ба чеҳраи

мардум нигоҳ кардани Саттор Турсун ва масъалаҳои рӯйдодҳоро фикр кардани ӯ басо ибратомӯз аст ва бештар имкон медиҳад, ки ҳар ҳодиса аз дидгоҳи манфиатҳои ҷамъият санҷида шавад» [85, с. 198-200].

Дар ин повест марди таҷрибаандӯхтаву баркамол Содиқ аст, ки ҳамеша масъалаҳои ҷамъиятиро аз манфиатҳои шахсӣ боло мебинад ва образи мақбули ҳам нависанда ва ҳам хонанда аст, чунки дарвоқеъ ҳама рафтору амалиёти ӯ омӯзанда ва шоистаи таҳсин аст.

Асоси повести «Сукути қуллаҳо»-ро фикру андешаҳо ва хотираҳои Содиқ ташкил медиҳад. Содиқ аз ҷанг маҷруҳ шуда, бо иҷозати духтурҳо ба зодгоҳаш бармегардад. Ба пои лангаш нигоҳ накарда, вай вазифаи пештараи худ – раиси колхозро ба зиммаи худ мегирад, ки ҳамчун симои масъулиятшинос ба назар мерасад. Тамоми фикру зикри ӯ барои беҳбудии зиндагии халқ ва иҷрои нақшаи колхоз, ки барои таъмини ғалаба зарур буд, банд аст. «Содиқ дар бораи воқеаҳои зиндагӣ, дар бораи дирӯз ва имрӯз бошиддат фикр ронда, дар ин асос моҳияти иҷтимоии ҳодисаҳо, кирдори мардум ва замонро месанҷад» [85, с. 201].

Содиқ баъди аз ҷанг омадан аз ҳамдеҳагонаш мефаҳмад, ки ҷӯраи вай Акбар аз ҷанг гурехта, дар атрофи кӯҳҳои деҳа пинҳон шуда гаштааст. Содиқ воқеаи Ҷаҳоннаморо, ки пеш аз ҷанг рӯй дода буд, ба хотир оварда, афсӯс мехӯрад, ки «Дар ҳаққи рафиқи деринааш Акбар сахт хато кардааст». Ё он вақт рӯи хотири ҷӯрааш кард? Дар вақташ бе ҷазо мондани Акбар аз тарафи Содиқ барин шахс ба фикри мо ҳам хато аст, чунки бо айби Акбар як колхозчӣ ҳалок ва моликияти ҷамъиятӣ нобуд шуда буд. Содиқ набояд дӯсташро хотирбинӣ мекарду гуноҳи кардаи ӯро рӯйпӯш, балки худаш бояд ба дасти худ ӯро ба додгоҳ месупорид.

Образи Акбар ҳамчун хиёнаткор нисбат ба Ватан дар адабиёти муосири тоҷикӣ ҳодисаи нисбатан нав буд. Ҳарчанд чунин персонажҳо дар насри муосири тоҷикӣ вохӯранд ҳам, то ин дараҷа барҷаста ва воқеӣ тасвир нагашта буданд. Инчунин, ин ҷо ба назар мерасад, ки нависанда дар нишон

додани ин образ аз адабиёти муосири рус ва ҷаҳон, ки чунин типҳо зиёд офарида шудаанд, бардоштҳо кардааст.

Ин ҷо барои тақвияти фикр порае аз муколамаи Содиқ ва Акбарро меорем:

– Аз роҳат баргард. Тавба кун. Шояд гуноҳатро бахшанд.

– Ман аҳмақ нестам.

– Ту?! Ба хаёлам, дар дунё аз ту аҳмақтар касе нест.

– Ҳар чӣ гӯӣ, ихтиёрат.

– Барои чӣ гурехтӣ?

– Ин кори ту не. Ҳар кас ғами худашро мехӯрад.

– Тарсидӣ, кӯрдил!

– Дурӯғ!

– Агар наметарсидӣ, ба Ватан хиёнат намекардӣ.

– Ба кадом Ватан?...

– Чанд Ватан дорӣ? – Содиқ мушти гиреҳ шудаашро беихтиёр ба сари ӯ бардошт, вале ҳамон дам суст шуда, дасташро фуровард.

– Не, ман ба ту даст намерасонам, – гуфт ӯ дандон совида.

– Магар мушт ба касе, ки маънии Ватанро намедонад, таъсир мекунад?

Рост гуфтаанд, ки шолӣ бе курмак намешавад» [2, с. 122].

Аз ин муколамаи тунду тез, ки гуфтугӯи Содиқ ва Акбар ифода ёфтааст, андешаи ватандӯстӣ, ки дар рагу пайи Содиқ ҷӯш мезанад ва дурӯғгӯиву хиёнати Акбар нисбат ба Ватан, ки ҳақиқати воқеист, дар тахайюли бадеии нависанда ифодаи дурусти худро ёфтааст.

Саттор Турсун дар повести «Сукути қуллаҳо» қаҳрамонҳояшро дар чунин ҳолатҳое ба тасвир мегирад, ки хонанда хоҳу нохоҳ дар бораи кори онҳо андеша менамояд ва ба масъалаҳое, ки дар повест омадаанд, бетараф ва бетафовут буда наметавонад. Мо аз ҳолати Акбар мефаҳмем, ки чунин одамон дар ҷамъият зиндагӣ карда наметавонанд. Чунин одамон дер ё зуд аз «лавҳи хотир» баромада мераванд. Акбар «радди маърака» аст ва мардум наметавонанд, дар бораи чунин одамон оромона гап зананд. Ҳатто занаш

Холбибӣ аз Акбар рӯ метобад ва баъди гурехта омадани ӯ чунин мегӯяд: «Агар шумо ғами ману писаратонро мехӯрдед, намеомадед. Шумо ғами худатонро хӯрда, гурехта омадед. Аз ин рӯзам дида, бева монам ё аз гушнагӣ мурам беҳтар набуд» [2, с. 74].

Аз ин суханони Холбибӣ чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки он солҳо маънии Ватан, ғами халқ то кадом дараҷа қадру қимат доштааст.

Ё дар ҷои дигари повест, баъди он ки Холбибӣ вафот мекунаду Акбар мехоҳад, писарчаашро гирифта, ба ягон «ҷои дур» гурехта равад, Содиқ ӯро дошта муроҷиат мекунад:

– Ба куҷо?

– Ба ҷое, ки ҳеҷ кас маро намешиносад.

– Ба гумонат дар дигар ҷой мардум кӣ будани туро намефаҳманд?

– Бо кадом рӯй зиндагӣ мекунӣ? Виҷдонат азоб намедиҳад?

– Ман ба виҷдон-пиҷдон кор надорам. Зиндагӣ кардан мехоҳам.

– Мор ҳам зиндагӣ кардан мехоҳад.

– Бигузор ман мор бошам.

– Ба ту ҳайфам мебиёяд. Охир, ман ба ту бовар мекардам... Воқеаи Ҷаҳоннамо дар ёдат ҳаст?

– Вақте ки одам ба рӯзи сахт афтад, кирдори бадашро як-як ба хотир меорад...

– Гурехтанатро шунидам боз афсӯс мехӯрам, ки чаро ҳамон вақт туро ба суд надодам.

– Худат -ку аз қатори одамон баромадӣ, ба писарат ҳам бадӣ мехоҳӣ?

– Ин гапат чӣ маънӣ дорад?

– Маъниаш ҳамин ки писарат дар тарбияи ту бошад, худат барин ноодам мешавад. Беҳуда аз об кулӯхи хушк кофта нагард» [2, с. 122-123].

Дар повести «Сукути қуллаҳо» масъалаи робитаи замонҳо дар он зоҳир мегардад, ки манзараҳои гузашта, воқеаҳои дуру наздик дар олами бадеии қаҳрамон ба сифати қувваи фаъоли имрӯз падидор мегарданд ва дар тарбияи маънавию ахлоқии одамон нақши муҳиме мегузоранд. Тавассути повести

«Сукути қуллаҳо» нависанда андеша ва ҳисси қаҳрамони фаъолиятманди гузаштаро бо имрӯз пайванд дода ва робитаи замонҳоро барқарор намудааст. Дар повест нависанда ба воқеият ва дунёи ботинии инсон пеш аз ҳама аз нуқтаи назари ахлоқ наздик шуда, таҳаввулпазирии шахсиятро дар вазъиятҳои мухталифи замонию маконӣ падидор мегардонад.

Дар «Сукути қуллаҳо» на танҳо камбудиҳои муҳимми кунунии ҷомеа ва рафтори ношоистаи баъзе аз ҳамзамонони нависанда баён гардидаанд, балки тавассути баёни рози дил ва худтаҳлилии образҳо як қатор масоили таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳаёти халқ ҳам баррасӣ шудаанд. Оҳанги замон дар повести «Сукути қуллаҳо» туфайли андешамандӣ ва тааммуқпазирии образҳо моҳияти таърихӣ гирифтааст.

Дар ҳақиқат, назари моҳиятҷӯ ва биниши бадеии қаҳрамонони повестро масъалаҳои муҳимме, ки дар муҳити маънавии имрӯз сахт реша давонда, боиси заъфи рух, касодии ахлоқ ва сабаби ҳаракати номутаносиби ҷамъият гардидаанд, ба худ ҷалб намудааст. Бинобар ин, Саттор Турсун қаҳрамонони фаъолу андешапарвари худро дар ҳолати ниҳоят мураккаби равонӣ, сари худтаҳлилии пуршиддат тасвир намуда, тавассути тааммуқпазирии онҳо воқеияти иҷтимоии имрӯзу дирӯзро ошкор мегардонад.

Ҷиҳати барҷастаи қаҳрамонони Саттор Турсун дар он зоҳир мешавад, ки онҳо аксаран сари омурзишталабӣ тасвир ёфта, дар назди виҷдони худ аз ҷомеа бахшиш мепурсанд, яъне рафтору кирдори пешинаи худ ва атрофиёнро таҳлил карда, баъзе амалҳои номатлуби хеш ва ҳамзамононро бо ҷиддият маҳкум мекунанд.

Абдухолиқ Набиев ҳангоми пажуҳиш оид ба масъалаҳои таҳқиқоти бадеӣ дар насри муосири тоҷикӣ ва таҳлили равонӣ тасвири равониро аз ҳодисаҳои умдаи ҷараёни адабӣ ҳисобида, дар бораи ин паҳлуҳои эҷодиёти Саттор Турсун изҳори андеша намуда, зикр кардааст, ки «Саттор Турсун характеристикаи психологиро аз амалиёт ва муносибати ҳамдигарии одамон, аз муҳокима ва андешаҳои ҷиддии ботинии онҳо фароҳам меорад.

Психологизми Саттор Турсун торафт характери «суҳбат» ва «гуфтугӯи ду касро» гирифта истодааст» [50, с. 93].

Аз ин андешаи А. Набиев бармеояд, ки Саттор Турсун дар баррасии масъалаҳои равонӣ бо роҳи суҳбат ва гуфтугӯ персонажҳои асарро бо ҳам қарину наздик мегардонад ва конфликти воқеаро на тезутунд, балки бо роҳи нармтар ҳаллу фасл менамояд.

Дар повести «Сукути қуллаҳо» гузашта ва рӯйдодҳои дуру наздики он дар андешамандии қаҳрамони асосӣ – Содиқ падид омадаанд. Нависанда давраҳои мухталифи рӯзгори халқро вобаста ба як масъала – гуреза шудани Акбар мутамарказ карда, тавассути тааммуқписандии Содиқ на фақат паҳлуҳои мутафарриқи характери Акбарро ошкор менамояд, балки тақдири таърихии халқро таи чанд даҳсола зоҳир менамояд.

На ҳама хислатҳои зишти Акбар дар повест ба пуррагӣ кушода шудаанд: «Падид овардани ҳолати руҳӣ ва ҳама гуна хислатҳои зишти Акбари гуреза бояд бунёди повестро ташкил менамуд. Вале адиб бо таъсири тасвири қаҳрамон онро мусбат монда, бештар ба олами руҳӣ ва дунёи ахлоқии Содиқ ва давраҳои гуногуни ҳаёти вай диққат карда, ба кушодани характери Акбар ва ҷаҳони ботинии вай кам эътибор додааст» [57, с. 49].

Ҷиҳатҳои руҳиву равонии тасвир ва услуби баргардиш дар «Сукути қуллаҳо» имконият фароҳам овардаанд, ки нависанда озодона масъалаҳои мубрами имрӯзаро пайваста ба воқеаҳои гузаштаи таърихи халқ таҳлил намояд ва амиқбинона баҳо диҳад. Дар ин сурат таркиби замонии дохили сюжет, пеш аз ҳама аз ҳисоби мурочиати қаҳрамон ба гузашта афзоиш меёбад. Махсусан, монологҳои ботинӣ, тасвирҳои ҷолиб, шакли бозпасгардӣ ва руҷуъу экскурси муаллиф боиси афзоиши фосилаи замону маконӣ дохили сужет мегарданд. Чунин вусъат, аз як тараф, таносубу иртиботи се марҳилаи замонӣ - гузашта, ҳозира ва ояндаро дар таркиби повест таъмин кунад, аз тарафи дигар, барои худ – таҳаррукии характерҳо ва тартибу танзими устухонбандӣ кумак менамоянд.

Повести «Сукути қуллаҳо» аз нигоҳи банду басти бадеӣ ва сохтмони композитсионӣ асари том аст. Тамомияти асарро дар ҳалли мавзуъ, бархӯрди образҳо, андешамандии онҳо, фаро гирифтани замону макони бадеӣ ва тасвироти ҷолиб ба мушоҳида гирифтан мумкин аст, ки ҳамаи ин нуктаҳо дар повест тавъам омада, яклухтии асарро нишон медиҳанд.

Повести «Сукути қуллаҳо» ҳамчун аввалин асари калонҳаҷми нависанда аз камбудиҳои ғоявӣ холӣ нест. Нависанда метавонист, ки замина ва сарчашмаҳои ба чунин ҳол гирифтор шудани Акбарро равшантар эзоҳ диҳад, вале дар повест ин ҳолат дида намешавад.

Ба ҳамин нигоҳ накарда, повести «Сукути қуллаҳо» шаҳодат медиҳад, ки нависанда олами ботинии қаҳрамонҳояшро хуб медонад, дарк мекунад ва як манзараи ибратбахши зиндагии замони ҷангро аз таърихи мардуми тоҷик тавассути андешаҳои худи қаҳрамонҳо ва амалиёту муносибати онҳо ба риштаи тасвир кашад.

Забони повести «Сукути қуллаҳо» равону нишонрас мебошад. Дар асар воситаҳои гуногуни тасвир зиёд истифода шуда, хати сюжетро зебо гардонидаанд.

### 2.1.2. Повести «Камони Рустам»

Повести «Камони Рустам» соли 1974 навишта шуда, аввал дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ва соли 1976 ба шакли китоби алоҳида тавассути нашриёти «Ирфон» ва баъдан, соли 1982 бо таҳриру такмили муаллиф дар нашриёти «Маориф» чоп шудааст. Повести «Камони Рустам» дувумин повести Саттор Турсун маҳсуб ёфта, вобаста ба таърихи ишқи симоҳои марказии повест Фирӯзу Назокат эҷод шудааст, бисёр ҷиҳатҳои хуби рӯзгори ҳамзамонони мо, заҳмату маишат ва ахлоқу одоби онҳо дар мисоли як совхози дурдасти кӯҳистон ҳаққонӣ ба тасвир омада, нопокиву худхоҳӣ ва мансабпарастӣ барин хислатҳои бади инсонӣ маҳкум шудаанд.

Мавзуи повест ҳаёти оилавӣ ва муҳаббати ҷавонон мебошад. Нависанда дар образҳои Фирӯз, Назокат, Шарофатхола, Носир, Шарифи шабкӯр ва

дигарон ба масъалаҳои ҳалолкорӣ, сарбаландӣ ва ростқавлӣ эътибори ҷиддӣ додааст. Образҳои асосӣ Фирӯз ва Назокат дар роҳи бахт талош меварзанд ва баъди маҳрумияти зиёд ба мақсад мерасанд.

Баъди ба чоп расидани повести «Камони Рустам» ин асар аз ҷониби аҳли таҳқиқ ва нақди адабӣ баҳои сазовор гирифт. Муҳаққиқон: Муҳаммадҷон Шукуров, Соҳиб Табаров, Атахон Сайфуллоев, Худойназар Асозода, Ҷӯрахон Бақозода, Абдухолиқ Набиев, Абдуҷаббор Раҳмонов, Шамсиддин Солеҳов оид ба вижагиҳои повест ва ҳунари нависанда баҳои воқеӣ додаанд.

Дар повест нависанда роҳҳои дурусти таҳқиқи равонии бадеиро пеш гирифтааст. Олами зоҳирӣ ва ботинии инсонро ба тасвир гирифтан ва ҳассосияти онро ба қалам додан, бе сухан баён кардани фикр ва андешамандӣ дар повест ифодаи сареҳи худро ёфтааст: «Нақли бетаъҷил, сужети оҳистарав, назари диққаткоронаи нависанда дар ин асар барои амиқтар нишон додани фикру ҳиссиёти инсон имконот фароҳам овардааст. Нависанда ретроспексияи (ин вожа лотинӣ буда, маънои гардишро дорад – С.С.) равониро муваффақиятомез истифода намуда, монологи ботиниро ба даруни диалог ҷой додааст» [85, с. 325].

Дар идомаи андешаҳои муҳаққиқи фавқ ҳаминро қайд кардан лозим меояд, ки дар муҳимтарин лаҳзаҳои ҳассос диалог қатъ гардида, андешаҳои мустақили қаҳрамон сар мешавад ва бо ин андешаҳо ҳолати ӯ, сабабҳои ниҳонии гуфтору рафтори баъзе персонажҳо ва шиддати муносибати байни онҳо эзоҳ меёбад ва навъи монологи ботинии муфассал дар насри тоҷик асосан дар ҳамин асари Саттор Турсун дида мешавад.

Дар повести «Камони Рустам» воқеан, радду бадали андешаҳо, тасвири зоҳирӣ ва ботинии қаҳрамонҳо, нақли ду овоз (ҳам қаҳрамон ва ҳам нависанда), вусъати фикр ва фаъолиятмандии типҳо то андозае инкишоф ёфтааст.

Нависанда Фазлиддин Муҳаммадиев дар повести Саттор Турсун «Камони Рустам» инкишофи хоси баъзе анъанаҳои адабиёти классикии форсии тоҷикиро мушоҳида карда, навишта буд: «Ба як хусусияти ин повест,

ки ба анъанаи адабиёти классикии мо рафта мерасад, диққат ҷалб кардан мехоҳам. Муаллиф ҳама ғамҳои дили қаҳрамонони худ, ҳар чизи хурдеро, ки дар ҳаёти онҳо ҳаст, ҳамеша ба асоси ахлоқ – ба покдоманию росткорӣ алоқаманд медонад. Гарчанде ки сужети ин повест ишқи ду ҷавон ва психологияи муносибатҳои оилавӣ дар қишлоқи ҳозираи Тоҷикистон аст, бисёр эпизодҳои он чун мадҳияи ошкорое ба назар мерасанд, ки муаллиф гуфтааст: Нони ҳалол ҳалолат бод! Офарин ба фикри пок! Офарин ба кирдори виҷдонӣ!» [132, с. 5].

Дар он гуфтаҳои Фазлиддин Муҳаммадиев моҳияти асосии повести «Камони Рустам», руҳияи умумии маънавию ахлоқии он воқеан дуруст муайян гардидааст.

Дар повест Саттор Турсун ба воқеаҳо аз назари Фирӯз ном ҷавон, ки нав аз хизмати ҳарбӣ омадааст, менигарад. Фирӯз баъди хатми мактаби миёна мехоҳад дар деҳаашон монда, дар совхоз тракторчӣ шавад, вале барои амалӣ шудани орзуи вай монеаҳо пайдо мешаванд. Амаки ӯ, раиси ҷамоати деҳа Аскаров мехоҳад, ки Фирӯзро ба хондан фиристад. Ба ақидаи амакаш, на танҳо ӯ, балки директори совхоз Наимов ҳам одами дипломдор, дар ҷамъият «як сару гардан боло» меистад. Ба Фирӯз пеш аз ҳама қарзи фарзандӣ дар назди модар азиз аст ва ӯ намехоҳад, ки Шарофатхоларо танҳо гузорад. Ӯ бо ёрии падараш Аслам-амак ба совхоз даромада, то рафтан ба армия кор мекунад. Фирӯз Назокатро дӯст медорад, вале беҷуръатии ӯ сабаб гардид, ки Наимов Назокатро соҳибӣ мекунад. Назокат аввалҳо ба «тақдираш тан дода» бо Наимов зиндагӣ мекунад ва ҳатто писардор ҳам мешавад. Ӯ оҳиста-оҳиста мефаҳмад, ки ба роҳи хато рафтааст.

Муаллиф ба воситаи ин насл ба наслҳои оянда чӣ хел зиндагӣ кардани Наимову Назокатро ба хонанда равшан мекунад. Аз монологу гуфтугӯи Назокат бо Наимов мефаҳмем, ки онҳо чӣ тарз зиндагӣ доранд. Наимов баъди он ки Назокатро «аз они худ» кард, ба ӯ ҳамчун чизи муқаррарии барои оила зарур муносибат мекунад. Ба фикри вай зане, ки ба шавҳар барояд, зарур аст, ки доимо дар фармони шавҳараш бошад. Ба ин Назокат

тоқат карда натавониста, аз Наимов ҷудо мешавад. Чунки дар назди ҳама шахсият боло меистад ва Назокат намегузорад, ки шахсияти вай зери по шавад.

Аввалҳо Наимов боварӣ дошт, ки Назокат фирефтаи давлату мансаби вай шуда, боз мегардад, вале аз вақте ки Фирӯз аз хизмати ҳарбӣ омад, ишқи ин ҷавонон аз нав аланга мезанад. Ҷудошавии Наимову занаш ба қавли вай барои «ба боло сабзидани» ӯ халал мерасонад. Маҳз аз ҳамин сабаб Наимов бо Назокат оштӣ карданӣ мешавад. Ҳар дафъа таклифҳои ӯро рад кардани Назокатро дида, аз паси «аз байн бардоштани» Фирӯз мешавад. Наимов кадом воситаеро истифода барад ҳам, муҳаббати Фирӯз боз ҳам қавитару мустаҳакамтар мегардад.

Дар повест Фирӯз, Сафар, Назокат Шарофатхола, Ҳидоятамак шахсони покдили ҷамъият мебошанд. Образи онҳо яке дигареро пурқувват намуда, барои пайдоиши образи инсони ахлоқан поки фаъоли муосир нақши муҳим мебозад. Дар ин ҷо махсусан, образи Шарофатхола ва Ҳидоятамакро қайд кардан лозим аст, ки онҳо барои ифодаи образҳои халқии адабиёти тоҷикӣ мақоми хосеро ишғол карданашон мумкин аст. Хислату атвори Шарофатхола, ки Фирӯзи аз модар ятиммондаро гирифта тарбия мекунад, яке аз нишонаҳои образи зани меҳнатдӯсту покдил ва пеш аз ҳама ғамхору меҳрубони деҳоти тоҷик аст.

Дар муқобили образи Фирӯз, образи Носир меистад. Носир дар повест аввалҳо ҳамчун шахси худбин ва ахлоқан вайрон нишон дода шудааст. Дар повест ба андешаи мо нависанда сарчашмаҳои чунин бадхислатиҳои Носирро пурра накушодааст. Барои он ки ҳам Фирӯз ва ҳам Носир дар шароити якхела тарбия гирифтаанд. Аз монологи Носир мефаҳмем, ки сабаби бадбинии ӯ Фирӯзро рашк аз ишқи Назокат аст. Аммо танҳо рашк наметавонад, инсонро то ба ин дараҷа ахлоқан вайрон кунад. Агар Носирро рашк «вайрон» карда бошад, бародари вай Наимовро чӣ ба роҳи хато андохтааст? Мансаб? Оила? Ҷамъият? Дар охири повест беҷазо мондани Наимов, ки маҳз бо гуноҳи вай совхоз нақшаашро иҷро намекунад, иштирокчӣ ва шоҳиди якчанд

ғоратгариҳои моликияти ҷамъиятӣ низ мебошад ва ба мартабаи баланд баромадани Аскаров низ беасос аст ва ҳадафи нависанда низ ин ҷо номаълум мебошад.

Дар повести «Камони Рустам» тадриҷан қувват гирифтани муқобилияти ботинии қаҳрамони асосӣ Фирӯз нисбат ба ҷаҳонбиниву рафтори Наимовҳо ба назар мерасад.

Ин муқобилат, ин тарз ба бадӣ муқобил гузоштани некӣ ба таври ба худ хоссе давом кардааст. Қаҳрамон бештар на бо муборизаи ошкор, балки бо рафтори худ, бо ҳар кору ҳар сухани худ, бо ин ки принсипҳои ҳаётии худро то рафт равшану возеҳ муайян мекард, некиву накӯкориро устувор намуд, қувваи некиро намоиш дод ва бо ҳамин на танҳо Наимов, балки бародари ӯро ҳам мағлуб кард ва оқибат онҳо бо ҳама кинаву адовате, ки нисбат ба Фирӯз доштанд, аз дасташон коре намеомад.

Оид ба қувват гирифтани муқобилати ботинӣ ба худпарастиву худхоҳии персонажҳои манфӣ дар повест М. Шукуров чунин навиштааст: «Дар шахсияти бисёр қаҳрамонҳои «Камони Рустам»-и Саттор Турсун ҳамон протсес, ки дар «Сукути қуллаҳо» дидем, – дар задухӯрд бо худбиниву худраъйӣ ба камолоти маънавию ахлоқӣ расидани қаҳрамон чизи асосист, лекин дар шароити дигар, бо тарзи дигаре ҷараён ёфтани он нишон дода шудааст» [85, с. 327].

Ҳолати руҳӣ ва туғёни қалбии Фирӯз ва Назокатро дар охири асар манзараи баҳори дараи Оҳувон боз ҳам равшантар ифода намудааст. Онҳо дар пешорӯ тирукамонро мебинанд ва ба хушбахтии худ бовар мекунанд: «Фирӯз сар бардошта, дар пеш, дар домани сабзи дараи Оҳувон... тирукамонро дид, ки гӯё ҳама рангҳои замину осмонро дар худ ҷамъ оварда, ба як тарзи муассир ҷилва мекард.

– Боре модарам гуфта буданд, ки агар кас дар пеши роҳаш тирукамонро бинад, хушбахт мешавад, – гуфт Назокат.

– Кошки хушбахт мешудем...» [4, с. 163-164].

Ҳамин тавр, повести «Камони Рустам» бо як оҳанги некбинона (оптимистона) ва саршори ғояи инсонпарварӣ, ҳаётдӯстӣ ва васфи зебоии инсону зиндагӣ ба охир мерасад.

Забони повести «Камони Рустам» равон, пуробуранг ва дилнишин мебошад. Матни повестро воситаҳои тасвири истифодашуда боз ҳам зебо гардонидаанд. Дар асар муаллиф зарбулмасалу мақолҳои халқиро фаровон истифода кардааст.

Повести «Камони Рустам» дар эҷодиёти Саттор Турсун ва насри муосири тоҷикӣ мақоми арзанда дорад ва дар бобати инсоншиносии нависанда қадаме ба пеш мебошад.

### 2.1.3. Повести «Мегӯянд, ки модарам...»

Повести «Мегӯянд, ки модарам...» соли 1983 чоп шудааст, вале баъзан, онро бо унвони «Зиндагӣ дар домани талҳои сурх» ёд мекунанд. Худи нависанда номи повестро мушаххас «Мегӯянд, ки модарам...» ном бурда, дар нашри соли 1983, (нашриёти «Ирфон») аз силсилаи «Зиндагӣ дар домани талҳои сурх» ном бурдааст. Яъне, нависанда дар офаридани силсилаи асарҳое буда, ки повести «Мегӯянд, ки модарам...» яке аз онҳост.

Сюжети повест дар бораи лаҳзаҳои гуногуни зиндагии қаҳрамонҳо, радду бадали андешаҳо, мавзуъҳои таърихӣ, ҳофизаи образҳои марказии асар, воқеияти зиндагӣ, мавзуи одобу ахлоқ ва симои маънавии қаҳрамонҳои асар баҳс мекунад. Аз нигоҳи устухонбандии бадеӣ, сюжету зиддият, амалиёти персонажҳои асосӣ ва лаҳзавӣ, портрети қаҳрамонҳо, характери онҳо ва тасвирҳои манзараҳои гуногун дар як ҷамъбасти бадеӣ хубу муассир ба қалам омада, як асари комилро ташкил додаанд.

Воқеаҳои асар мисли дигар ҳикояву повестҳои Саттор Турсун дар маҳалҳои ба зодгоҳи нависанда наздик, ки ин нукта як вижагии осори ӯст, сурат мегиранд. Тали Наҷот, соҳили дарёи Кофрун, мавзеъҳои гуногуни кӯҳи Уштургардан ва нуқтаҳои мухталифи дараи Вандоб ҷойҳое мебошанд, ки

лаҳзаҳои асосии хати сюжети повест дар ин мавзеъҳо ба тасвири бадеӣ гирифта шудаанд.

Дар повест қаҳрамонҳои асосӣ – Шодмон, Иқбол, Нусрат, Даврон, Насриддини боғбон, Шамсиддин-амак ва Аҳмади Тарзан буда, Рустам, Мухтор, Исмат Валӣ, Лутфуллобой, Марямхола, Шавкатамак персонажҳои лаҳзавӣ мебошанд. Хати сюжети асосии повест дар атрофи номи персонажҳои асосӣ –Шодмон, Иқбол, Нусрат, Даврон, Насриддини боғбон ҷараён мегирад.

Оғози повести «Мегӯянд, ки модарам...» аз тасвири замонӣ оғоз шудааст: «Рӯз бегоҳ мешавад. Ман (яъне Шодмон – С.С.) дар фарози тали Наҷот нишаста, ба деҳа менигарам. Дӯсти бачагиям Иқбол, ки чанд сол боз дар ин ҷо, дар мактаби худамон савод омӯхта, муаллимӣ мекунад, ҳамин ҳозир ба хонааш рафт. Азбаски имрӯз якшанбе аст, вай тамоми рӯз бо ман буд» [5, с. 303].

Ва анҷоми повест бо тасвири макони анҷом меёбад: «Тали Наҷот қафо мемонад. Хилват аст дар ин соат кӯча. Хаёлам, ки ҳама – ҳам боғоти домани теппаҳо, ҳам ёнаву ёлаҳо, ҳам ҷариҳо, ҳам роҳу пайроҳаҳо, ҳам серунии шаби тирамоҳ, ҳам осмони ҳоло торик, ҳам вусъати деҳа, ҳам замин, ҳам хоки сурхи тали Наҷот -ҳама, ҳама моломоли бӯи себу ангур ва хасу юнучқа - бӯи аз кӯдакӣ ба ман қаринанд... Бештар бояд ба сурат кашид, мегӯям ман ба худ ва дарвозаро кушода, ба ҳавлӣ медароям» [5, с. 358-359].

Ин нукта хеле ҷолиб аст, ки Саттор Турсун ҳамчун як нависандаи андешаманд фалсафаи тасвирро бо қонуниятмандии фалсафаи ҳаёт – замону макон хеле ҷаззоб тасвир кардааст.

Саттор Турсун дар эҷодиёти худ тасвири ахлоқи иҷтимоӣ, таҳлилӣ – равонӣ ва андешамандиро ба ҳам омехта, масъалаи моҳияти фалсафии мавқеи инсон дар ҷамъиятро таъкид месозад. Инсони офаридаи нависанда ахлоқан поку меҳнатдӯст, поксиришту росткор, ҳақгӯю ҳақпараст ва нисбат ба пасттинавтиву риёкорӣ, қаллобиву хиёнаткорӣ, дурӯягиву мардумозорӣ барин хислатҳои номақбул мубориза бурда, яке аз шахсони воқеии даврони

мо мебошад. Персонажҳои офаридаи вай ашхоси шахшудамонда, образҳои қолабиву тайёр набуда, балки аз як асар то асари дигар ҷиҳатҳои нав ва тарафҳои беҳтарини онҳоро пеши хонанда мекушояд. Ва аз ҳамин ҷост, ки назари қаҳрамонҳои Саттор Турсун нисбат ба зиндагӣ ғанӣ ва вусъатнок мегардад.

Повести «Мегӯянд, ки модарам...» дар таҳлилу таҳқиқи олами маънавии инсон як навъ ҷамъбасти андешаҳои нависанда аст. «Ассосиатсияҳои таърихӣ дар олами ботинии мураккаб, гуногунҷиҳат ва фарохдомани қаҳрамони повест – рассоми ҷавон Шодмон бештар ба дарки асосҳои фалсафаи ҳастии инсон нигаронида шудааст», – менависад Муҳаммадҷон Шукуров [85, с. 345]. Яъне, дар кушодани характери қаҳрамон нависанда аз мавзуъҳои таърихӣ ва ҳофизаи таърихӣ истифода мекунад, ки Шодмон ҳамчун симои марказии асар бо дарку донистани гузашта имрӯзи худро сохтанист ва мехоҳад бо оянда номи неку кори нек гузорад. Ӯ ҳеҷ вақт саросемаву ҳатулкор нест. Олами зоҳирӣ ва ботинияш, ки асосҳои ҳастии ӯро нишон медиҳад, ором аст. Ин оромии шахшуда нест, дар қалби худ як инқилоби маънавӣ дорад, ки дар монологи ботинии ӯ ҳангоми бархӯрд бо Иқбол, Нусрат, Даврон ва дигар персонажҳо бармало ба назар мерасад.

Асоси повестро андешаҳои қаҳрамони асосии он – Шодмон ном рассоми сиву ҳафтсола, ки ба зодгоҳаш Вандоб барои дидани дидори падар ва ёру наздиконаш меояд, ташкил кардааст. Шодмон шахси эҷодкор аст ва доимо дар роҳи эҷодии махсус аст. Маълум аст, ки санъаткори ҳақиқӣ ба худ серталаб аст. Шодмон аз зумраи он санъаткоронест, ки масъулияти кори худро эҳсос менамояд. Ӯ ду сол мешавад, ки расм намекашад. Аз он сабаб расм намекашад, ки асарҳои вай «рангу бӯи махсуси» худро надоранд. Шодмон пеш бисёр расм мекашид, яке аз дигаре беҳтар буданд, вале ҳамаи онҳо ба назари Шодмон «сохта ва бегона» ва «аз тасвири рассомони дигар» омада буданд. Акнун ӯ қавл додааст, ки то ҳамон ранги мушкилро наёбад, «дигар расм намекашад».

Аз нигоҳи устухонбандӣ нигарем, хуб ба назар мерасад, ки ҳам амалиёт ва ҳам характери қаҳрамони асар дар такомул ва густариш ифода ёфтааст. Шодмон, ки ҳоло аз дидаву шунидаҳо ва мушоҳидаҳои шахсии худ дарёфтааст, ки ӯ он санъаткоре, ки чанд сол пеш буд, нест ва ӯ ба ҳар як рафтори худ аз назари худтанқидкунӣ менигарад. Бисёр мехоҳад, ки расмҳои кашидааш аз пештара хубтару беҳтар бошанд ва то ҳамон рангу услуби мураккабу мушкилу зеборо наёбад, дигар расм намекашад. Ин ҷо нависанда аз усули монологи ботинӣ хуб истифода карда, хати сюжетро барҷаста тасвир кардааст, зеро монологи ботинӣ ҳамвора дар ташаккули характери инсон омили муассир ва пешбаранда аст, ки ин нуктаро дар адабиёти классикии форсии тоҷикӣ бо унвонҳои «ҷиҳод бо нафс» ва «ҷиҳод бо худ» ёд кардаанд, ки ин бештар хусусияти тасаввуфӣ дорад.

Муҳаммадҷон Шукуров чунин таъкид намудаанд, ки «Шодмон ҳамон рангу бӯи махсуси эҷодиёти худро аз табиати зебои Вандоб, аз бӯи беда, себ, ангур» аз ҳаёти рӯзмарраи ҳамдеҳагонаш, аз хотираи айёми гузаштаи халқи худ ва модараш меҷӯяд ва аз тарафи дигар «Вай аз таърих ва замони ҳозира, аз диалектикаи мураккаби ҳастии халқ саргаҳҳои моҳияти инсонии худро меҷӯяд» [87, с. 14].

Таъкиди М.Шукуров, ки «Шодмон рангу бӯи махсуси эҷодиёти худро аз табиати зебои Вандоб, аз ҳаёти рӯзмарраи ҳамдеҳагонаш, аз хотираи айёми гузаштаи халқи худ ва модараш меҷӯяд» ишора ба пайванд додани афкори қаҳрамон ба гузашта, ҳофизаи таърихӣ ва модараш бесабабу безамина нест. Маҳз дар ҳофизаи таърихӣ ва қиссаҳои модарон нақлу ҳодисаву воқеаҳои муассири воқеии ҳаёт ва воқеияти зиндагӣ сабт гардидааст, ба хусус нақлҳои модари қаҳрамон- Шодмон, ки як пайванди диалектикии тафаккур бо забон ва сухан аст. Ин бардошту бозёфти нависанда Саттор Турсун аст, ки дар повести «Мегӯянд, ки модарам...» барҷаста тасвир ёфтааст.

Саттор Турсун тавассути сабки баргардиш ё ручуъ, ки онро донишмандон М.Шукуров [87, с. 4, 8, 12], Х.Шарифов [82, с. 41, 64, 79, 129]

ва А.Раҳмонов [57, с. 40, 44, 60] сабки баргардиш номидаанд ва ба андешаи мо ҳар ду ифода барои асарҳои бадеии ҳам манзум ва ҳам мансур дуруст аст.

Ифодаи руҷуъ ё руҷуи лирикӣ хосси асарҳои манзум, бахусус достонҳо дар адабиёти классикӣ фаровон ба назар мерасад, ки муаллиф барои дар як воҳиди вақт дур бурдани хонанда аз хати аслии сюжет тавассути ин услуби адабӣ ба гуфтани сухани дигар мепардозад, ки ҳамон асли сюжетро барҷастатар мегардонад.

Дар осори мансур низ нависанда метавонад, ки дар таркиби сюжет ва берун аз хати сюжет сабки баргардишро истифода бурда, лаҳзаҳои гуногунро боз ҳам муассир тасвир намояд.

Нависанда ба сабки баргардиш ба гузашта мурочиат намуда, лаҳзаҳои мухталифи ҳаёти таърихии халқро бо вазъияти ҳозираи қаҳрамони асар пайвастааст. Хусусияти баргардиши таърихӣ дар он аст, ки имконияти таҳқиқи муқоисавии образи қаҳрамонро зиёдтар менамояд, дараҷаи масъулиятшиносии ӯро нисбат ба дарки ҳодисаҳои таърих, ҷамъият ва замон боло мебарад. Услуби баргардиш муаллифро водор месозад, ки пай дар пай ба гузашта мурочиат кунад ва ҳодисаҳои мухталифи дуру наздикеро, ки дар таҳаввули шахсият ва худогоҳиву худшиносии вай таъсир мерасонад, ба тафсил ҳикоя кунад.

Оид ба ҳамин хусусияти сабки баргардиш А.Раҳмонов чунин навиштааст: «Ба воситаи сабки мазкур дар таркиби сюжет ва берун аз он доираи маълумоте шомил мешавад, ки дар равшан намудани моҳияти масъала ва боз ҳам амиқтар бурдани саҷияи (характери – С.С.) қаҳрамон кумак менамояд. Инчунин, услуби фавқуззикр имкон дорад, ки дар фосилаи ниҳоят кӯтоҳи замонию маконӣ бо тақдири қаҳрамон моҳияти ҳаёти халқро дар чанд даҳсола зоҳир гардонад» [57, с. 43].

Саттор Турсун дар повести «Мегӯянд, ки модарам...» паст шудани маънавияти ҷомеа, заиф гардидани пояҳои ахлоқи ҷавонон, зиёд шудани беадолатии иҷтимоӣ, нисбат ба худ серталаб набудан, аз фарҳанги аҷдодӣ дур шуданро эҳсос намуда, барои раҳоӣ ёфтан аз ин буҳрони иҷтимоӣ, барои

барқарор намудани арзишҳои инсон ва ифшо кардани воқеияти кунунӣ ӯро лозим омадааст, ки қаҳрамони худро миёни имрӯзу дирӯз ва фардо гузошта, тавассути худтаҳлиливу худшиносии вай ҳақиқати ҳастии ҳаёт ва воқеияти зиндагиро падид оварад.

Дар повест заминаҳои тафаккуру андешаи Шодмон ва Иқболро ошкор намудан барои нависанда даст додааст. Шодмон ва Иқбол ба воситаи истифодаи монологҳои ботинӣ, вопаснигории таърихию лирикӣ, ҳофизаи фарҳангиву бадеӣ, на танҳо давраҳои охири таърихи халқашонро таҳлил менамоянд, балки мустақиман воқеаҳои таърихию фарҳангиро, ки чанд аср пеш рух додаанд ва бо муҳити маънавию ахлоқии кунунӣ сахт робита пайдо кардаанд, таҳқиқу баррасӣ менамоянд. Бахусус, Шодмон имрӯзро бе дирӯз тасвир карда наметавонад. Ӯ дар фикру андешаҳояш, на фақат муҳити кунунӣ, камбудиҳои маънавию ахлоқии муосиронро ошкор мегардонад, балки гузаштаи деҳаашро бо сарнавишти аҷдоду сокинони он таҳлил намуда, робитаи замонҳоро барқарор мекунад.

Шодмон нисбат ба ҳар як воқеаи атрофаш ҳисси баланди масъулиятшиносии шахсӣ зоҳир карда, кӯшиш менамояд, ки робитаи аз дастрафтаи замонҳоро барқарор намояд ва аз нуқтаи назари воқеият сабабҳои канда шудани пайвандҳоро таҳлилу арзёбӣ намояд, зеро сужети оҳистарав ва услуби баргардиш ба Саттор Турсун ва қаҳрамонони повести «Мегӯянд, ки модарам...» имкон додааст, ки озодона сайри замонҳо намоянд ва дар розгӯии пурҳиссашон тақдири таърихии халқро бозгӯй гардонанд.

Дар ин маврид овардани порае аз повест барои ифодаи фикр муҳим аст, ки Иқбол дар яке аз монологҳои худ ба Шодмон рӯй оварда, нисбат ба эҳтирому самимияташ оид ба таърих боисрор таъкид мекунад:

«Ман давраҳои гушнагиву пойлучиро ёд надорам, ман ҳам ба монанди ту пас аз ҷанг таваллуд шудам. Вале ҳис мекунам ва ҳатто яқин медонам, ки вазнин буд он замонҳо. Ман инро аз таърих ва хотираи халқ медонам, аз нақлҳои модарам медонам. Дигарон ҳам медонанд ё медонистанд, лекин фаромӯш карданд» [5, с. 310-311].

Дар тасвири Саттор Турсун ҳамин фаромӯш шудани сабақҳои аслии таърих, аз ёд баромадани неку бади гузашта сабаби паст рафтани маънавият ва заиф шудани ахлоқ гардидааст. Аз даст рафтани ҷузътарин хислатҳои аслии инсонӣ Шодмон ва Иқболро ҳамчун образҳои маркази повест ба андеша бурда, кирдори зиштро нотарсона, бо ҷиддият маҳкум менамоянд: «Ҳирси пулу молро ҳам аз бунёдаш ба сурат кашидан мумкин? Бале, мумкин гуфтам ман, ба шарте ки рассом истеъдоди комил дошта бошад, мардуми ҳарисро бо тамоми вуҷудаш бад бинад, он қадар бад бинад, ки ба ҳоли ин зот ҳатто раҳмашон ояд. Ин тоифаро ба ҳар роҳе, ки бошад, ба қалам ё мӯқалам... ба ҳамаи воситаи олам сари вақт фош кардан лозим, ки баъд душвор мешавад. Онҳо бояд донанд, ки чи фитрати паст доранд» [5, с. 123-124].

Муҳаққиқон М.Шукуров, Х.Асозода, А.Набиев, Ҷ.Бақозода, А.Раҳмонов бар ин андешаанд, ки сабки Саттор Турсун дар повести «Мегӯянд, ки модарам...» ба сабки бадеии нависандаи қирғиз Чингиз Айтматов қаробат дорад. Дар повести «Мегӯянд, ки модарам...» таъсири повестҳои «Киштии сафед», «Саги алое, ки аз канори баҳр метохт», «Муаллими аввалин»-и Ч.Айтматов то андозае эҳсос мешавад. М.Шукуров дар мақолаи «Ҷустуҷӯи оғозгоҳҳои одамият» бурду бохти насри соли 1983-ро таҳлил карда, навишта буд: «Дар ин худшиносии Шодмон нақше аз кашфиётҳои навини Чингиз Айтматов аст, осоре аз он фалсафаи Чингиз Айтматов, ки дар «Дуроҳаи бӯронӣ» гуфтааст: «Моҳияти инсони дар ҳофиза маҳрум шуда, баробари аз виҷдон маҳрум гардидан аст», дида мешавад» [130, с. 19].

Инчунин, оид ба ин нукта А.Раҳмонов чунин навиштааст: «Шояд сабаб он бошад, ки услуби бадеии Чингиз Айтматов дар насри муосир барои таҳқиқи воқеият, пайванди якчанд ҳадафи замонӣ ва аз ҳисоби гузашта амиқтар ошкор кардани маънии воқеаҳои имрӯз ягона равияи реалистона ба шумор мерафт ва адибони дигар халқҳо, аз ҷумла Саттор Турсун аз он фаъолона истифода намудааст» [57, с. 53].

Ин ҷо ҳамин нуктаро афзудан имкон дорад, ки дар бисёр асарҳои бадеӣ баъзан, ба таври таворуд, яъне ҳамчун офаридани бисёр лаҳзаҳои асарҳо

бисёр воқеъ шудааст ва албатта бисёр шоирон ё нависандагон аз таҷрибаи пешқадами ҳамдигар ҳамвора баҳрабардорӣ кардаанд ва ин як ҳодисаи маъмул дар адабиёти олам аст.

Ҳамин тавр, повести «Мегӯянд, ки модарам...»-и Саттор Турсун аз нигоҳи сужет ва устухонбандӣ як асари том аст, ки диди нависанда ба воқеияти зиндагӣ бо фарогирии масъалаҳои муҳим – таърихият, ворисият ва ҳамвора ба ҳофизаи таърихӣ руҷуъ кардану бошиддат гардонидани монологҳои дохилӣ хеле дар густариш ба назар мерасад.

Повести «Мегӯянд, ки модарам...», на танҳо дар эҷодиёти Саттор Турсун, балки дар адабиёти муосири тоҷикӣ низ падидаи назаррас аст, ки мундариҷаи повест дар асоси андешаҳои қаҳрамонҳои асар навишта шудааст.

Забони асар ҳам дар услуби нависанда нав аст. Ин чунин маъно дорад, ки Саттор Турсун на ба қолабу қоидаҳои сарфу наҳви забони адабӣ, балки бештар ба тарзи баёни фикр ва тахайюли бадеӣ такя карда, забонро ба нақли гуфтугӯии халқ наздик кардааст.

### 2.1.4. Повести «Санг дар бағал ба тӯфон»

Соли 2002 тавассути нашриёти «Адиб» повести навбатии Саттор Турсун бо номи «Санг дар бағал ба тӯфон» чоп шуд, ки чопи ин асари ҷолиби нависанда, агар аз як тараф густариши эҷодиёти ӯ бошад, аз ҷониби дигар як саҳифаи адабиёти муосири тоҷикиро ғанӣ гардонид. Нақди адабии муосир дар гармогармиаш повестро баррасӣ карда, оид ба бозёфтҳои нависанда баҳои воқеӣ додааст, ки навиштаҳои муҳаққиқон М.Шукуров, Х.Асозода, Ҷ.Бақозода, А.Сайфуллоев, А.Набиев, А.Давронов, Ш.Солеҳов аз ҷумлаи онҳост.

Х. Асозода оид ба вижагиҳои повести «Санг дар бағал ба тӯфон» навиштааст, ки «Қиссаи «Санг дар бағал ба тӯфон» ба масъалаи муҳимми зиндагӣ бахшида шудааст. Нависанда ба воситаи тасвирҳои муътамад ва ҷолиби бадеӣ заминаҳои воқеии зиддият, кинагирӣ ва анҷоми фоҷиабори онро табиӣ ва боварибахш ба қалам додааст» [21, с. 420].

Воқеаҳои повести «Санг дар бағал ба тӯфон» ба айёми Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) ва солҳои аввали баъди ҷанг бахшида шудааст. Ҳодисаҳо дар домани кӯҳи Фарҳод, ки яке аз кӯҳҳои зодгоҳи нависанда аст, дар талу пуштаҳои он ҷараён мегиранд. Аз нигоҳи замонӣ, воқеаҳои повест, ки хеле пуршиддату зуд мегузаранд, ҳамагӣ дар ду рӯз ҷараён мегиранд.

Хати сюжети повест аз тасвири воқеии тӯфони сахти тундбод дар фасли зимистон оғоз меёбад ва рушди ҳодисаву воқеаҳо дар атрофи номи қаҳрамонҳои асосии асар – Рашод, Раҳими Акбар, Насрин ва персонажҳои лаҳзавӣ – Собир, Шарифи пайвандгар ва модари Насрин баён мегардад. Унсурҳои тақвиятдиҳандаи персонажҳо ва хати сюжети асар сагҳои Рашод – Бебок, Малла, Холдор, Рама ва боди самум мебошанд.

Повест бо лаҳзаи тасвири вазидани тундбод оғоз шудааст, ки хеле муассир аст: «Ҳар дам ҷараёнашро тағйир дода, баъзан якбора фурӯ нишаста, ду шабу ду рӯз боз тундбод мевазид. Ва гоҳ қатъ гардидаву аз нав шӯриш карда, барфи реза меборид. Саҳроҳои бешумори кӯҳи Фарҳод ва талу пуштаҳои домани он, ки то ба канори дашти на чандон бузург тул мекашиданд, саросар ба кӯрпаи барф печида, ба дидан сард ва ҳавлангез метофтанд. Дашт ҳам, то ҷое, ки чашм мерасид, сафед, бадқаҳр ва бегона буд» [9, с. 20].

Анҷоми повест низ бо тасвири тундбод ва марги қаҳрамонҳои повест Рашод ва Раҳими Акбар ба охир мерасад, аммо на тундбоди воқеӣ, ки Рашод дар оғози повест дар вуҷуди худ ҳис мекард, балки ба таври руъё ба тасвири бадеӣ гирифта шудааст: «... Пас аз лаҳзае Рашод рамаи гӯсфандонро пеш андохта, ногаҳон ба тӯфони сард даромехт, ба гирдбоди тунд печид. Ва дар ҳолати назъи равон охирин аксе, ки дар лавҳи хотири вай нақш баст, сурати зебои Насрин буд. Вопасин садое, ки дар зери гӯшҳояш ба мисли пештар фурӯ нишаст, уллоси даҳшатангези гургро мемонд» [9, с. 78].

Ин ду лаҳзаи хеле муассир, ки аз оғоз ва анҷоми повести «Санг дар бағал ба тӯфон» овардем, тасвири воқеии муассири равонист, ки хонандаро ба

андешаи амиқи ботинӣ мебарад ва тақдири инсон дар ин ҷо мавриди тасвиру таҳқиқи бадеӣ қарор гирифтааст.

Дар бобати оғози повест А.Сайфуллоев чунин менависад: «Повести «Санг дар бағал ба тӯфон» асари ҷаззоб, муассир ва таҳлилист. Вай бо тасвири манзараҳои зебою дилкаши баҳор сар намешавад, аз ишқу ошиқии ҷавонон оғоз намеёбад, аз панду ҳикмати бузургон ва фалсафаи зиндагӣ ибтидо намегирад. Ифтитоҳи вай тасвири тундбод ва тӯфони барфест, ки ба дидан сард ва ҳавлангез метофтанд. Шӯриши бод ба мағз-мағзи хонандаи қисса низ асар карда, ҷисму ҷонро ба ларза меорад, вале ӯ китобро аз даст намегузорад ва бо ҳаловат мутолиа мекунад» [63, с. 179-180].

Манзараи тундбоди сахт аз пешомади ногувор дарак медиҳад. Рашод дар ҳамин вазъияти хеле ногувор ва таҳлукаомез дар домани кӯҳи Фарҳод дар фасли зимистон танҳо рамаи колхозро бонӣ мекунад.

Ёрдамчии ӯ Собир чанд рӯз пеш ба деҳа барои овардани маводи ғизоӣ рафтааст. Дар ин лаҳзаҳо Рашод дар ҳолати бади руҳӣ қарор дорад ва худро дар зиндагӣ бадбахт, бетолеъ ва таҳқиршуда меҳисобад. Рашод дар ин шаби дарозу сарди зимистон баҳри он ки ғаму ноомадҳоро фаромӯш созад, барои нӯшидани шароб майл мекунад, аммо таъсири шароб боиси аз нав бештар хуруҷ кардани хотираҳои номатлуб дар тафаккури ӯ мегарданд. Дар ҳамин ҳолати ногувори руҳонӣ бар зиммаи ӯ дусад сар гӯсфанди колхоз низ вобастааст. Рашод танҳост ва ягона ҳамроҳи ӯ саги вафодору содиқаш Бебок, ки ҳоло бемор аст, мебошад. Рашод бо сагаш гуфтугӯ мекунад: «Беҳисоб аст нишебу фарози дунё, Бебок. Ҳоли ман ҳам хуб нест. Ман ҳам дард мекашам, азоб мебинам. Лекин чӣ илоҷ, тоб овардан лозим» [9, с. 24].

Рашод дар ҳамин ҳолати ногувори танҳоӣ хотироти худро варақгардон мекунад ва ҷараёни зиндагиашро аз айёми наврасӣ то ба он рӯзи тӯфонӣ ёд мекунад. Аз ёддоштҳо ва ба хотир овардани марҳилаҳои зиндагии Рашод ба вуқуъ пайвастани воқеаҳои повест, мавзую мундариҷа, ғоя ва дарунмояи асар, қаҳрамонҳову персонажҳо ва мазмуну моҳияти ҳастии онҳо ба хубӣ муайян мегардад.

Мавзуи повести «Санг дар бағал ба тӯфон»-ро аз як тараф меҳнати сахти чӯпонӣ дар колхоз, аз тарафи дигар муносибатҳои тарафайни инсонӣ – ишқу муҳаббат, садоқату хиёнат, нафрату кароҳат ва интиқомҷӯӣ, хулоса масъалаҳои одобу ахлоқ аз паҳлӯи дигар ташкил додаанд.

Дар ҳамин шаби тундбоди сарди зимистон Рашод дар кулбаи сангини чӯпонӣ ба хотир меорад, ки айёми кӯдакӣ бо Насрин ном духтари ҳамсоя дӯстӣ дошт ва волидайни онҳо ин ҳар ду ҷавонро гаҳворабахш карда буданд. Дар замони ҷанг Рашод ҳамроҳи падар ба чӯпонӣ пардохт ва баъди марги падар нуҳ сол инҷониб ин касби душворро идома медиҳад. Махсусан, дар ин шаби ногувор барои Рашод ба ёд овардани аҳдшикании падару модари Насрин, ки гаҳворабахши ӯро ба Раҳими Акбар ном сарватманд ба занӣ дода буданд, хеле вазнин буд. Боз дар болои ин ҳоло Раҳими Акбар мудири фермаи колхоз ва хуҷаини Рашод аст.

Дар повест заҳмати чӯпонӣ дар чаҳор фасли сол тасвири ботафсил нагардидааст ва нависанда ба хотири дароз нашудани тафсилоти воқеа баъзе манзараҳои ҳаёти чӯпониро ба риштаи тасвири бадеӣ овардааст: «Бо далолати раис ва ризоияти падар, ки ҳоло ҳар ду низ раҳматианд, ба нохост побанд шуд Рашод ба ин касби душвор.

Ҳамон боз вай даҳмарда. Ҳамон боз он чи вай медонад, – дашту даман, мешҳову сагон, гургҳои чилламасту шабҳои сарди зимистон» [9, с. 39].

Дар ҳамин ду рӯзи меҳнати сахти чӯпон, ки нависанда дар симои Рашод тасвир кардааст, хонанда ба воқеияти зиндагӣ ва ҳаққонияти он боварӣ ва эътимод ҳосил мекунад.

Ғояи асарро дилбастагӣ ба меҳнат, манфиати халқу Ватан, масъулиятшиносӣ, инсонгарӣ, ахлоқу ободи ҳамида ва инсофу адолат ташкил медиҳанд. Ғояи асар ба маънавияти инсон ва дилу нияти он алоқаманд аст. Ба назар мерасад, ки аввал Рашод ҳамчун қаҳрамони марказии асар дилу нияти пок дорад, мехоҳад садоқатмандона касби худро давом диҳад, моли ҷамъиятро бегазанд нигоҳубин кунад ва муҳимтар аз ин, ба гавҳорабахши худ, ки дӯсташ медорад, бирасад. Вале гардишҳои ноҳамвори зиндагӣ, ки бар

муроди ӯ намегарданд, ба андешаи мо Рашодро ба ин ҳолати сахти руҳонӣ овардааст, ки ба он шахсони алоҳида ва ҷомеа гунаҳкор аст.

Повести «Санг дар бағал ба тӯфон» ба тамоми талаботи жанр пурра ҷавобгӯст. Композитсияи асар ҳама лаҳзаҳои онро фаро гирифтааст. Сюжету зиддият, амалиёти персонажҳо ва портрету характеру манзараи воқеаҳо бо тартиб ва дар тасвири устокоронаи нависанда бамаврид истифода шудаанд. Повест аз силсилаи муайяни воқеаҳо иборат аст ва қаҳрамонҳо асосан, ду нафар Рашод ва Раҳими Акбар мебошанд. Насрин дар повест дар ду лаҳза намоён мегардад, дигар мо ӯро аз хотироти Рашод мешиносем. Номи Собир дар асар ҳаст, вале ӯ намоён нест. Саргузашти Рашод, қиссаи муҳаббати ӯ бо Насрин, муносибаташ бо Раҳими Акбар агар сюжети асарро фароҳам оварад, бархӯрду садама ва муносибати дағали Рашод бо Раҳими Акбар конфликти (зиддияти – С.С.) тунду тезе ба шумор меоянд, ки хеле устодона ба риштаи тасвир кашида шудаанд» [62, с. 183].

Рашод ва Раҳими Акбар ҳамчун образҳои асосӣ афроди мутақобиланд, баёнгари нобарории иҷтимоии ҷомеа ва муқовимати неруҳои мухталиф ва манфиатҷӯии табақаҳои гуногуни аҳолӣ ба шумор мераванд. Гӯё тақдир аз азал онҳоро бар зидди ҳам гузоштааст. Рашод орзу дошт, ки пас аз хатми мактаби миёна, агар имкон даст диҳад, ҳамроҳи Насрин ба шаҳр рафта, таҳсил мекунад ва муаллим шуда, ба деҳааш меояд, вале бо тақозои ҳаёт тарки таҳсил кард ва кори чӯпониро пеш гирифт. Раҳими Акбар баъди хатми ҷанг, ки бойбача буд, соҳиби мансаби мудири ферма гардида, бо роҳе гаҳворабахши Рашод Насринро ба занӣ гирифт. Аз ҳамин ҷо ба баъд конфликт дар хати сюжети асар зиёд мегардад.

Рашод яккаву танҳо монд. Дашту даман, боғу бӯстони ӯ, рамаи колхоз ва сагони посбонаш шарики ӯ гардиданд. Заҳмати чӯпонӣ, гармию сардии ҳаёт ҷисму ҷони ӯро обутоб доданд ва Рашод ҳамчун ҷавони меҳнатдӯст ва софдилу бовиҷдон ба воя расид. Вай як лаҳза ҳам Насринро фаромӯш намекард. Волидайни духтар аз аҳдашон баргашта, Насринро ба Раҳими

Акбар доданд. Дасту пои Рашод аз замину осмон канда шуд ва аз ҳамин лаҳза ҳисси кинаву адоват ва интиқом гирифтан дар қалби Рашод ҷӯш зад.

Конфликти асар аз ин ҷо тезутунд гардида, ба ҳолати руҳонии Рашод таъсири зиёд мерасонад ва ӯ ҳар лаҳза барои интиқом гирифтан аз рақиби худ омодагӣ мегирад.

Нависанда дар повест аввалин лаҳзаҳои дар дил кина парваридан ва ба амале даст задании Рашодро чунин тасвир кардааст: «Касе агар ба чашми Раҳими Акбар рост нигоҳ кунад, худи ҳамон лаҳза чашми ӯро канда ба дасташ медиҳад. Ҳатто гапи раиси колхозро ба ним ҷав намегирад. Аз ваҷоҳаташ, аз ҳар суханаш, аз нишасту хезаш чунин бармеояд, ки гӯё ба дамаш санги осиё мегардад. Одам дар назараш аз пашша беш нест... На хурдро хурд медонад, на калонро – калон! Аҷаб махлуқе! Шояд аслан вай аз болои боигарии худ намепараду табиатан чунин бошад? Рашод, ки ба ҳар ҳол, дар дил кинаҳо дорад, эҳтимол рафтору кирдори Раҳими Акбарро ба дигар чашм дида, хулосаҳои ботил мебарорад?» [9, с. 34]

Дар иқтибоси дигар аз повест хуб ба назар мерасад, ки ҳисси қасос ва интиқомхоҳии Рашод ба авҷи аълояш расидааст. Рашод дар танҳоӣ дар ҳамон шаби сарди зимистон саҳифаҳои хотироташро варақ зада мегӯяд: «Хайр, аён аст гуноҳи он гурги бешафқат, рӯз барин равшан аст. Вай коре кард, ки мардум дар ин музофот на дидаанд, на шунидаанд. Ҳарчанд медонист, имону инсофро зери по гирифта, ба гаҳворабахши Рашод одам монд. Падару модари ӯро ба гап андохт, тӯю тамошо дод. Заррае шарм надошт. Ҳатто наандешид, ки ба чунин рафтори худ як ҷавони камбағалро сахт намеозорад магар? Оё ба қалби беғаши вай рӯирост корд намезанад? Ниҳоят, аз ғазаби Худо наметарсад?» [9, с. 42]

Рашод образи андешапарвар аст ва муътақиди суннатҳои миллист. Ҳамаи рафтору кирдори рақиби худро аз ҳамин лиҳоз мӯ ба мӯ таҳлил мекунад. Аз назари Рашод касе, ки анъанаҳову суннатҳои миллиро пушти по мезанад, аз мусулмонӣ ва одамият дур аст. «Рашод ҳар қадар, ки инсонпарвар, мардумдӯст ва танхоҳ бошад, Раҳими Акбар ба ҳамон андоза

танпарвар, худбину худхоҳ ва тангназар аст. Раҳими Акбар ба ҷуз манфиати худ манфиати ҳеҷ касро ба инобат намегирад, барои манфиати худ манфиати халқу мамлакатро ба қурбонӣ дода метавонад», – таъкид намудааст А.Сайфуллоев [63, с. 187].

Дар повест Рашод ва Раҳими Акбар ҳамагӣ ду маротиба рӯ ба рӯ омада, бо ҳам мунозира мекунанд ва Рашод, ки дар дил қасду интиқоми Раҳими Акбарро дошт, ба саволҳову суханҳои баланду пасти ӯ ҷавобҳои қотеъ ва далерона медиҳад. Инак, мунозираи якум, ки саҳнаи драмавиро ба хотир меорад ва муколамаҳо хеле тунду тез сурат мегиранд ва характерҳо равшан, ки ин ҷо муколамаи нишонрас ва таҳлили мухтасари рафтори ду рақиб – Рашод ва Раҳими Акбар дар услуби монологи дуовоза равшан ба назар мерасад:

«– Чашмат дар куҷо? Кӯрӣ магар?» – гӯён дар даст тозиёна, ба тарафи ӯ арбада кард Раҳими Акбар.

«– Ман кӯр нестам. Кӯр туӣ», – якбора хун ба сараш зада, таёқи худро ба зарба омода сохт Рашод.

Раҳими Акбар аввал гӯё шах шуда, лаҳзае лол монд. Вай чунон дар ҳайрат буд, ки дасти қамчиндораш беихтиёр поин фуромад.

«– Эҳа! Забон баровардӣ – ку...».

«– Боз як бор ба ман дӯғу даранг кунӣ, дигар ҳунарамро ҳам мебинӣ».

Ҳарчанд Рашод қаблан гапҳои пасту баланди Раҳими Акбарро борҳо шунидаву ором буд, ҳоло худаш намедонист, ки ин ҷасорат аз куҷо пайдо шудааст.

«– Хайр осуда бош. Аз гуноҳат гузаштам».

«– Аз кадом гуноҳам?!»

«– Ҳушат дар ҷояш ояд, баъд мефаҳмӣ».

«– Гуноҳу савобамро ман кайҳо фаҳмидаам».

«– Не, нафаҳмидаӣ. Дилат, ки пур аз кинаву кудурат аст, фаҳмида ҳам наметавонӣ».

«– Ту оё ягон бор худатро дар ҷои ман тасаввур кардаӣ?»

«– Ман кистаму ту!»

«– Ҳоло маълум нест, ки аслан фарқи мо дар ин дунёи гузарон чӣ қадар аст».

«– Вақту соаташ расад, ҳатман маълум мешавад».

«– Шавад...» [9, с. 35].

Дар повести «Санг дар бағал ба тӯфон» образи Рашодро дар ҷараёни тағйироти сифатӣ ба мушоҳида мегирем. Рашод ҳангоми расму русуми бобоиро пушти по задани Раҳими Акбар ӯро мисли гург тасаввур мекунад:

«Аҷаб дунё – худ ба худ ғурунгид Рашод.

– Худои Карим дар муқобили гӯсфанд – як ҷонвари беозор ва явош гург низ офаридааст, то битозад, бидарад, хун birезад... Ин ҳақиқат ба мисли он аст, ки дар баробари ӯ барин зердаст забардасте чун Раҳими Акбар дар саҳни ҳаёт вуҷуд дорад. Наход мувозинати зиндагиро танҳо бо ҳамин роҳ пайдо кунанд? Оё дигар илоҷе набуд? Не, буд, албатта. Ва ҳаст. Лекин худи дунё аз рӯзи азал ғиром аст» [9, с. 28].

Дар повест ин гуна монологҳои ботинии қаҳрамони марказӣ зиёданд, ки воқеияти зиндагиро нишон медиҳанд. Бо ин гуна монологи ботинӣ нависанда тавонистааст, андешаи қаҳрамонро аз воқеияти зиндагӣ нишон диҳад. Ин гуна монологҳо вусъати андешаи қаҳрамонро ба ҳодисаву воқеаҳои ҳаёт равшан нишон медиҳанд.

Лаҳзаи маротибаи дуюм баъди ҳамон шаби тӯфонӣ рӯ ба рӯ омадани Рашод бо Раҳими Акбар хеле барҷаста бо усули муколама баён шудааст, ки дар охир ба ҷанҷоли ҳар ду оварда, зиддият пуршиддат дар асар тасвир шудааст.

Инак, мунозираи дуюм:

«– Ту чӣ гушнаӣ?

– Бигузор гушна бошам, лекин дар имону инсоф аз ту беҳтарам.

– Ту чӣ мехоҳӣ, ман намефаҳмам, – боз лаҷоми аспро ба дасти дигараш гирифта, китф барҳам кашид Раҳими Акбар. – Аз кадом имону инсоф гап мезанӣ? Агар ягон кинаву кудурат дорӣ, – каф; ҳоло ки ҳар ду танҳоем, ба

миён андоз. Аслан ту чӣ касӣ? Айбу шармро надониста, ба рӯи одами аз худат калон чӣ хел меравӣ?

– Туф кардам ман ба ту барин калон, – таёқашро маҳкам фишурда, гуфт ба як нафас Рашод.

– Ҳамин тавр?

– Бале, айнан ҳамин тавр, – аз чашмони пурғазаби ӯ чашм наканда, бе ҳеҷ писанд ҷавоб гардонд Рашод...

– Ту аз афти кор ба ман дандон дорӣ.

– Ёфтӣ, нӯҳ сол инҷониб ман ба ту нокас дандон тез мекунам, – дубора ба сӯи вай арбада намуд Рашод. – Акнун, то аз хунат як чумча нахӯрам, ба мурдан мемураму ором намегирам» [9, с. 65-66].

Баъд аз ин гуфтори тезутунд аз нигоҳи устухонбандӣ манзараи ҷанги тан ба тани ҳар ду – Рашод ва Раҳими Акбар ба тасвир омадааст, ки аввал Рашод Раҳими Акбарро мезанад. Дар повест нависанда шиддати гуфтугӯи онҳоро алоқамандона бо ғалаёни руҳию равониашон «ба ҳолати ҷунун мерасонад, ки дар натиҷа ҳарду аз таҳқиру таҳдид ба мушту хекиртак мегузаранд» [63, с. 192].

Рашод хислатҳои зишти Раҳими Акбарро ҳангоми заданаш гуфта, ба такрор аз ғазаб фарёд мезанад:

«– Инаш барои он ки фарзанди одам дар назарат пашша барин наметобад!

– Инаш барои он ки чӣ будани раҳму шафқатро намедонӣ!

– Инаш барои он ки дар лаб ханда дошта бошӣ ҳам, дилат ба мисоли ангишт сип-сиёҳ!

– Инаш барои он ки ҳаргиз мусулмон нестӣ, – аз Худо бехабарӣ!

– Инаш барои он ки бо вуҷуди бадавлат будан дуздӣ мекунӣ!

– Инаш барои он ки мани камбағалро аз сони одам баровардӣ, – пулу молатро пеш андохта, ба фиребу найранг гаҳворабахши маро ба занӣ гирифтӣ!

– Инаш барои он ки дидаву саниста, расму оини падару бобоёнамонро зери по кардӣ!

– Инаш барои он ки ту ҳоло ҳам аз ягон разолат рӯй наметобӣ! Зеро аз рӯзи азал палидӣ, шарирӣ...» [9, с. 66-67].

Баъди ин ҷанги тан ба тан Раҳими Акбар кушта мешавад ва дар охир аспи Раҳими Акбар бо ҷуфтлагад Рашодро ҳам мекушад.

Х. Асозода образи Раҳими Акбарро тамоман манфӣ ҳисоб намекунад: «Бо вуҷуди ҳама зиштиҳо, образи Раҳими Акбар тамоман манфӣ ба назар намерасад. Ӯ иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ мебошад ва бо Насрину се фарзандаш оилаи хуб барпо намудааст. Ӯ бо пофишориҳои Рашод маҷбур шуд, ки ба ҷанги тан ба тан бархезад ва ҳангоми набард тавонист, ки рақиби кинахоҳашро мағлуб созад» [21, с. 342].

Каме поёнтар ин муҳаққиқ чунин меорад:

«Ба анъана ва урфу одати ниёгон эътибор надода, гаҳворабахш ва дӯстдоштаи Рашодро ба занӣ гирифтани Раҳими Акбар хатои зиште буд, ки оқибат ба ҳалокати ӯ боис гардид. Раҳими Акбар намунаи одамони пулдор ва худхоҳу худбовар мебошад, ки ба суннатҳои миллӣ ва қонунияти табиии зиндагӣ муносибати саҳлнигорона доранд» [21, с. 342].

Ин нуктаро нависанда чунин тасвир кардааст:

«Худи ҳамон лаҳза Насринро ба ёд оварда, ваҷоҳаташ тағйир ёфт. Ба саропои вай аз нав оташи сӯзони кинаву кудурат давида, ғазаби муддате қабл фурӯнишастааш дучандон боло гирифт. Бас дар ин барфистон шах шуда истодан! Ба як кор оғоз ки намуд, пас онро пурра анҷом додан лозим. Акнун ба деҳа меравад, нӯҳсола дарду аламашро, тану ҷони пур аз ранҷашро, ниҳоят ишқи саргардонашро дар ҳамон манзили орзуҳои бачагӣ мегӯронад. Якҷоя бо Насрин мегӯронад» [9, с. 71].

Ба куштани Насрин ва худаш ҳаракат кардани Рашод – ин камоли ҷаҳолат, ҷунун ва рашки бемаънист, ки оқибаташ ҳеҷ аст. Рашод, ки марди таҳсилдида ва дунёдида нест, аз рӯйи ҷаҳолат ва кинхоҳии худ ба чунин

амали зишт даст мезанад. Ӯ ба ҷуз деҳа, рама ва кӯҳистони диёраш дигар ҷоеро надидааст ва ҷаҳонбинии танги кӯҳистонӣ дорад.

Саттор Турсун дар повести «Санг дар бағал ба тӯфон» намунаҳои аҷоиби тасвиру таҳлили воқеият ва инъикоси олами ботинӣ ва ҳолатҳои руҳии инсонро ба кор бурдааст, ки яке аз онҳо хоббинӣ мебошад, ки моҳияти рамзӣ дорад. Яке аз ин гуна лаҳзаи хоббинӣ он аст, ки Рашод Насринро хоб дид, ки дар пушти қуллаи кӯҳ ӯро интизорӣ мекашад. Борҳо бо азоби алим ва афту хестанҳо то фарози қулла часпидаю хазида баромаданӣ мешавад, аммо наметавонад. Ниҳоят, чун ба фарози қулла мерасад, баногоҳ «Аз осмон як сели сиёҳ тохт. Ва ӯро низ аз ҷое ки рӯболо мехазид, ба зарб шуста, дасташ ҷудову пояш куҷо... ба тани кӯҳ афканд» [9, с. 62].

Инчунин, дар охири повест як лаҳзаи муассири рамзии дигар ба тасвир омадааст, ки ҳолати аҷиби равонист. Он на хоб, балки як тасаввури руъёист, ки байни хоб ва руъё қарор дорад. Он нуктаҳо сатрҳои охирини повести «Санг дар бағал ба тӯфон» мебошанд:

«Ҳофизааш билкул тира гардида, шуураш ба нестӣ мерафт... Фақат қабл аз вопасин нафас мағзаш андак равшанӣ ёфта, Рашод аз дил гузаронд, ки як замон дар ин дунё духтаре вуҷуд дошт, бо номи Насрин. Аҷаб хандон, ба вай рӯймолча дода буд. Рӯймолчаи шилшиладор... Баъд дар вусъатободи баланд курси моҳтобро дид... [9, с. 75-76].

Тасвири манзараи аз хоб бедор шуда, саросемавор аз кулбаи сангини чӯпонӣ баромадан ва як лаҳза ба тарафи қӯра нигоҳ кардани Рашод, ки дар назараш як доғи паҳне пайдо мешавад, ҳолати ноороми руҳист, ки аз пешомади нохуше ҳушдор медиҳад:

«Рашод акнун шитобон ба қӯра наздик мешуд. Дар рӯ ба рӯяш, дар қариби панҷарадари баланд, як доғи тира, ё худ сиёҳӣ... сатҳи гилем барин ба назар намуда, дам ба дам ранг бадал мекард. Дар партави офтобу ҷилои барф гоҳ зардча ба чашм ояд, гоҳ моил ба сурхӣ мегардид, гоҳи дигар боз тира метофт. Ё тавба! Наход ягон фалокат...» [9, с. 47].

Ин ҷо доғи тира чизест, ки барои Рашод аз натиҷаи ба ҳам пайванд хӯрдани тарсу воҳима ҳосил шудааст, ки дар дили ҳар хонанда як эҳсоси ногувори тарсро ба вуҷуд меоранд ва боиси зиёд гардидани ҳолати рӯҳӣ ва авҷи воқеаҳои қисса мегарданд.

Ҳамон доғи паҳн манзараи ҷанги байни гургон ва саги нотарси Рашод Малла аст, ки оқибат гургон ҷисми сагро пора-пора кардаанд, ки як майдони бузкаширо ба хотир меорад: «Гӯё бузкашӣ барпо карда бошанд, дар рӯи хирман барин масоҳат барф ҳама пайсипор, титу фит. Ҳар ҷо-ҳар ҷо хуни бисёр рехтааст. Дар мобайн, гулӯяш канда ва шикамаш дарида, саги нотарси ӯ Малла мехобид. Дар гирдаш як қабза – ним қабза пашм, – аз худаш, аз гургони чилламаст» [9, с. 47].

Ин манзараҳо сужети повестро муассир гардонидаанд, ки дар ифода кардани ҳолати пуртаъсири равонӣ устоди тавоно будани нависандаро нишон медиҳанд.

Повести «Санг дар бағал ба тӯфон», ки номаш низ рамзист асари барҷастаи равонист. Қаҳрамони марказии повест Рашод саросар образи равонист. Олами ботинӣ ва андешаҳои Рашодро Саттор Турсун бо рангҳо, монологҳои ботинӣ, манзараҳои гуногун ва «бо тозакориҳои хоса ба риштаи тасвир мекашад, хушҳолиҳои кӯтоҳ ва ғаму ғуссаи дарозу сангини ӯро моҳирона ба қалам меоварад» [63, с. 204].

Саттор Турсун дар повести «Санг дар бағал ба тӯфон» аз дороиҳои забони тоҷикӣ ба мисли калимаву ибораҳои халқӣ, зарбулмасалу мақол ва санъатҳои фаровони бадеӣ истифода бурдааст.

Аз санъатҳои бадеии маънавӣ, ба мисли ташбеҳ, тавсиф, тазод, маҷоз, киноя ва саҷъ зиёд истифода намудааст, то сухани нависанда дар тасвири манзараҳо ва ҳолатҳои гуногун шинаму зебо ба назар расад.

Матлаби нависандаро калимаю ибораҳои халқӣ дар мисолҳои зерин барҷаста ифода кардаанд: «Ин дунёи равшанро на бинам ва на сӯзам гуфта, шояд худро ба хоб мезанад» [9, с. 29]. «Сахт омад имсол зимистон. Болои сӯхта намакоб, хасу хошокро ҳам хеле кам захира кардаанд» [9, с. 26].

Мисоле барои ташбеҳ: «Чун мӯйсафедони ботамкин сукут меварзид он кӯҳи бузург» [9, с. 47] ва «Қурси офтоб ба мобайни осмон омада, ба назар беҳол тофта, як хирмани зарандудро мемонд» [9, с. 59].

Ва мисоле аз санъати саҷъ: «Назараш ба алави шукуфону гӯшаш бар ғул- ғули тӯфон» [9, с. 35] ва «Худои Карим дар пешониаш умри кӯру оби шӯр навишта будааст» [9, с. 41] ва ғайра.

Ин гуна мисолҳо дар повест зиёданд, ки дар фасли дигари рисола ин нуктаҳоро алоҳида баррасӣ хоҳем кард.

Повести «Санг дар бағал ба тӯфон» ба фарогирии мавзуи ҷолиб, сужети муассир, зиддияти барҷаста ва тасвирҳои зебову таъсирбахш дар эҷодиёти Саттор Турсун мақоми хос дорад.

Дар повест нависанда қаҳрамонҳои худро дар ҳолатҳои тақдирсоз ва интихоби ҳаёту мамот нишон дода, хислатҳои фардии онҳоро пурра ва мукаммал тасвир кардааст.

Баъд аз таҳлил ва пажуҳиши масъалаҳои дар боби дувуми диссертатсия баррасигардида мо ба натиҷаҳои зерин расидем:

– Саттор Турсун ба навиштани повестҳояш баъд аз эҷоди ҳикоёташ оғоз намудааст, ва тадриҷан 7 повест: 1. «Сукути қуллаҳо», 2. «Камони Рустам», 3. «Пайванд», 4. «Мегӯянд, ки модарам...», 5. «Обдорӣ», 6. «Барф ҳам мегузарад» ва 7. «Санг дар бағал ба тӯфон»-ро иншо кардааст, ки аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво асарҳои ҷолиб мебошанд ва аз нигоҳи банду басти бадеӣ ба талаботи ин жанри муҳимми адабиёт ҷавобгӯянд ва аз ҷониби нақди адабии муосири тоҷикӣ дар замони эҷод шуданашон баҳои воқеӣ гирифтаанд.

– Повестҳои Саттор Турсун ташаккули фардияти эҷодии ӯ ва гузаштанашро аз навиштани ҳикояҳо ба повест ва дар баррасии муаммоҳои адабиёт устувору ҷиддӣ қадам гузоштани муаллифро нишон медиҳад. Ба эҷоди повест гузаштани нависанда муносибати ӯро ба ҳалли бештар ва амиқи масъалаҳои воқеияти зиндагӣ ва дарку фаҳми олами ботинии инсонҳо ва офаридани образҳои мақбултар ифода мекунад.

– Саттор Турсун дар адабиёти муосири тоҷикӣ 7 повести хуб эҷод кардааст, ки муҳтавои ин повестҳо воқеияти зиндагии мардумро дар давраҳои гуногуни таърихӣ дар бар мегиранд, ки нависандаи мушоҳидакор мавзуи повестҳо ва образҳои асарҳояшро воқеан ҷолибу хонданибоб тасвир кардааст.

– Саттор Турсун дар повести «Сукути қуллаҳо» – мавзуи бархӯрди образҳо, андешамандии онҳо, хиёнати рафиқ, дар «Камони Рустам» - мавзуи ишқу муҳаббат ва ахлоқ, дар «Мегӯянд, ки модарам...» – масъалаҳои лаҳзаҳои гуногуни зиндагии қаҳрамонҳо, радду бадали андешаҳо, мавзуъҳои таърихӣ, ҳофизаи образҳои марказии асар, воқеияти зиндагӣ, мавзуи одобу ахлоқ, дар «Санг дар бағал ба тӯфон» - масъалаҳои муҳимми воқеияти зиндагӣ, аз ҷумла зиддият, кинагирӣ ва анҷоми фоҷиабори онро табиӣ ва боварибахш ва бо маҳорати баланд тасвир намудааст.

– Мавзуи повестҳои нависанда ин ҳаёти рӯзмарраи воқеии одамон аст. Инчунин, нависанда ба масъалаҳои гузашта, таърихӣ, воқеияти зиндагӣ, симои ботинӣ ва маънавии инсонҳо, тасвири зебоиҳои ҳаёт, табиат, қадр кардани ҳунарманд ва роҳҳои ҳалли моҷароҳои зиндагӣ ҳамвора назар дорад. Нигоҳу назари нависанда ба рӯзгори инсон маърифатмандона ва андешамандона сурат гирифтааст.

– Воқеаҳои повестҳои Саттор Турсун дар маҳалҳои ба зодгоҳи ӯ наздик, ки як вижагии осори ӯст, сурат мегиранд. Ба мисли Тали Наҷот, соҳили дарёи Кофрун, кӯҳи Уштургардан, дараи Вандоб ва ғ.

## Боби III. Тасвири воқеияти зиндагӣ

## дар романи «Се рӯзи як баҳор» - Саттор Турсун

### 3.1. Тасвири ҳолатҳои равонӣ ва пуртазоди зиндагӣ дар роман

Дар адабиёти муосири тоҷикӣ Садриддин Айнӣ бо «Дохунда»-и худ ба эҷоди роман асос гузоштааст, ки минбаъд эҷоди роман густариш ёфта, дар мавзуъҳои мухталиф асарҳои барҷаста офарида шудаанд.

Дар эҷоди романи муосири тоҷикӣ Садриддин Айнӣ, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҷалил ва баъдан Фазлиддин Муҳаммадиев, Юсуф Акобиров, Ҷумъа Одинаев, Урун Кӯҳзод, Сорбон ва дигарон саҳми назаррас доранд.

Саттор Турсун, ки ба қатори насли дувуми нависандагони муосири тоҷикӣ дохил мешавад, ин суннати адабиро аз устодони зикргардида гирифта, то ба охирин лаҳзаҳои эҷод идома додааст. Саттор Турсун нависандагиро аз иншои ҳикояву повестҳо оғоз намуда, тадриҷан ба иншои роман пардохтааст.

Шинохти романи тоҷикӣ, вижагиҳои жанрию бадеӣ ва тамоюлҳои ташаккули он дар таҳқиқотҳои Муҳаммадҷон Шукуров, Юрий Бобоев, Соҳиб Табаров, Атахон Сайфуллоев, Худойназар Асозода, Матлуба Хочаева, Муҳаммадюсуф Имомов, Аламхон Кӯчаров, Абдухолиқ Набиев, Маъруф Раҷабӣ, Шамсиддин Солеҳов ва дигарон баррасӣ ва таҳлил ёфтаанд.

Дар рисолаи Шамсиддин Солеҳов «Роман дар адабиёти тоҷикии қарни XX» [73] масъалаҳои пайдоиши романи тоҷикӣ ва заминаҳои адабии он, мактаби адабии Садриддин Айнӣ ва ташаккули минбаъдаи романи тоҷикӣ, худшиносии жанр ва шаклгирии романи миллӣ баррасӣ шудаанд, ки асосан, асарҳои Садриддин Айнӣ, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода ва Раҳим Ҷалил таҳлилу пажуҳиш гардидаанд.

Дар адабиётшиносии тоҷикӣ романи муосир то ҳол ба таври пурра ба таҳқиқ гирифта нашудааст.

Саттор Турсун аз зумраи нависандагони муосир аст, ки дар эҷоди роман низ муваффақ аст ва романи ӯ «Се рӯзи як баҳор» унвон дошта, соли 1984 иншо шудааст.

Романи «Се рӯзи як баҳор» бино ба сиёсати замони Иттиҳоди Шуравии собиқ мувофиқ набуданаш, аз замони эҷодаш – соли 1984 рӯйи чопро надид. Ҳарчанд дар муҳокимаҳо ва баррасиҳо нависандагону муҳаққиқони зиёд романро мусбат арзёбӣ кардаанд, вале сензураи сиёсии Шуравӣ барои чопи чунин як асари арзишманд иҷозат намедод.

Бо дамидани нафаси гарми бозсозӣ соли 1988 романи «Се рӯзи як баҳор» ба шакли китоби алоҳида чоп шуд.

Чӣ омилҳо буданд, ки романи «Се рӯзи як баҳор» чоп нашуд?

1. Мавзуи роман воқеаҳои давраи Инқилоби Октябр ва муборизаву муқовимати мардони ватандӯстро дар симои босмачиён ифода мекард, ки ба идеологияи Иттиҳоди Шуравӣ мувофиқ набуд.

2. Образи марказии роман Усмон Азиз муқобили сохти Шуравӣ буда, ҳамчун яқ ватандӯст мубориза бурдааст.

3. Дар асарҳое, ки оид ба ҳамин марҳилаи таърихии миллати тоҷик офарида шудаанд, босмачиён (муқовиматгарон) ҳамеша сиёҳу душмани сохтори Шуравӣ нишон дода шудаанд ва дар романи Саттор Турсун баръакс.

Ин ва дигар омилҳо сабаби чоп нашудани асар гардидаанд.

Романи «Се рӯзи як баҳор» баъди ба чоп расидан аз ҷониби муҳаққиқон: М.Шукуров [128], А.Сайфуллоев [62], Х.Асозода [21], А.Набиев [50], Ҷ.Бақозода [25], Н.Салимов [118], Д.Хоҷаев [151], М.Раҷабӣ [117] ва дигарон сазовори баҳои арзанда гардид.

Худойназар Асозода оид ба сарнавишти сахти ин роман изҳори андеша намуда, чунин навиштааст: «Ин асар дар тули солҳои 1983-1984 иншо шуда бошад ҳам, баъди чаҳор сол муаллиф тавонист, ки онро «моли хонанда» гардонад. То ҷое сарнавишти ин румон қисмати талху бадфарҷоми «Гузашти айём»-и Ҷумъа Одинаро мемонад. Гӯё «муҳокимагарон» ба асар иҷозати

ҷопро надодаанд, зеро Саттор Турсун «шахси босмачӣ»-ро дар ҷомеаи дигар ба тасвир мегирад» [21, с. 421].

Дар роман ҳодисаву воқеаҳои як марҳилаи таърихии мардуми тоҷик – баъди Инқилоби Октябр ва сар шудани муқовиматгарой, ба истилоҳи босмачигарӣ ба тасвири бадеӣ омадааст. Мазмуну мундариҷаи роман нишон медиҳад, ки нависанда ба эҷоди асарҳои калонҳаҷм, баъди иншои ҳикояву повестҳои зиёд тадриҷан пардохтааст.

Ҳамчун романи нахустин «Се рӯзи як баҳор» дар эҷодиёти Саттор Турсун мавқеи хос дорад. Солҳои бисту сӣ ва ивазшавии сохти сиёсӣ аз нигоҳи таърихӣ бисёр давраи пурихтилоф ва пур аз печидагиҳост. Ин марҳилаи таърихӣ барои халқи тоҷик бисёр чизҳои хуб дод ва бисёр чизҳоро аз байн бурд, ки баррасии ин нукта аз мавзуи пажуҳиши мо берун аст.

Ҳарчанд дар адабиётшиносии муосири тоҷикӣ мавзуи тасвири воқеияти зиндагӣ ва насри андешаву тааммуқпазирӣ дар гузоришҳои умумӣ, обзорӣ, мақолаҳои ҷудогона ва дар дохили рисолаҳои таҳқиқотӣ ҷо-ҷо баррасӣ шудаанд, вале ҳамоно заминаҳои ташаккул, вусъати мавзуъ ва баррасии он дар эҷодиёти ин ё он нависандаи алоҳида ба таҳқиқоти монографӣ фаро гирифта нашудааст. Моҳияти ғоявӣ, ҷиҳатҳои назарӣ, ҷанбаҳои иҷтимоиву таърихӣ ва роҳҳои густариши он баҳои воқеии илмӣ нагирифтааст.

Аз нигоҳи фарогирии замон воқеаҳои роман дар се рӯзи пуршиддат ҷараён мегирад, вале дар ин се рӯз ҷой дода тавонистани як марҳилаи таърихии як халқ бо ҳама ҷузъиёташ аз нависанда тақозо намудааст, ки бо вусъати андеша ва тааммуқпазирӣ ин қадар тафсилоти зиёдро мушаххас ва бомазмун офарад. Ба назари аввал фосилаи замонӣ хеле кӯтоҳ аст, вале ҷойгиркунонии воқеаҳо чандин солро дар бар мегиранд, ки аз маҳорати баланди нависанда гувоҳӣ медиҳад.

Абдуҷаббор Раҳмонов зимни баррасии масъалаҳои замону макон дар романи «Се рузи як баҳор»-и Саттор Турсун чунин таъкид намудааст: «Саттор Турсун ҷузъиёти макониро тобиши замонӣ дода, онҳоро воситаи баргардиш барои падидор намудани гузаштаи персонажҳои романи худ

қарор медиҳад. Бо ин роҳ нависанда бештар ба кушодани характер муваффақ шуда, қабатҳои замонии таркиби сужети асари худро васеъ менамояд» [57, с. 82].

Нависанда ҳолати руҳии қаҳрамони марказии роман – Усмон Азизро бо эҳсосоти мухталифи ӯ, ғуруру сарбаландӣ, беилоҷию оҷизӣ, раҳму инсоф, бераҳмию хунхорӣ, муҳаббати бепоён ба ватан ва кинхоҳӣ дар се рӯзи охири умраш, рӯзҳое, ки дили ӯ аз оқибати нохуш ва фоҷеиангез гувоҳӣ медод ва шиддати эҳсосу афкораш ба дараҷаи олӣ расида, масъалаи ҳаёту мамоташ ҳал мегардид, ба тасвир гирифтааст. Нигориши «воқеӣ ва боэътимоди ин ҳолати сангини қаҳрамон дар ҳадди худ маданият ва салоҳияти мумтозро тақозо дорад ва романи мазкур бар он далолат медиҳад, ки Саттор Турсун аз ин сифатҳо бениёз аст» [120, с.33].

Пайванди адолати наслҳо, воқеияти зиндагии солҳои бисту сӣ ва касодии маънавият дар романи «Се рӯзи як баҳор» ҳамчун таҳқиқи бадеии инсон ҷои муҳим дорад ва таъкиди Муҳаммадҷон Шукуров дар ин маврид барҷост: «На фақат он чӣ зиндагии ҳозираи моро аз гузашта ҷудо мекунад, балки он чӣ имрӯзро бо дирӯз пайвастааст, низ муҳим аст ва ин ҳатто муҳимтар аст, зеро инкишофи таърихӣ ва риштаи пайванди наслҳо ин ҷо бештар зоҳир мешавад. Ҳоло бисёр нависандагон зуҳуроти гуногуни ҳамин пайванди таърихиро ҷуста истодаанд, ки Саттор Турсун аз зумраи онҳост» [128, с. 74].

Аз ҷониби нависанда дар романи «Се рӯзи як баҳор» ҳақиқати воқеӣ ба ҳақиқати бадеӣ мубаддал гардидааст, ки ин як услуби пазируфта дар эҷоди асар аст. Дар романи «Се рӯзи як баҳор» услуби муҳим, таҳлили амиқи равонӣ, услуби баргардиш ё руҷуъ, ҳофизаи таърихию фарҳангӣ, афзоиши хотиpаву ёддошти қаҳрамон ё сайрҳои таърихӣ боиси амиқтар тасвир намудани замону макони воқеияти зиндагӣ гардидаанд.

Х. Мирзозода дар мақолаи худ «Романро проблема мебояд» зимни баррасии роман дар адабиёти муосири тоҷикӣ романи «Се рӯзи як баҳор»-и Саттор Турсунро дар қатори дигар асарҳои беҳтарин арзишдоварӣ намуда,

онро як дастоварди тоза ва воқеӣ дар адабиёти муосири тоҷик ҳисобидааст [140].

Романи «Се рӯзи як баҳор» образҳои зиёд дорад, вале тафсилоти воқеаҳои роман асосан дар атрофи номҳои Усмон Азиз, Анвар, Таманно, Юнус, Ғазаб ва модагург печ мехӯранд. Мавзуи роман ба масъалаҳои ҳаётӣ бахшида шудаанд, ки инсоният ҳамеша дар ҷустуҷӯи ҳалли онҳост. Дар назари аввал, мавзуи асар оддӣ менамояд: солҳои аввали Ҳокимияти Шуравӣ ва ... Чаро ин тавр? – Пеш аз ҳама барои он ки доир ба ин марҳилаи таърихи тоҷикон асарҳои зиёд ба табъ расидаанд, филмҳои бисёре ба навор гирифта шудаанд. Вале то замони иншои романи «Се рӯзи як баҳор» дар адабиёти муосири тоҷикӣ ягон асареро наметавон пайдо кард, ки воқеаҳои он солҳоро дар худ пурра ва ҳақиқатнигорона акс карда бошад, ки ин роман дар ин ҷода нахустин ва нав аст.

«Романи «Се рӯзи як баҳор»-ро дар эҷодиёти Саттор Турсун М.Шукуров «пешравии ҷиддӣ меҳисобад ва таъкид мекунад, ки образи Усмон Азиз дар адабиёти муосири тоҷик образи нав аст» [130, с.16].

Романи «Се рӯзи як баҳор» як навъ биниши тоза ва нигоҳи навҷӯёна ба симои маънавии инсон ва воқеияти иҷтимоии таърихӣ ба шумор меравад. Нависанда тавассути зиддияту низоъҳои ботинӣ, таҳлили амиқи равонӣ ва монологҳои ботинии ба якдигар мухолифи Усмон Азиз мавзуву масъалаҳои барои хонандаи имрӯз норавшани солҳои бистуму сиюмро мавриди таҳқиқи бадеӣ қарор додаст. Мақсади нависанда танҳо ба тасвири воқеаҳои мудҳиши даврони инқилоб ва ҳаракати босмачигарӣ нигаронида нашудааст, балки ба таҳаввули бедодии сарварони гуреза равона гардидааст.

Саттор Турсун дар симои Усмон Азиз як характери печ дар печ ва мураккаберо ба тасвир гирифтааст, ки дар бисёр ҳолатҳо гоҳ бо рангҳои сафеду сиёҳ нигориш ёфтааст ва ниҳоят серзиддият фаъолият менамояд ва «Вай фарёдест, ки дар ҳаёт роҳгум задааст» [57, с.80].

Воқеаҳои солҳои бисту сӣ ва босмачигарӣ дар роман ҳақиқатнигорона ва бе ҳеҷ пардапӯшӣ ба қалам оварда шудааст. Роман хеле серпаҳлу буда,

масъалаҳои зиёдеро дар бар мегирад ва аксари ин масъалаҳоро бо дарки бадеӣ ва тахайюл нависанда ба хубӣ ҳал мекунад. Паҳлуҳои асосии роман пеш аз ҳама дар образҳои Усмон Азиз, Таманно, Анвар, Юнус, Ғазаб ва модагург инчунин, дар ривоятҳое, ки ниҳоят бамавқеъ омадаанд, зоҳир мешавад. Аммо дар роман, беш аз ҳама образҳои асосӣ ва персонажҳои лаҳзавӣ фаъолият менамояд, ки мавзуи асарро пурра мекунанд.

Х. Асозода оид ба истилоҳи «босмачӣ»-и дар роман офаридаи Саттор Турсун чунин андеша дорад: «Босмачӣ»-и Саттор Турсун каси солимақлест, маърифатманд аст ва барои ватанаш дилаш месӯзад ва ғайра. Ба истилоҳи дигар, нависанда дар хусуси солҳои бисту сӣ, давроне, ки аз нигоҳи таърихӣ хеле пурихтилоф мебошад, баҳс мекунад. Дар миёни ҳаводиси сужет Усмон Азиз ба сифати аввалиншахс фаъолият дорад» [21, с.421].

Аз аввал то охири роман андешаи ҳақиқатҷӯ, ки хоси адабиёти бадеист, давом мекунад. Ҳама қаҳрамонони асар дар ҷустуҷӯи ҳақиқатанд, вале ҳар кадом онро ба таври худ мефаҳмад ва бо пиндори худ ҷустуҷӯ менамояд. Ин ҷустуҷӯҳои ҳамешагӣ ба сужети асар ва ба ҳаёти образҳои марказӣ Усмон Азиз ва Анвар маънӣ мебахшанд. Саттор Турсун дар баробари қаҳрамонони асараш худ низ аз он солҳои мудҳиш ҳақиқатро ҷустуҷӯ дорад ва воқеиятро дарёфтан мехоҳад.

Усмон Азиз ҳар як амалу рафтори имрӯзаву дирӯзаи худро тадриҷан ва алоқамандона бо таҳаввулоти ҳаёти иҷтимоии халқ баррасӣ менамояд. Бисёр паҳлуҳои хулқу атвор ва хислатҳои Усмон Азиз дар монологҳои ботинӣ ва дуовозу сеовоз ва ниҳоят дарозаш кушода мешавад».

Масалан, Усмон Азиз дар бораи тақдири Ғуломҳусайн андеша ронда, қисмати талхи худро низ мавриди таҳлил қарор медиҳад: «Бадбахт, – аз дил гузаронд Усмон Азиз, – ман ку ба ҳар ҳол мақсад доштам, умедвор будам... Рафту имрӯз марг аз гиребонам гирад ҳам, боке не, – дар зодгоҳам хок мешавам. Аммо ту... Бадбахт набошӣ, дар он ҷойҳо чӣ кор дорӣ ту? Чӣ гум кардаӣ дар ин кӯҳу камар? Ту доим дар ғами пул, дар орзуи зану фарзанд, хонаву дар. Ман чӣ? Ман, ватангадо ман. Ту бадбахт нестӣ. Ман бадбахт – аз

қазо худам дар ин кӯҳистон хок шавам, зану бачаҳом дар ғарибӣ мемонанд. Рафту ҷон ба саломат барам ҳам, рӯзи сиёҳам асло сафед намегардад. Чунки як умр ёди ватан мекунам, як умр заҳр хӯрда мегардам. Лекин ту... Хушбахтӣ... Зеро гадо бошӣ ҳам, дар диёри худат гадой, ақлат каме коста бошад ҳам, худро одам ҳисоб мекунӣ, умеду орзу дорӣ» [7, с.172].

Ин тасвири воқеияти зиндагист, ки Усмон Азиз замоне зиндагии орому серу пур дошта, бо каҷфаҳмие, рафтори нодурусте ва беандешагӣ гирифтору мубтало гардидааст. Ин воқеият баёнгари ҳолатест, ки хонандаро ба андешаи зиёд мебарад ва омӯзандааст. Ва ин воқеияти талх ҳақиқати зиндагиро ифода мекунад, ки ҳамин нукта аз аввал то охири роман давом мекунад.

Усмон Азиз дар чунин монологҳо, ки ба таври намуна овардем, хамчун шахсе, ки ду симо дорад, фаъолият менамояд.

Усмон Азиз нисбат ба халқу ватанаш меҳру муҳаббат ва садоқати бепоён дорад. Ӯ аз хотираву ёддоштҳои худ лаҳзаву манзараҳои гуногуни ин ватан ва тарзи зиндагонии мардумро дур карда наметавонад, ба ин марзу буми поки бобой муҳаббаташ қавист. Ба ҳамаи ин харобиҳо ва азобу кулфатҳое, ки ба сари ҳамдеҳагонаш омадаанд, ботинан азоби руҳии сахт мекашад. Усмон Азиз ҳамчун як шахси ватандӯст ба баъзе «мусулмонободиҳо»-е, ки дар натиҷаи ҷангу ҷидол ва хунрезиҳои ноҳақ ба вуҷуд омадаанд, хеле нафрат дорад.

Дар баробари хислатҳо ва сифатхои хуби ватандӯстона ва андешамандона доштан, симои Усмон Азиз дар роман ҳамчун марди бераҳм ва ҷаллод намоён мешавад. Усмон Азиз борҳо аз сарҳад убур карда, хуни ноҳақи мардуми оддиро рехтааст ва ҳатто ба ҳамдеҳагонаш худи Ҷалол ва Анвари Шермалик раҳм накарда, онҳоро қурбони қаҳру ғазаб ва кинаи худ намудааст. Дар ин маврид симои Усмон Азиз духӯра ба назар мерасад.

«Саттор Турсун дар инъикоси масъалаҳои фишору тазйиқи рӯҳониву ҷисмонӣ ва таҳаммули он пеш аз ҳама аз тағйирпазирии муносибати Усмон Азиз дар равиши ҷараёни замон ва шикасти маънавии вай наздик мешавад. Дар ҳамин ҷо ҳам дар хислат ва рафтору кирдори Усмон Азиз зиддияту

мухолифати ахлоқиву маънавӣ, низоъҳои ҷиддии ботиниву рӯҳӣ ба назар мерасанд» [57, с.81].

Мисоли зер аз роман ифодагари ин андешаҳо мебошад: «Усмон Азиз раҳораҳ меандешид, ки шояд..., шояд Ҳукумати Шуро ҳеҷ касро фиреб накарда бошад. Лекин чӣ қадар хунрезӣ шуд, чӣ қадарҳо ту бой, модом ки бой, пас золим ҳастӣ гуфта, таки по ва муттаҳам карда, имрӯз ба Сибир фиристодааст. Аҷаб, гӯё ки бой шудан ҳам гуноҳ бошад» [7, с.125].

Ин гуна пуртазодии хислатҳои руҳиву равонӣ, низоъҳову задухӯрдҳои пуршиддати маънавии Усмон Азиз сабабгори корбандии замони равониву таърихӣ ва услуби баргардиш дар роман гардидаанд, ки дар вазъиятҳои мухталиф барои нишон додани таҳаввулоти олами руҳиву маънавии Усмон Азиз хидмат менамоянд. Аз ин хотир, Усмон Азиз ба Ҳукумати Шуравӣ муросо карда наметавонад. Бинобар ин, ба Ҳукумат ва одамони ҳукуматӣ мухолифат карда, оқибат ба ҳалокат мерасад..

Усмон Азиз қабл аз Инқилоби Октябр давлатманди бонуфуз буд. Вақте ки кишвари ӯ аз ҷониби русҳо ғасб мешавад, ӯ огоҳона бар зидди Ҳукумати Шуравӣ ба мубориза бармехезад. Дар ин ҷо ҷуръати нависанда дар он аст, ки дар сиришти Усмон Азиз ҷиҳатҳои мусбатро ҷогузин месозад. Бахусус, падидаҳои маърифату маънавияти қаҳрамони марказӣ тасвири адибро қавӣ сохтаанд. Усмон Азиз ба сатҳи шахсияти муқтадиру мутафаккир мавқеъ пайдо мекунад.

Дар романи «Се рӯзи як баҳор» на фақат муборизаи босмачиёну аскарони сурх, балки набарди ғояҳо ва ақидаҳо низ тасвир шудааст. Усмон Азиз, ҳатто вақте ки ӯро «босмачӣ», – мегӯянд, ба ғазаб меояд: «Ман ҳеҷ гоҳ босмачӣ набудам, бой! Баандеша гап занед. Босмачӣ – дузди шабгард, бедиёнат хонасӯз, харобкор! Аз қадим ҳамин тоифа махлуқони худобехабар босмачӣ ном доштанд. Аммо ман... дониста монед – ман босмачӣ нестам, ман душман! Душмани ҳамаи он куффор, ки ба даст туфангу шамшер, гурги гушна барин нохост ҳамла оварда, сарзамини мусулмонободи моро олуда карданд...» [7, с.27].

Усмон Азиз бовар дорад, ки ӯ ҳақ аст ва дар роҳи ҳақ набард мекунад, ӯро аз роҳу нияташ гардонидан душвор ва ҳатто имконнопазир аст. Усмон Азиз

ифодакунандаи симои амалиёту хислатҳои як табақаи ҷамъиятист, ки аз босмачӣ фарқи куллӣ дорад. Ӯ на босмачӣ, балки як навъ душмани ҳукумат, душмани замон ва падидаҳои тозаи давр мебошад.

Нововарию ҳақиқатнигории нависанда маҳз дар симои ҳамин образи офаридааш мушоҳида мешавад. Усмон Азиз андешаманд, ҳақиқатҷӯ, ҳақиқатгӯ ва дилсӯзи ватанаш аст, ҳамеша ба ҳодисаю воқеаҳо ҳаққонӣ назар меафканад, ба камбудию нуқсонҳои ин ва ё он дарди ҷомеа эътибори махсус медиҳад.

Усмон Азизро ҳамеша ғарқи хаёл ва андешаҳо мебинем. Нависанда ҳамин ҳолати руҳии ӯро дар монологҳои ботинияш ва гуфтугӯҳояш воқеан барҷаста нишон додааст. Усмон Азиз воқеияти зиндагиро хеле хуб дарк кардааст ва кӯшиш мекунад, дар ҳалли бисёр масъалаҳои он саҳм дошта бошад, вале ин нукта на ҳамеша ба ӯ даст додааст.

Саттор Турсун тавассути образи Усмон Азиз бори аввал дар адабиёти муосири тоҷикӣ душманро аз босмачӣ фарқ кунонида тавонистааст, чунки дар асарҳои Садриддин Айнӣ, Ҷалол Икромӣ ва Раҳим Ҷалил симои босмачиён аз нигоҳи давру замон ва талаботи идеологияи ҳукмрон нишон дода шудаанд. Дар ин асарҳо босмачиён ҳамчун душмани халқ, бедодгар, зулмпарвар ва душмани сохти нав қаламдод шудаанд. Аммо Саттор Турсун образи душманро бо нигоҳи тоза офаридааст.

Усмон Азиз шахсияти хеле мураккаб буда, хидмат ва маҳорати Саттор Турсун дар он аст, ки чунин фарди характераш пурзиддиятро мавриди тасвир қарор дода, ба хубӣ аз уҳдаи ин кор баромадааст. Мураккабӣ ва тазод дар хислати Усмон Азиз, пеш аз ҳама дар он зоҳир мешавад, ки раҳму шафқат ва бераҳмӣ дар қалби ӯ баробар ҷой доранд. Гоҳо аз рӯи ақидаи худ, ба чизе ки бояд нафрат дошта бошад, раҳмаш меояд ва баръакс. Таззоди ботинии ҳар як характер ва байни образҳо муаммоест, ки Саттор Турсун пешорӯи хонанда гузоштааст. Махсусан, хислатҳои Усмон Азиз касро ба хаёлҳои мухталиф мебаранд. Монологҳои ботинии Усмон Азиз баёнгари ҳолати воқеии ӯ мебошанд, ки хеле муассиранд: «Ту ҳам мисли ман оворай – аз сиёҳмушкин чашм наканда, гуфт худ ба худ Усмон Азиз. – Дилат паноҳ мехоҳад; суботу охури баланд мехоҳад, ҷав мехоҳад. Чунки деҳ ба деҳу дара ба дара гашта, дар

зери рони ин савори сиёҳбахтат хаста шудаӣ. Аммо ку ҳамон панаҳ, куҷост он манзил? Нест... ва намешавад. Дар ин диёр ману ту ғарибем, овораву бехонумонем. Бале, бехонумон!» [7, с.18]

Дар ин манзара воқеияти зиндагӣ хуб тасвир шудааст. Усмон Азиз аз дарди худаш, ки дарди иҷтимоист, бо аснод сухан мегӯяд, ки тасвири ду овоза ин ҷо ба кор бурда шудааст. Тамоми андешаву тафаккур ва хатти сайри Усмон Азиз аз оғози роман то анҷом побанди деҳаи Нилӯ, дараи Оҳугузар ва дарёи Кофрун мебошад. Вай бо меҳру муҳаббат, бо як ҳиссиёти маҳрамона нисбат ба ин макону маҳал менигарад ва андеша меронад ва барои дур нашудан аз он кӯшиш мекунад.

Монологҳои зерин тасдиқгари андешаҳои қаблианд: «Ҳоло ман дар ин ҷо дигар коре надорам. Фақат ба Нилӯ рафта, қабри падару модарамро зиёрат мекунам, хоҳарамро бинам бас... Ҳоло ман як роҳ дорам: аввал ҳар чӣ зудтар ба Нилӯ рафта, пас дарёро убур кардан». Ё худ: «Дар баландиҳо, аз афташ, шохборон меборад, аз дил гузаронд Усмон Азиз ва дар тули даҳ соли охир бори чандум буд, ки садум бор ё шояд ҳазорум... аз ваҷҳи таҳрири бади худ боз ба андеша рафт» [7, с.68].

Тавре қаблан ишора кардем, мундариҷа ва сужети роман дар меҳвари образҳои Усмон Азиз, Анвар ва ҷуфти гургҳо давр мезанад ва қасди нависанда дар муқоисаи муносибати ошкору ниҳони ин се образ – ҷанбаҳои табиӣ ва иҷтимоии зиндагиро таҷассум кардаанд, равшан мегардад.

Саттор Турсун дар таҷрибаи эҷодии худ бори аввал мураккабиҳои сиришти одамизод ва қонунҳои инкишофи ҷомеаро пайваста бо қонунҳои бузурги табиат ба таҳқиқ гирифтааст.

Академик Носирҷон Салимов дар ин бобат чунин навиштааст: «Консепсияи романи «Се рӯзи як баҳор» ба робитаи мутақобилаи инсон, ҷамъият ва табиат бунёд ёфта, фикри нависанда дар равиши ботинии худ ба сатҳи тафаккури фалсафӣ майл мекунад. Фикри бадеӣ дар ин сатҳ ва ба ин вусъат шакли мувофиқи ифодаро тақозо кардааст ва дар мавриди мазкур ба жанри роман рӯ овардани нависанда як амри воқеист [118, с.32].

## 3.2. Тасвири пайванди инсон ва табиат дар романи «Се рӯзи як баҳор»

Дигар аз ҷанбаҳои роман, ба андешаи мо, ин мавзуи муносибати инсонро бо табиат ифода кардани нависанда аст, ки дар насри тоҷик дар ҳақиқат, муваффақияти шоистаи Саттор Турсун ба ҳисоб меравад. Масъалаи тасвири табиат дар адабиёти тоҷикӣ мавзуи нав нест, вале ин масъала чигуна дар асарҳои адибон матраҳ мегардад, ин муҳим аст, ки Саттор Турсун дар миёни нависандагони мо дар ҳалли ин масъала пешдастиҳо дорад. Ӯ ба ҳама ҳодисаҳое, ки дар табиат ҷараён мегиранд, нигоҳу назари тоза ва махсус дорад, чунки инсон ва табиат пайванди диалектикии ногусастанӣ доранд.

Тасвири табиат ва масъалаи пайванди инсон бо табиат қисми зиёди романро дар бар мегирад ва нависанда ин масъалаҳоро бо як маҳорати хос ва мушоҳидаҳои шахсияш ба таҳлил гирифтааст. Нависанда кӯшиш намудааст, ки дар асар аз тақдири инсон ва хотироти ӯ батафсил сухан гӯяд ва «Романи «Се рӯзи як баҳор» дар ҷомеаи мо хонандаи дигар, хонандае, ки ба арзишҳои ҷовидонаи зиндагии инсон бовар мекунад, ба вуҷуд овард. Дар роман сарнавишти инсон, саргузашти талхи ӯ ва зиндагии шӯри иҷтимоии ҷамъият, зиндагие, ки инсон ғайри шуури худаш пайгирӣ мекунад, шуури тӯдаӣ ё шуури ҷамодии инсон аст, ки дар ҳолатҳои вазнин аз паси як нафар ё гурӯҳи мардум беандеша эътимод дорад, ки равад. Инҳо масъалаҳои бисёр душворе ҳастанд, ки дар хонанда, хонандае, ки бо андеша мутолиа мекунад, ҳамин гуна фикрҳо, ҳамин гуна ақидаҳоро бедор мекунад» [54, с.139], таҳлил ва бардошти ҷолиб аст ва ҳар нафарро ба андеша кардан водор мекунад.

Ин нукта дар образи Ғазаб ва модагург хуб ба тасвир омадааст. Инсон ҷузъи табиат аст ва ҳамзамон гург низ. Дар роман аз ҳамин ҳисоб пайванди диалектикии ҷузъҳои табиат, ки яке бе дигаре вуҷуд дошта наметавонад, дар тасвири аҷиби нависанда ифода ёфтаанд. Ин пайванди диалектикӣ давомёбии ҳаётро нишон медиҳад, ки воқеияти зиндагӣ аст. Модагург низ мисли инсон барои давом додани насли худ кӯшишҳо мекунад ва пайваста дар талош аст. Талошу пайкори модагург дар роман ва хусусан, дар қисматҳои охири он

аҷиб аст ва таҳлили фаъолияти модагург дар муддати кӯтоҳи замонӣ хеле ҷолиб аст ва аз ҷониби нависанда бозёфти адабӣ ба ҳисоб меравад.

Оид ба ҳамин манзараи тасвир, яъне ифодаи образи Ғазаб ва модагург баъд аз нашри романи «Се рӯзи як баҳор» байни муҳаққиқон ва мунаққидон андешае пайдо шуд, ки гӯё ин нуктаҳо ба симоҳои романи «Растохез»-и Чингиз Айтматов – Оқбурӣ ва Тошчайнар умумият ва шабоҳати зиёд дорад. Ҳамин нукта дар пажуҳишҳои муҳаққиқон М. Шукуров [130], А. Сайфуллоев [62], Х. Асозода [21], А. Набиев [50], А. Раҳмонов [57], Н. Салимов [118] баён ёфтааст. Ин муҳаққиқон умумият, шабоҳат ва фарқи ин образҳоро нишон дода, дуруст таъкид намудаанд, ки ин амри воқеист, вале романи Саттор Турсун соли 1984 навишта шуда, асари Чингиз Айтматов соли 1986 ба чоп расидааст.

Дар ин маврид андешаҳои Н.Салимов қобили таваҷҷуҳ ва дастгирист: «Муҳим нест, ки нависанда пештар навиштааст (достонҳои адабиёти классикӣ ва ё аз адабиёти Ғарб қиссаи рӯзгори Исои Масеҳро ба ёд оваред) ва шарт ҳам нест, ки нависандаи тоҷикро зӯр зада, дар сояи шуҳрати Чингиз Айтматов муаррифӣ намоем. Хусусан, ки консепсияи асарҳои мазкур ва барҷаста ба он таъиноту таносуби образҳо тафовути куллӣ доранд» [118, с.32].

Мо дар ҳалли ин қазия ба андешаи Носирҷон Салимов, ки асари мазкури Саттор Турсунро тақлиди асари Чингиз Айтматов намедонад, ҳамақидаем.

Аслан ин ду падида – романҳои Саттор Турсун ва Чингиз Айтматов новобаста аз якдигар арзи вуҷуд кардаанд, вале байни ин асарҳо монандие дар сюжет ба назар мерасад. Образи Ғазабу модагург дар «Се рӯзи як баҳор» ва Оқбуриву Тошчайнар дар «Растохез»-и Чингиз Айтматов бо ҳаёти одамон пайванди табиӣ доранд.

Дар романи «Се рӯзи як баҳор» ба ҳам вобаста будани инсон ва табиат тасвир шудааст, ки инсон як ҷузъи фаъоли табиат аст, бисёр – чизҳоро дар табиат инсон дигар мекунад, ба он таъсир мерасонад ва баръакс низ метавонад бошад, яъне табиат инсонро мехӯронад, мепӯшонад ва ба он

таъсир расонида метавонад. Дар роман модагург аз инсон барои зиёнҳои расонидааш қасос мегирад, ки ин як қонуни диалектикии табиат аст.

Лаҳзаи дар ғами фарзандаш азоб кашидани модагург ва бо пои ланги тирхӯрдааш ва бе Ғазаб мондани он дар тасвири нависанда хеле аҷиб аст: «Модагург аз ҷарии дара ва арчазорони пошнаи шах чашм канда, рони чапашро гашта мелесид. Батаъм буд хуни худаш!

Ҳа-а, лекин бачаҳояш гуруснаанд. Қариб ки нимҷон шаванд. Вай илоҷе карда, ба ин рӯзи сиёҳ тоб меорад, аммо ба се бачаи ширмакаш душвор. Агар Ғазаб мебуд, ҳаргиз гурусна намемонданд: шояд модагург ҳам дар он пайроҳаи нафс ҳадафи тир намешуд. Бале, агар Ғазаби нотарс ва меҳрубонаш зинда мебуд, вай имрӯз то ин дараҷа ҳақиру нотавон намегардид» [7, с.95].

Дар ин монологи ботинии нависанда, ки дуовоза аст, яке нависанда, дигар модагург, ки ифодаи рамзист ва дар муқоиса бо ҳаёти инсонҳо офарида шудааст, воқеияти зиндагӣ пардапӯшона баррасӣ шудааст ва аслан, дар адабиёти бадеӣ ҳама образҳои ҳайвонҳову дигарҳо тимсоли инсонҳо мебошанд.

Ба мисоли дигар мутаваҷҷеҳ мешавем: «Вале ҳар қадар дур равад, раъд ҳамон қадар баландтар меғуррид, барқ боз ҳам воҳиманок меҷаҳид, борон шиддат меёфт. Ба назар, аз ин балои табиат ҷои гурез набуд. Бо вуҷуди он модагург ҳама рагу пояшро як карда ва ба кулли мавҷудот лаънатҳо фиристода, дардашро фурӯ мебурду то ҷон дошт, лангида - лангида медавид.

– Бачаҳояш дар чӣ ҳол бошанд?

– Гуруснаанд онҳо, гурусна...

– Аҷаб дунёе, чӣ дунёи бераҳме!» [7, с.97]

Ин манзараҳо ҳаёти инсони дар ватан буда, вале дур аз он афтода, бечора, ғариб ва коре аз дасташ намеомадаро мефаҳмонад, ки дар тасвири ин гуна манзараҳои рамзӣ дар роман нависанда ҳунармандӣ нишон додаст.

Нависанда дар бораи модагург чунин менависад: – «Худаш ҳам, албатта, вуҷуди зинда аст, нафс дорад, лекин ҳоло фақат ғами бачаҳояшро мехӯрад, аз паи сер кардани шиками онҳо мегардад, гарду доғашонро набинам, мегӯяд.

Чунки вазифааш ба ҳазор хавфу хатар рӯ ба рӯ шавад ҳам, илоҷе ёфта, бачаҳояшро ба по мондан!» [7, с.98]

Ин ҷо ба назар мерасад, ки нависанда олами ботинии вуҳушро – дунёи гургҳоро ба хубӣ дарк намуда, онро бомаҳорат ба қалам додааст. Тасвири модагург ва Ғазаб ҳарчанд дар адабиёт нав нест, вале дар адабиёти муосири тоҷикӣ бо услуби дилнишин тасвир кардани ин манзара иқдоми нахустин аст. Аз таҳлилу баррасии фаъолияти модагург ва Ғазаб метавон лаҳзаҳои рӯзгори Усмон Азизро ба хотир овард, ки умумият зиёд аст.

Тасвири бадеии ин манзара сюжет ва устухонбандии романро пурқувват гардонидааст. Қисмати модагург ва Ғазаб мазмуну муҳтавои зиндагии Усмон Азизро ба хотир меорад.

Характери Усмон Азиз дар лаҳзаҳои ҳассоси зиндагии ӯ, дар комёбиву нокомии ӯ кушода мешавад.

Ташаккули характери Усмон Азиз тақдири ӯро ба имрӯзу дирӯзаш пайванд медиҳад. Ӯ ҳаёти худро, ҳама дидаву шунидаҳояшро ва гардишҳое, ки дар зиндагии ӯ ба вуқуъ омадаанд, аз доираи хотираву ҳофизааш дур намекунад. Вай ҳамвора лаҳзаҳои ҷудогонаи онро ба хотир оварда, ба ҳар яки ин лаҳзаҳо аз нуқтаҳои назари дарки замонаш баҳо медиҳад ва онҳоро таҳлил мекунад: «Усмон Азиз, дилаш тамоман сиёҳ гардида, боз ба худ суол дод, ки зану фарзандонаш дар чӣ ҳол бошанд. Ду духтару як писар дорад вай. Занаш касалманд. Духтари калониаш дар ҳамон ҷо шавҳар кард. Писараш акнун ба шонздаҳ қадам мемонад. Усмон Азиз ҳамаи дахмасаи рӯзгору ташвиши дӯкондориро ба зиммаи ӯ гузошта, ин тараф омада буд. Охир, ҳанӯз ҷавон аст, хом аст, таҷрибаи зиндагӣ надорад. Фарзанди сеюмаш низ ҳоло хурд, духтарчаи беақл. Занаш, сарсахт, чанд сол боз гирифтори марази бедармон – буғумҳои дасту пояш дард мекунад. Оилаашро дар чунин вазъияти қариб бесаробон, ба қавле, рӯ ба раҳми худо монда, Усмон Азиз ба ин сафари хунин баромад. Фирефта шуд; акнун пушаймон, сад бор афсӯс мехӯраду фоида надорад» [7, с.158].

Усмон Азизи боандеша, бомаърифат ва ҳамзамон қассосгир дар роман баъзан дар байни андешаву суханонаш ва мантиқи характераш ноҷӯриҳое ба назар мерасад, ин шояд аз камтаҷрибагии сиёсии ӯ сар задааст. Ба порчае аз роман таваҷҷуҳ мекунем: «Аз кордориаш маълум, ҳукумати Шуро бақудрат аст, вай ҳатман ғалаба карда, амиқ реша медавонад. Чунки халқ тарафдораш; чунки вай ҳам барои беҳбудии ҳаёти халқ ҷон мекоҳонад. Дирӯз ба камбағалон алоқадри ҳол обу замин дод; имрӯз, ана, тухмӣ медиҳад, ҳатто пул қарз медиҳад. Ҳамин тавр рафтан гирад, пагоҳ, албатта, дар саросари ин кишвар бунёди мустаҳакам гузошта, Усмон Азиз барин давлатмандонро ба гӯри торик мефиристад» [7, с.159].

Усмон Азиз, ки ба Ҳукумати Шуро боварӣ ва ба пойдориву суботи он эътимод надошт, чунин бо боварӣ сухан гуфтанашон дар зеҳни хонандаи ҳассос як нававарӣ ва дурӯягиро ба вуҷуд меорад. Дар ин бора Н.Салимов чунин мегӯяд: «Аммо ин ҷо тасвири муболиғаомез ва бебунёди сохти нави иҷтимоӣ ва мантиқи ғояе, ки тавассути Усмон Азиз ҳамл мешавад, халал овардааст. Вале дар романи Саттор Турсун, чун дар асарҳои пешинааш дар ин маврид офариниши образ ва принсипи тасвир ба таҳқиқи характер бунёд ёфтааст. Дар ин маврид халал ёфтани таносуби гуфтору кирдор имконияти таҳқиқи вазъи ҳақиқии замонро то андозае маҳдуд намудааст, ки он чун дар дигар қисматҳои роман лоақал тавассути ифодаи маҷозӣ метавонист сурат пазирад» [118, с.34].

Образи Анвар, ки аз аввал тарафдори Ҳукумати Шуравӣ ва сохтори нав аст, чунин менамояд, ки ӯ дар зиндагӣ таҷрибаи кам дорад, воқеияти зиндагиро дуруст дарк накарда, саргарми муваффақиятҳои сохти нав аст, ба гузашта назари нек надорад.

Ин нукта дар гуфтугӯи ӯ бо модараш чунин тасвир шудааст: «Ғам нахӯред, оча. Ба ман ҳеҷ воқеа рӯй намедиҳад – мо акнун бисёрем. Ҳоло дар деҳа ғайр аз се-чор муттаҳам дигар ҳама мехоҳад, ки озодӣ бошад, мулк обод гардад, халқ савод барорад. Ҳукуматамон корҳои нек кард. Занҳоро ба озодӣ баровард, қатор-қатор мактаб кушод, магазин кушод, ба безамин замин дод,

ба ташна об дод; ҳама баробар шуданд. Ҳоло ҳеҷ кас ҳад надорад, ки ман бою ту камбағал гуфта, мисли пештара забардастӣ кунад. То ба ин рӯз расидан – эҳа, чӣ қадар хунрезиҳо шуданд, чӣ қадар қурбониҳо додем! Дар муддати ҳашт-нуҳ сол ҳамин қадар корҳои хуб кардааст ҳукуматамон. Дар оянда ҳам мекунад, аз ин даҳ карат, сад карат зиёдтар мекунад» [7, с.164].

Ин суханони Анвар албатта, аз рӯйи камтаҷрибагӣ ва эҳсосот аст, ки ӯ ба назар зоҳирбин менамояд ва ин гуна зоҳирбиниҳо дар шуур ва тафаккури мардум ҷой карда мешуд, ки баъди даҳ-дувоздаҳ сол ҳамаи мардуми заҳматкашро хушбахту саодатманд мегардонад, ки ин андешаҳо сабук ва дур аз мантиқ аст, ки ниҳоят Анварро ба ҳалокат мерасонад. Анвар воқеияти зиндагиро бо дурустиҳояш дарк накардааст.

Дар романи «Се рӯзи як баҳор» образҳои дигар, аз ҷумлаи Таманно, Сабоҳат, Сорохола, Қурбон, Каримов, Мурод Ғуломҳусайн, Ҳалимбой, Саид, Сулаймон, Шермалик, Шокир, Юнус Мулло Салим, Зариф Барака, Каромат, Саидназар ва дигарон фаъолият мекунанд, ки барои пур кардани хати сужет ва рангин нишон додан манзараҳои гуногуни асар хизмат мекунанд.

Ба мавзуи таърихӣ рӯй овардани нависанда бесабаб нест, зеро ӯ аз асарҳои пешини худ ба ин мавзуъ даст зада, падидаҳои номатлуби ҷомеаро дарк карда, дар симои аъзоёни ҷомеа бемаърифатӣ ва бемаънавиятиро эҳсос карда, чунин асари хубро офаридааст.

Қисмати охири роман, дар рӯзи сеюми фасли баҳор бо фоҷиа анҷом меёбад, қариб ҳама қаҳрамонони асар дар талоши маслаку мақсади худ кушта мешаванд.

Анҷоми роман бо як тасвири файласуфона оид ба марги қаҳрамони марказии роман Усмон Азиз ва тасвири ҳолати руҳии он, инчунин монологи ботинии ӯ, ки ҳангоми ҷон доданаш ба назараш бисёр лаҳзаҳои зиндагияш мерасанд, бо усули баргардиш нишон дода шудааст.

Қабл аз анҷоми асар бори дигар нависанда хислати ватандӯстии қаҳрамони асар Усмон Азиз ва ормони ҳамешагии ӯро чунин ба қалам додаст: «Усмон Азиз дар болои зин нишаста, сараш андак хам, ба як ранг асп

меронд. Ва дилаш ғарқоби хун шуда, бо азоб меандешид, ки пас аз шаш соли ғурбат... орзуи ватан карда, имрӯз, ана, ноумед гардида бозпас аз Нилӯ баромад; лекин чӣ тавр, бо кадом роҳ, аз кадом рахнаи сарҳади ин диёр гузашта, ба дидори зану фарзандаш мерасад... Ва мерасад магар?

Вай оҳ кашид; оҳ кашиду чашмони хастааш ба сабзаи атроф, аранге бӯи барраҳои навзод ва ширу қаймоқи авулро шунид» [7, с.232].

Рӯзи сеюми баҳор, ки рӯзи ҷамъбасти ҳодисаю воқеаҳо дар асар аст, бо марги Усмон Азиз ҷамъбасти бадеӣ шудааст, ки дар роман чунин омадааст: «Он воқеа дар ҳамин хел рӯзи равшани баҳор рӯй дода буд. Нохост, атроф хомӯш гардид. Нигоҳи Усмон Азизи кӯдак падарашро меҷуст... Лекин Усмон Азиз ба ҷои падар ду ҷондори барояш ношиносро дид: ду ҷондори яке хурду дигаре бузург...

Нигоҳашон вазнин, сер ва фориғбол буд.

Усмон Азиз ба сараш як дасти гарм ва навозишкорро ҳис карда, боз машғули бозӣ шуд.

– Паланг.

Аҷабо, овози падараш.

Ва ҳоло ин манзара дар пеши чашмонаш аз нав зинда гардида, ӯ дар болои асп печутоб мехӯрд. Сиёҳмушкин ҳеҷ чизро нафаҳмида, пойкӯбон ба атрофи худ чарх мезад. Саворон аз ҳар ду тараф хомӯшу беҳаракат меистоданд» [7, с.233-234].

Фасли баҳор, ҳама ҷо ором, ҷустани Усмон Азиз падарро ва ба назараш пайдо шудани ду паланг, ки озоданд ва аз зиндагиашон фароғат доранд, тасвири ҷаззоби равонӣ аст. Баъд аз хомӯш шудани атроф ва пайдо шудани ду паланг дар тали сабзапӯш рамзи идома ёфтани ҳаёт аст. Чун қаҳрамонҳои асар – инсонҳо фавтиданд, ки як ҷузъи табиат мебошанд, зиндагии палангҳо идома меёбад, ки онҳо низ ҷузъе аз табиати ҷовидон мебошанд. Ин ҷо нависанда қоидаи диалектикаи ҳаётро ба тасвир гирифтааст, яъне бо марги Усмон Азиз ва дигарон зиндагӣ хотима намеёбад ва давом дорад.

Ин аст тасвири воқеияти зиндагӣ.

Сатрҳои охири романи «Се рӯзи як баҳор» хеле муассиранд: «Усмон Азиз, дар машомаш бӯи сабзаву барраҳои навзод ва ширу қаймоқи авули Барвеш, ҳама вуҷудаш аз ёди кӯдакиву заҳри ҳалоҳили тир тапида, фикр мекард, ки он ду паланги оча-бача аз вай бисёр не, як қадам...

Танҳо як қадам дуранд.

Ниҳоят Усмон Азиз:

– Ман, аз афташ, ангушти зиёди панҷаи тақдир будаам дар ин дунё, – гуфт зери лаб ва аз хонаи зин канда шуда, оҳиста ба замин, ба рӯи майсаву лолахасакҳои саросар шукуфон афтид» [7, с.234].

Чунин анҷом ёфтани роман хонандаро ҳушдор медиҳад, ки ба ҳамаи мушкилоти пешомад омода бояд буд. Ин гуфтаҳо далели он аст, ки романи «Се рӯзи як баҳор» дар рӯзгори маънавии ҷомеа ва тақвияти тафаккури инсон нақши муҳим дорад. Ин роман бо фарогирии воқеаҳо, баррасии мавзуъҳо, банду басти бадеӣ, сюжети пуртаззод, тасвири манзараҳо, образҳои ҷолиб ва шеваи хуби эҷодӣ дар насри муосири тоҷикӣ дастоварди назаррас аст.

Набарди шадиди неруҳои ҷамъият баҳри ҳаёту зиндагӣ ҳамчун шарти асосии мавҷудияти он аз аввал то охир дар романи «Се рӯзи як баҳор» баррасӣ гардидааст. Мубориза барои ҳаёт, зистан ва дар ҷомеа нақше доштан бо диди амиқи нависанда дар тасвири ҳақиқати воқеӣ, ки ба ҳақиқати бадеӣ тавассути тахайюл табдил ёфтааст, дар роман ҳалли воқеии худро ёфтааст.

Саттор Турсун бо такя ба анъанаи нависандагони муосири тоҷик ва олам романи ҷолибе офаридааст, ки дар тасвири фардии ӯ ҳодисаву воқеаҳо, баёни фикр, фарогирии замону макони бадеӣ дар ҳунари хуби нависандагӣ, сабки нигориши барҷаста ва забони шево ифода ёфтаанд. Бозёфтҳои бадеӣ дар романи «Се рӯзи як баҳор»-и Саттор Турсун хеле зиёданд, ки ба ин нукта аксари донишмандон ва хосатан, нақди адабии муосири тоҷикӣ назари мусбат доранд ва мо низ тарафдори ҳамин андешаем.

## 3.3. Таҳлили образҳо (шахсиятҳои достонӣ) дар роман

Дар романи «Се рӯзи як баҳор»-и Саттор Турсун ҳолати руҳӣ- равонии образу персонажҳо дар қатори тасвири дигар манзараҳо ва ҳолатҳои гуногуни онҳо бартарият дорад.

Дар адабиёти муосири тоҷикӣ тасвири ҳолати руҳӣ-равонӣ дар наср аз романи «Ман гунаҳкорам»-и Ҷалол Икромӣ оғоз шуда, тадриҷан дар осори Фазлиддин Муҳаммадиев, Пӯлод Толис, Ҷумъа Одинаев ва дигарон инкишоф ёфтааст. Ин намуди тасвир дар осори Саттор Турсун ва хусусан, романи «Се рӯзи як баҳор» мавқеи барҷаста дорад.

Нависанда дар роман кӯшиш кардааст, ки ҷаҳони ботинӣ ва руҳии инсонро бо амиқӣ ва пурғунҷоишиаш тасвир карда, ба қаъри андеша ва тафаккури инсон фурӯ равад, ба моҳияти ҷамъиятӣ ва саҳму мавқеи ҳамзамонони худ хуб огоҳ гардида, мақому манзалат ва маслаки онҳоро дар пешбурди ҷомеа нишон диҳад.

Агар нависанда ба ҳолати руҳии қаҳрамон дар ҷиддитарин марҳилаҳои ҳаёти ӯ бодиққат нигариста бошад, имкон пайдо мекунад, ки мураккабӣ, печу хам ва зиддиятҳои ҳаёти воқеиро ошкор кунад ва бад-ин васила образу персонажҳоро бештар ба таҳрик оварад, ки амалиёти онҳо муваффақона бошад. Ёфтану ба тасвири бадеӣ кашидани алоқаҳо ва робитаҳои гуногуни инсонҳо дар лаҳзаҳои муассир ва онҳоро паи ҳалли мушкилие равона кардан ва андешамандонаву хирадмандона амал кардан хосси қаҳрамонҳои марказии романи «Се рӯзи як баҳор» аст.

Дар ин бора Абдухолиқ Набиев чунин таъкиде кардааст: «Характеристикаи равониро Саттор Турсун аз амалиёт ва муносибати ҳамдигарии одамон аз муҳокима ва андешаҳои ҷиддии онҳо фароҳам меорад» [50, с.92].

Дар романи «Се рӯзи як баҳор» дар амалиёт ва рафтори қаҳрамони марказӣ Усмон Азиз нависанда характеристикаи равониро дар марҳилаҳои гуногуни зиндагии ӯ, ҳам даврони ҷавонияш, ҳам дар лаҳзаҳои мубориза ву

муҷодалааш ва ҳам дар лаҳзаҳои эҳсоси нокомияш ва охири умраш нишон додааст.

Характери Усмон Азиз дар роман на танҳо дар даруни воқеаҳо мушаххас тасвир шудааст, балки бо воситаи андешаҳову хулосаҳои ҷудогона ва ҳатто андешаҳои персонажҳои дигар ва нақли худи нависанда, яъне бо усули дуовоз ва серовоз бештар кушода мегардад. Характери Усмон Азиз зиддияти зиёд дорад ва инъикоси ҳолати рӯҳӣ - равонии романро баланд бардоштааст.

Дар роман, ки як марҳилаи таърихии халқи тоҷикро фаро мегирад ва воқеаҳояш дар ҳудуди се рӯзи як баҳор ҷамъбаст мегарданд, ҷаҳони равонӣ нисбат ба макони равонӣ васеъ аст, ки дар худ вақту замони зиёдро ғунҷоиш додааст.

Инъикоси равонии тасвир дар роман дар офаридани симои воқеӣ, ифодаи рӯҳи замон, ташаккули ғоя ва ҷамъбастҳои асар мавқеи сазовор дорад. Таҳлили равонӣ бо бадеияти асар ҳам таъсири муайян мерасонад ва тасвири ҳақиқӣ ва ба мавриди равонӣ аз бисёр ҷиҳатҳо бадеияти онро таъмин менамояд, ки лаҳзаҳои ҷудогонаи асар муассир ва барҷаста мегардад.

Таҳқиқоти олами рӯҳӣ ва ботинии характерҳо шаклу воситаҳои гуногун дорад, ки нависанда вобаста ба истеъдод ва мувофиқи талаботи маводи ҳаётии мавриди тасвир қарорёфта истифода мебарад.

Абдухолиқ Набиев воситаҳои таҳлили равониро чунин тавсиф намудааст: «Ин хусусиятҳо дар воситаҳои таҳлили равонӣ: монологи ботинӣ, сухани персонажҳо, фикру андеша, руҷуъ, хаёлот, оҳанги гуфтор, тағйироти қиёфа, муносибати онҳо ба олами беруна, симои зоҳириву манзараҳои табиат ва характеристикаи нависанда зоҳир мешаванд» [50, с.97].

Дар романи «Се рӯзи як баҳор» оразҳои бисёр фаъолият доранд, вале мо дар ин фасл амалиётҳои се чеҳраи асосии асар, ки воқеаҳо дар асар бо номи онҳо вобаста аст, – Усмон Азиз, Таманно ва Анварро ба таҳлил мегирем.

### 3.3.1. Таҳлили образи Усмон Азиз

Усмон Азиз – яке аз қаҳрамонони марказии асар – марди тахминан, чилупанҷсолаи бадавлат, назару нигоҳаш ва рафтораш ба зиндагӣ муайян, феълу атвораш пур аз тазод, лекин руҳаш бақувват, худаш оқил, зебо, босавод ва ҷасур буда, сарнавишти печ дар печ ва талх дорад. Вай аз ҷумлаи он шахсонест, ки Инқилоби Октябрро (1917) сабаби бадбахтии халқ дониста, аз Ватан фирор кардааст. Баъдан, баҳори соли сиву як, дар сафи дастаҳои хунхори Иброҳимбек бо хаёлҳои хом ва макру фиреб аз дарё гузашта, оқибат фаҳмиданд, ки дигар ба мақсад расида наметавонанд.

Усмон Азиз бархилофи душманони ашадии инқилоб шахси ҳассос, андешапарвар, гоҳо раҳмдилу баинсоф, вале раҳгумзада аст. Ҳамин ҳолати Усмон Азиз дар роман чунин омадааст: «...Мо се рӯз дар ин ҷо интизор шудем, вале онҳое, ки бек ваъда карда буд, наомаданд. Кӣ медонад? – Балки маро фиреб дод. Аммо ман хафа нестам, хафа бошам ҳам, фақат аз худам... Чӣ илоҷ! Ҳозир аз бек сар карда, то сарбоз ҳама дар гурез. Ҳар кас мехоҳад, ки бо кадом роҳе бошад, зинда монад. Пас биёед, шумо ҳам, миёнатон нашикаста пештар, хона ба хона шавед. Тиру милтиқҳоятон... ана, ҳамроҳатон-хоҳед нигоҳ доред, нахоҳед бурда ба ҳукумат супоред. Агар сар хам карда, авф пурсед, эҳтимол, аз гуноҳатон гузаранд... Дар ин муддат ягонтаи шуморо ранҷонда бошам, маро бубахшед...

– Гап ҳамин, бародаронам, – суханашро давом дод Усмон Азиз, – Барои хизмати мардона, барои он садоқат ва иззату эҳтироме, ки аз шумо медидам, – раҳмат, ҳазор раҳмат. Ман медонам, ки ғайр аз Қурбону Ғуломҳусайн ҳар кадоми шумо дар ин диёр хонаву дар доред, падару модар доред, зану фарзанд доред. Мегӯянд, ки хоки ватан аз тахти Сулаймон беҳтар. Пас тадбир ин аст, ки ба саратон ҳар чӣ ояд, дар ватан монед. Ғам нахӯред, ки мо ба мақсад нарасидем, бероҳа шудем. Шояд фарзандатон роҳи дуруст ёбанд» [7, с.35].

Ин мисол баёнгари ҳолати воқеии қаҳрамони марказии роман Усмон Азиз аст ва ӯ дар назди виҷдону мардум ба ҳақиқати воқеӣ сидқан иқрор аст.

Ин нуктаҳо нишон медиҳанд, ки Усмон Азиз воқеияти зиндагиро чӣ тавр дарк кардааст ва ба дигарон талқин мекунад.

Усмон Азиз моҳияти инқилоб ва дигаргуниҳоро сидқан фаҳмидан мехоҳад, аммо ғурур ва дарду алами он ки ба маҷрои зиндагии оромаш гӯё ногаҳон банди баланду сахт афтод, ӯро намегузоранд, ки ба андешаи солим ва созанда биёяд. Бинобар ин, худро ботинан маҳкуми марг намуда, нахоҳад ҳам, хун мерезаду аз роҳаш намегардад, баъзан ҳақ ва баъзан ноҳақ худро дар миёни обу оташ мебинад.

Дар таҳлилу баррасӣ ва хулосабарориҳои воқеаҳои мураккаби ҳаёт ва маънии зиндагӣ Усмон Азиз аз рақибаш Анвар бақувват ва боандеша аст, чунки таҷрибаи рӯзгор дидааст. Қалбаш аз ғусса пора-пора мегардаду ҳар як рафтори худро, ҳарчанд нодуруст бошад ҳам, мантиқан дуруст меҳисобад. Ин нуктаро дар як муколамаи ӯ бо хидматгораш мушоҳида кардан мумкин аст: «Ман ..., ман аз шумо то қиёмат миннатдор. Лекин... дигар наметавонам, тақсир. Ҷавоб диҳед маро, садқаатон шавам, ҷавоб диҳед! Агар не, мемурам – хӯрокам захр мегардад, пӯшокам кафан.

– Мемурӣ?! – Ногаҳон наъра кашид Усмон Азиз ва лаҷомро ба дасти чап гузаронда, дасти росташро ба ғилофи маузер бурд. Асп дар таки пояш безобита шуда, гарданак зад.

– Дуртар рав! – гуфт ӯ, сар то пои дирӯза додархондашро ба оташи чашмони барқи нигоҳи худ сӯзонда. Ҷалол аз нишебӣ ба мисли тӯб ғелида, каме поин фуромад.

– Ист!

Вай худи ҳамон лаҳза истода, гӯё дар ҷояш шах шуд.

– Ба ман нигоҳ кун!

Вай бо азоб тоб хӯрда, ба Усмон Азиз рӯй овард. Рангаш докасон канда, чашмонаш чашми мурдаро мемонад.

– Парто милтиқро! Қаторвазнаро ҳам парто!

Баъде ки Ҷалол фармони ӯро иҷро карда, дастони ларзонашро намедонист ба чӣ машғул дорад, Усмон Азиз ба Ғуломҳусайн нигарист.

– Рав гир...

Вай зуд аспашро ба сӯи Ҷалол ронда, бо як хам шудан ҳам милтиқу ҳам қаторвазнаи пур аз тирро шоҳин барин чанг зада, ба қоши зин бардошт. Ва лаҷомро қафо гардондан баробар...

Садои тир баромад.

– Ана мурдан!» [7, с.39-40].

Ин гуна инсонҳо ба мисли Усмон Азиз, ки дар байни буҳронҳои инқилоб монда, бероҳа шуда, оқибат нобуд гардиданд, ки дар он солҳои пурошӯб бисёр вомехӯранд.

Мақсади Саттор Турсун аз таълифи романи «Се рӯзи як баҳор» маҳз дар ҳамин аст, ки ӯ таърихи фоҷианоки ин гуна ашхосро нишон диҳад.

Аз муколамаи овардашуда ба хубӣ муайян мегардад, ки Усмон Азиз чӣ гуна шахси ҳассосу зудранҷ низ ҳаст. Дар ҳолати ранҷидани худ хизматгори содиқашро, ки солҳо ба ӯ меҳрубону якҷо буда ва ҳатто додархондаш буд, мепарронад.

Дар ин лаҳза шиддати воқеа ба авҷи фоҷеа мерасад, ки аз ҳолати равонӣ дар симои Усмон Азиз – қаҳрамони асар гувоҳӣ медиҳад.

Ба андешаи Х. Асозода: «Фалсафаи ин образ (Усмон Азиз – С.С.) дар он аст, ки ӯ чун аксулинқилобчӣ мафҳуми ватану ватандориро ҳеҷ вақт аз назар дур карда наметавонад. Ӯ аз беинсофӣ бегона набуда, дорои ақли солим аст, ҳарчанд ки аз гумроҳ шудану беватан гаштанаш пушаймонӣ намекашад ва воқеиятро дуруст дарк менамояд» [21, с.78].

Дар романи «Се рӯзи як баҳор» симои Усмон Азиз тавре тасвир шудааст, ки баъзан аз корҳо ва амалҳои содиркардаи худ пушаймон шуда, афсӯс мехӯрад, вале боз мехоҳад, ки муҷодалаву мубориза кунад. Паҳлуҳои гуногуни хулқу атвор ва азму суботу характери Усмон Азиз баъзан дар монологҳои ботинӣ бо тафсили худи ӯ кушода мешавад.

Масалан: «... Ғами марги бародарро бародармурда медонад гуфта, Усмон Азиз, дар лабонаш муҳри сукути гарон, ба худ печида, дарун – дарун месӯхт. Вале ғаму андуҳашро ҳаргиз ба одамон нишон намедод. Ҳукумати

Шуро хеле замину чорвояшро гирифта, дар байни қамбағалон тақсим карда бошад ҳам, аз паи шикоят даҳон намекушод. Ба умеди «рӯзе мерасад» бо сари баланд мегашт. Ва интизорӣ мекашид.

Интизор буд, ки оқибати ин корҳо, худо хоҳад ба коми ӯ меанҷомад» [7, с.77-78].

Дар мунозираи Усмон Азиз бо Анвар баъди дар муҳориба дастгир кардани ӯ лаҳзаҳои ҷолиб ба тасвир омадаанд, ки Усмон Азиз дар мавриде ба босмачӣ набудани худ, дар дигар маврид аз Анвар маслиҳат пурсидан дар бораи адолати Ҳукумати Шуравӣ, дар мавриди сеюм муҳаббат ба зодгоҳашро ифода кардан, дар мавриди чаҳорум бо ғазаб ба Анвар муносибат мекунад, ки дарки суҳбати Усмон Азиз гоҳе ором аст, гоҳе дар ғазаб, ки аз ҳолатҳои равонӣ аст:

«– ... Хайр, ҳеҷ гап не; ҳоло ҳам фурсат аст.

– Фурсати чӣ?

– Фурсати аз ин роҳ гаштан.

– Босмачӣ шавам?

– Аввало, босмачӣ нагӯй. Ман ин суханро бад мебинам. Сониян, фикр кун. Пешомадатро фикр кун...

...Усмон Азиз аз кисаи сари синааш як варақ қоғази чорқатро бароварда гуфт:

– Дар ин ҷо навиштаанд, ки агар мо ба ихтиёри худ таслим шавем, ҳукумат аз гуноҳамон мегузарад. Ҳамин гап рост?

– Ҳукумати Шуро ҳеҷ вақт дурӯғ нагуфтааст ва намегӯяд. Ин як. Сониян... вай аз гуноҳи одамони раҳгумзада мегузарад. Аммо душман ҷазояшро мебинад... Шумо иншооллоҳ, ба чанги ман расида наметавонед, – гуфт Усмон Азиз ва он коғазро даронда, ба оташ андохт...

...Усмон Азиз, нигоҳашро, ки ба мисли сурб вазнин буд, боз ба Анвар кӯчонд.

– Агар фаромӯш карда бошӣ дониста мон: аввало ин ки Нилӯ зодгоҳам. Дуюмаш – ман, худоро шукр, дар он ҷо хонаву дар дорам, хешу табор дорам. Ҳамдеҳагону ёру дӯстонамро мебинам.

– Ман фаромӯш накардаам. Лекин ту ҳоло дар Нилу хона надорӣ. – Сабаб?

– Сабабаш – ҳавлиат мактаб шуд! Дар он хонаҳо акнун фарзандони мардуми камбағал мехонанд.

– Ин кори кӣ буд?

– Кори халқ, кори ман...

– Кори ту?

– Бале...» [7, с.129-130].

Ҳангоми ин мунозираҳо Усмон Азиз аз ғояти асабоният дар ғазаб аст ва мехоҳад, ки ҳамон замон Анварро буғӣ карда кушад, вале боз андеша мекунад ва худро таскин медиҳад. Ӯ мардест, ки дар ҳолати ба ғазаб омадан худро нигоҳ дошта тавонад: «Усмон Азиз, аз чашмонаш гӯё шарора парида, сукут меварзид, -акнун қадре ором суханашро идома дод Анвар. -Бинобар ин, ба он деҳае, ки як бор ба рӯяш туф карда будӣ, дуюмбора нарафтанат беҳтар.

– Ман ба зодгоҳам не, ба афти ту лаъин туф мекунам! – Дод зад Усмон Азиз ва дандон фишурда, парида аз ҷой хесту бо як ҷаҳидан ӯро аз гиребонаш гирифта, мушт бардошт. Вале ҳамоно аз шасташ гашт. Садқаи мушт шавӣ ту худобехабар. – Пас ба Қурбон рӯй овард.

– Бар ин намакзадаро!

Анвар ҳам, ғазабаш ҷӯшида:

– Хоин... – гуфт ва панҷаи дасти сиҳаташ гиреҳ, музтар монда, сахт лаб газид» [7, с.131].

Ин гуна мунозираҳои тезу тунди равонӣ дар роман, дар лаҳзаҳои бархӯрди қаҳрамонони гуногун зиёд ба назар мерасанд, ки ҳолати руҳонии образҳоро гоҳо ором ва гоҳо хеле дар шӯру ғалаён ифода мекунанд. Ин ҳолатҳои равонӣ барои баланду паст кардани ҳолати динамикии хати сюжети роман хизмат мекунанд.

Дар ин гуна мунозира ва монологҳо Усмон Азиз ба сифати шахсе намоён мешавад, ки нисбат ба зодгоҳаш ва ватанаш меҳру муҳаббати беандоза дорад. Аз хотираву ёддоштҳои худ, лаҳзаву манзараҳо ва тарзи зиндагии ин мардум ёдовар шуда, азобу кулфатҳое, ки ба сари ҳамдеҳагонаш омадаанд, ботинан азоб мекашад. Усмон Азиз дар андешаҳои худ ба саркардаи босмачиён - Иброҳимбек лаънат мехонад ва хешро маломат карда, рафтори ӯро маҳкум мекунад.

«Усмон Азиз талх табассум кард:

«Тавба! Иброҳимбек, а... Ин аспдузди лаъин аз гурехтани амиру нооромии мулк истифода бурда, чӣ қадар одамонро аз роҳ зад! Чӣ қадар хуни ноҳақ рехт; чӣ қадар мардуми бегуноҳ хонабардӯш шуданд... Маро ҳам фиреб дод. Сахт фиреб дод... Ҳамватанон аксарият интизори мо гуфта, доманамро пур аз чормағзи пуч кард. Маҷбур асп тозонда ва тир паронда, на як бору ду бор одам куштам. Оқибат, ана, оворагарди зору низорро мемонам; пушаймон хӯрда, ду дасти хунолудам дар бинӣ, боз роҳи гурезро пеш мегирам... Зану фарзандонам дар ғарибӣ. Аз манзили ба ҳар ҳол гармам наҷунбида, дар пеши онҳо гардам намешуд? Не-дия, ба роҳи шайтон даромада, ба воситаи одамони Иброҳимбек ба он дузди дунёдаркаш шинос шуда, орзуи ватан кардам. Лекин қариб буд, ки дар ин ҷангҳои ҳаёту мамот ба асфалуссофилин равам. Лаънатӣ Иброҳимбек» [7, с.72].

Ҳамин гуна ҳолатҳои руҳиву равонии пуртаззод ва задухӯрдҳои пуршиддати Усмон Азиз сабаби ба кор бурдани услуби баргардиш дар роман гардиданд. Дар тасвири Саттор Турсун ҳамаи андешаҳои Усмон Азиз ба назари некбинонааш ба деҳаи Нилӯ, дараи Оҳугузар ва дарёи Кофрун мебошад. Усмон Азиз бо як меҳру муҳаббати беандоза аз макону маҳалли худ ёдовар мешавад: « – Ватан мегӯӣ? Ман ҳам дар ҳамин кӯҳҳо ба дунё омадаам. Ин обу ин заминро шояд аз ту зиёдтар дӯст дорам. Аҷдод-аҷдодам дар ҳамин ҷо хок шудаанд. Ё ту, эҳтимол, фикр кунӣ, ки ман асло намесӯзам? Барои то чӣ дараҷа сӯхтани маро донистан диламро аз қафаси сина канда, қабат-қабат хокистарашро ба ду чашми худ дидан даркор» [7, с.39].

Ҳарчанд Усмон Азиз ватандӯст аст ва раҳмдил, лекин ӯ намехоҳад, ки мардум баробар кору зиндагӣ кунанд ва ӯ андеша дорад, ки агар ҳама баробар зиндагиву фаъолият кунанд, ҳурмату эҳтиром ва эътиқод аз байн меравад. Усмон Азиз ҳамаи ин муллоҳои чаласаводро гунаҳкор ҳисобида, ба онҳо нафрат дорад: «... Ба касофати шумо барин мардуми носерам мулк вайрон шуд. Шумо ғайр аз қатор-қатор сандуқ, даҳҳо оғилу анбор ва як рӯдаву шикамбаи бадбӯятонро пур кардан, дигар ғам надоштед. То ки бештар давлат ғундоред, батраку чоряккор ё чӯпону хизматгор нагуфта, ҳаққи ҳамаро медуздидед; одами худатон қамбағалро рӯирост наҳ мезадед, таки по мекардед. Имрӯз, ана ба ғазаби Худо гирифтор шудед. Ниҳояти дунёдаркашӣ ҳамин!» [7, с.28]

Саттор Турсун қаҳрамони худро дар ҳолати ниҳоят мураккаби равонӣ тасвир намуда, ба воситаи он воқеоти иҷтимоии имрӯзу дирӯзро ошкор менамояд. Он масъалаҳое, ки дар романи «Се рӯзи як баҳор» матраҳ гардидаанд, дар ҳаёти мо мавқеи муҳим доранд. Нависанда он ҳақиқатеро тасвир кардан мехоҳад, ки мураккабу печ дар печ ва гуногунҷиҳат аст ва ин гуногунӣ ва зиддиятҳо бештар дар воқеаву ҳодисаҳои як деҳаи кӯҳистон ба тасвир омадаанд.

Чун дар романи «Се рӯзи як баҳор» ҷанбаи тасвири равонӣ бақувват аст, сюжет рангину ҷаззоб гардида, асар ба хонанда бештар писанд меояд. Аз баррасии воқеаҳо ва маҳалҳое, ки раванди ҳодисаву воқеаҳои роман ҷараён гирифтаанд, маълум мешавад, ки Усмон Азиз, ки яке аз муқовиматгарони сарсахт ва ватандӯсти воқеӣ аст, дар монологи ботинияш бо яке аз саркардаҳои босмачигарӣ – Иброҳимбеки дузд, ки дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистони имрӯз ғоратгариву кушторҳои зиёд кардааст, нафрати сахт дорад ва ӯро як дузди одамкуш меҳисобад, ки ҳеҷ гоҳ барои ободиву осудаҳолии мардум кӯшише намекунад ва маҳз бо фиребу ташвиқи дурӯғи ӯ Усмон Азиз ба ҳукумати Шуравӣ муқобилият дорад. Воқеан, ин яке аз монологҳои барҷастаи образи марказии романи «Се рӯзи як баҳор» ба ҳисоб меравад.

### 3.3.2. Таҳлили образи Таманно

Воситаҳои таҳлили равонӣ дар романи «Се рӯзи як баҳор» ба пуррагӣ истифода шуда, бадеияти асарро тақвият бахшидаанд. Ин нуктаҳо бештар дар образи Усмон Азиз, Анвар ва Таманно равшан ба назар мерасанд. Ин образҳо дар роман аз аввал то ба охир дар ташаккули хислат ва тағйироти руҳиашон зиндаву кӯшо ва дар такомул тасвир шудаанд. Дар рафти баррасии воқеаҳо андешаҳои ин образҳо такмил ёфта, аз нигоҳи нависанда онҳо бештар ва воқеитар ба масъалаҳои ҳаёту зиндагӣ муносибат мекунанд. Дар зоҳиру ботинашон барои таҳлили воқеаҳо ва масъалаҳо аз назари таҳлилу андешаи равонӣ баҳо медиҳанд.

Саттор Турсун ба воситаи тасвиру таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи равонӣ характеру образҳои мукаммале офаридааст, ки аз маҳорати руҳиянигории ӯ шаҳодат медиҳанд. Тасвири ҳолати руҳӣ, на танҳо барои барҷаста гардонидани образҳо, офаридани хислатҳои гуногун кумак мерасонад, балки ба моҳияти зиндагӣ дуруст ворид гардидан, инсонро дуруст шинохтан, ба дили инсон аз наздик нигаристан, камию костӣ ва хушбахтию бадбахтии ӯро фаҳмидан ёрӣ мерасонад. Тавре қаблан таъкид намудем, ин падидаҳо бештар дар образҳои Усмон Азиз ва Таманно хеле барҷаста намоён гардидааст.

Дар тасвири лаҳзаҳои гуногуни манзараҳои табиат аз ҷониби нависанда намудҳои бештари нишон додани руҳияи қаҳрамонҳои асар ба назар мерасад. Ба назар мерасад, ки гоҳе як ҷузъи табиат барои равшан кардани туғёни дили чандин қаҳрамон ва ба ҳам бархӯрдани андешаҳои ботинии онҳо имкон медиҳад.

Дар мисоли зерин ифодаи ин гуфтаро мушоҳида мекунем: «Таманно сари ду по нишаста, дастонаш ба рӯйи зонувон ва занахдонаш болои дастон, ба забонҳои тези оташ менигарист. Ва хаёлаш ба Анвар рафта, беихтиёр баҷоякбозиҳои бачагияшонро ба хотир меовард, ки одатан пеш аз омад-омади пода бо шӯру шааф дар кӯчаҳои танги деҳа барпо мекарданд... қариб ҳар боре, ки чашмаш ба оташ афтад, ӯ ҳатман ба як ҳолати носоз гирифтор шуда, як лаҳза ҳам бошад, меандешид, ки оё Анвар аз ишқи ӯ хабар дорад ё

не? Оё вай медонад, ки Таманно чӣ шабҳои дароз хоб нарафта, чӣ тавр ҳар як хати чеҳраи ӯро низ ёд меоварда бошад. Ягон дафъа ҳатто нафаҳмонд, ки меҳр дорад ё не? Не - не, аз чашмонаш маълум, ки нағз мебинад ӯ маро, «меоям», – гуфта буд, пас меояд. Боронгариҳо камтар шавад, ҳатман меояд. Ҳанӯз риштаи хаёлашро тамом накарда аз ҷой хест. Офтоб ҳанӯз сар назада буд, вале уфуқ ба ранги арғувонӣ медурахшид» [7, с.43-45].

Дар ин ҷо манзараи табиат ва ҳолати руҳии қаҳрамон ҷолиб ба тасвир омадааст. Тасвири зебоӣ, покизагӣ, ишқу умед, ҳавасу орзуҳо, ки Таманно ба хаёл меоварад, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дили вай ҳиссиёти наҷибе дорад. Ин монологи ботинии Таманно, ки тавассути дуовоз сурат гирифтааст, некбинона аст, умед ба ояндаи боварибахш дорад. Ӯ қалбан, ва руҳан ба ишқи Анвар боварӣ дорад ва дар қалбаш муҳаббати онҳо реша дар олами беғаши бачагӣ дорад, ки поку тоза аст.

Дар романи «Се рӯзи як баҳор» образи Таманно хеле барҷаста инъикос гардидааст. Дар рафтору гуфтор ва амалиёти ин духтари хоксору боандеша ва босабру таҳаммул эҳсоси баланд ва наҷиби инсонӣ ниҳон аст. Таманно тимсоли занони беҳтарини рӯзгор аст, ки дар роман бо андеша ва рафтори наҷиби худ ҷолиб тасвир ёфтааст. Ӯ ишқи пок дорад, ба муҳаббати воқеӣ, ки асоси пойдевории оила аст, некбинона назар мекунад ва қалбану руҳан устувору кушо аст.

Дар роман манзараи бо азму суботи қавӣ барои халос кардани дӯстдоштааш Анвар кӯҳу пуштаҳоро тай карда, то Дизак расидани Таманно чунин тасвир шудааст: «Аммо боке не – вай ба Дизак меравад. Меравам, ки гуфт, пас меравад. Лозим ояд аз он ҳам дуртар меравад. Барои Анвар, ки чанд сол инҷониб кулли умеду орзуҳои ширинашро ба шахси ӯ мепайвандад; хаёлашро ба сар орад, дили кабобаш гум мезанад... Бале, барои Анвар; барои яккаву ягонааш, шабҳои бехобиаш, ситораи бахташ... Вале имрӯз ҳамин бахти вай дар зери хатар аст» [7, с.188]. Аз ин пора ҷиддият ва ҷасорати Таманно барҷаста ба назар мерасад ва аз нигоҳи равонӣ андешаҳояш ва рафтораш устувор аст.

Манзараи ҳалокати Таманно дар роман бо як эҳсоси баланди равонӣ тасвир шудааст, ки аз ҳунари тасвирсозии Саттор Турсун дарак медиҳад. Таманно барои Анвар худро қурбон кард. Дар мисоли зер, ки мибинем, аз воситиаҳои таҳлили равонӣ – монологи ботинӣ сухани персонаж, фикру андеша, хаёлот ва тағйироти қиёфа бо як эҳсоси баланд тасвир шуда, манзараи воқеаро бошиддат нишон медиҳанд: «Таманно мекалавид, пешпо мехӯрд, метарсид, лекин қадам мемонд. Барои Анвари ба ҷону дил баробараш, барои ишқи ногуфтааш, орзуҳои духтариаш... Таманно аз дил гузаронид: « – Ба ин тарафаш кам монд, ҳамин замон ба Дизак мерасам». Боз каме роҳ рафт, вале баъд... якбора истод ва беихтиёр пичиррос зад:

– Гу-ург!

Сипас хам шуд ва аз пеши пояш ягон санг наёфта, даст ба рӯймоли сараш бурд, ки он туҳфаи Анвар буд.

Раъд меғуррид, барқ меҷаҳид, борон мерехту рӯд наъра мекашид, зулмоти шаб бепарво ҳукм меронд.

Таманно ... ба даст қарси пахтагин, дар муқобили он ду нуқтаи оташин (чашмони гург – С.С.) зору танҳо меистод. «Гург-гург-гург...», – мегуфт дили бечорааш.

Аммо гург, аниқтараш, модагург... хурсанд буд. Фалак ба оҳу нолаҳои пурсӯзи вай оқибат гӯш дод. Дар ин ду рӯзи дароз азоби бисёре кашида, аз пои чапаш тир хӯрда бошад ҳам, вай акнун ба пеши се бачаи носерамаш бо дасту шиками холӣ намеравад. Руҳи Ғазаби вафодораш низ безобита намешавад...

Модагург як ғуррид ва ҳама рагу пайвандашро таранг карда, чун пайкон ба сари Таманно парид» [7, с.192-193].

Саттор Турсун образи Таманноро ҳамчун як зани софдилу поку самимӣ ва дар роҳи ишқаш кӯшову устувор тасвир намудааст, ки дар роҳи расидан ба орзуҳояш қурбон шудааст. Таманно ҳамчун зани орому ботамкин, ки дар марҳилаҳои ҳассоси равонӣ худро ба даст мегирад ва устувор аст, дар роман нишон дода шудааст. Аз рӯзгори Таманно лаҳзаҳои аз дасти нохалафон

кушта шудани падараш ва дар шаби тира танҳо ба гург рӯ ба рӯ омаданаш, ки воқеан, аз лаҳзаҳои пурзиддияти равонист, дар асар ба нишон додани ғалаёни баланди ботинӣ тасвир шудааст.

### 3.3.3. Таҳлили образи Анвар

Дар роман бори аввал симо ва фаъолияти Анвар дар лаҳзаи замонии нисфи шаб, ҳангоми дарвозаро кӯфта, ӯро аз хоб бедор кардани навбатдори идораи райком оғоз мешавад, ки бояд Анвар зуд ба идора равад, он ҷо масъалаи муҳим аст, котиби райком Амонов ва сардори милитсия ӯро интизоранд: «Анвар ба маънии «боз чӣ воқеа рӯй дода бошад?», – китф барҳам кашида, аз таки борони баҳор, ки ҳоло дамаш паст шуда, маҳин ва дилнишин меборид, ба хона даромад. Дар равшании хираи чароғи карасин ӯро модараш Сорохола пешвоз гирифт» [7, с.8]. Баъд аз он ки Анварро модар мебинад, ғалаёну оҳанги мағшуши қалбашро, ки аз пешомади баде дарак медод, ва ними шаб бедор шудаву дар рӯйи кати ҳавлӣ бо таҳлука нишаста буд, аз ӯ мепурсад:

«Дар ин бемаҳал вай кӣ буд?»

Навбатдори райком, – ҷавоб дод Анвар ва баъд яқин дар ҳаяҷон мондани модарашро пай бурда, бо тамкин илова намуд: – Шумо зиқ нашавед, оча – ягон кори таъҷилӣ баромадагист. Ҳарвақта барин...» [7, с.8-9]

Минбаъд, симои Анвар дар роман ҳамчун як ҷавони таълимдида, боодоб, ботамкин, ростқавл ва ба аҳди худ содиқ тасвир шудааст. Анвар бо ҳамроҳи модараш Сорохола дар хонаи падари Усмон Азиз, ки аз сарватмандони деҳаи Нилӯ буд, баъд аз марги падараш хизматгорӣ мекард ва тамоми хонадони Усмон Азизро бад медид, вале аз ноилоҷӣ тоқат мекард. Ӯ бо аскарони сурх ва одамони ҳукумат унс гирифта, тадриҷан аз хизмати бойи деҳа даст кашидааст. Аз ин лаҳзаҳо ба баъд мо Анварро хеле фаъолу кӯшо ба мушоҳида мегирем.

Анвар, ки бачаи босавод ва боғайрату чолок буд, ӯро баъд аз хату савод баровардан ва хатми мактаби партиявӣ дар шаҳри Самарқанд ба корҳои комсомолӣ ҷалб намуданд. Анвар дар мактаби партиявӣ таҳсил кардааст ва муаллимаш Шафқат Рамазонови тотор ва ҳамсари ӯ Амина Рамазоноваро ҳамеша ба некӣ ба ёд меоварад, ки муаллимаш доимо ба ӯ таъкид мекард, ки «...

Нағз хон. Зеҳни тез дорӣ ту. Агар ба гапам гӯш диҳӣ, ҳатман ба мақсад мерасӣ» [7, с.9]. Муносибати Анвар бо модараш Сорохола, атрофиён, котиби райком Мирзовалӣ Амонов ва дигарон хуб аст. Аз саҳифаҳои аввали роман мо Анварро дар суҳбати якҷоя бо райком, сардори милитсияи ноҳия Аваз Каримов ва фаъолон мебинем, ки ӯ ҳамчун сардори комсомолони ноҳия аст ва аз ҳисоби комсомолони ноҳия дастаи фаъолеро роҳбарӣ мекунад, ки онҳо ҷавонони далеру шуҷоъ буда, бар зидди душманони сохти шуравӣ мубориза мебаранд. Образи Анвар дар мубориза ва ҳамроҳ кор кардан бо ашхоси кордида давра ба давра фаъол мегардад ва ӯ дар мубориза бар муқобили душманон корҳои хубро анҷом медиҳад. Ҳамчун намояндаи комсомоли ноҳия Анвар барои ташкили колхозҳо деҳа ба деҳа мегашт ва рафтору хислати одамони гуногунро меомӯхт ва таҳлил мекард.

Дар ташаккули шахсияти Анвар нақши модараш зиёд аст ва ҳар гоҳ, ки ӯ ба хона барои дидани модараш ояд ва барои рафтан иҷозат пурсад, модараш ба ӯ ба такрор мегӯяд, ки «Боз куҷо меравӣ, писарам? Боз чӣ воқеа рӯй дод? Эҳтиёт шав..., – гӯён қариб мегирист, хайру хуш карда, хандон ӯро тасаллӣ бахшид: – Осуда бошед, очаҷон, ҳеҷ воқиа рӯй надодааст. Нохост, як кори зарур баромад... ду-серӯза. То Нилӯ рафта, сиҳат саломат бармегардам. Бо ҳамин баҳона хоҳарамро мебинам... Хайр, писарам, худат медонӣ. Роҳат кушода шавад, Худои карим дар паноҳаш нигоҳ дорад, – ҳамин барои ман давлати калон» [7, с.48].

Анвар бо гуруҳи ҷавонмардони муборизаш аз пайи душманон кӯҳ ба кӯҳ гашта, бовар ҳосил карданд, ки дар наздикиҳо душманон нестанд. Ҳамроҳони Анвар ҳангоми дамгирӣ байни ҳам дар бораи масъалаҳои гуногуни зиндагӣ, мубориза бар зидди душманон ва дигар масъалаҳо суҳбат мекарданд ва аз гуфтугӯи Анвар бо ҳамроҳонаш аён мегардад, ки ӯ дар гуфтораш ва ҷавоби саволҳои дӯстонаш ҳозирҷавоб аст, буррову пухта ва андешамандона суҳбат мекунад:

– «Аз чӣ ҳайронӣ? – пурсид Анвар.

– Ман ҳайрон, ки барои чӣ фарзанди инсон хун мерезад.

– Рост, – гуфт Анвар, як оҳи бадард кашида. – Вагарна барои чӣ босмачиҳо соли бистум ором намегиранд? Барои чӣ англисҳо аз он канори замин истода, ба

инҳо пуштибону ҳимоятгар мешаванд? Сару либос медиҳанд, пул медиҳанд, тиру туфанг медиҳанд... Барои он ки ҳам инҳо ва ҳам онҳо дар ҳирси моли дунёанд, аз пайи зулму ғоратанд» [7, с.56].

Дастаи махсуси Анвар бо супориши ҳукумати ноҳия бояд ба Дизак рафта, бо душманон мубориза мекарданд, ки дар он ҷо дастаи Усмон Азиз қарор дошт. Ҳангоми роҳ рафтан ба самти Дизак борони сахт борида, Анвар ва ҳамроҳону аспҳояшон тар шуда буданд, вале онҳо бояд тезтар ба Дизак мерасиданд. Ҳангоми сахт боридани борон хаёли Анвар ба Таманно, ба духтаре, ки дӯсташ медошт рафт ва бо истифодаи монологи дохилӣ дар ботинаш такрор мекард: «Таманно нияти ӯро мефаҳмида бошад? Оё пай мебарад, ки Анвар чӣ орзуҳо мепарварад, то чӣ дараҷа вайро дӯст медорад? Анвар дар ин хусус ба касе лаб накушодааст, на ба модараш, на ба хоҳараш ва на ба ин ё он дӯсти ҳамрозаш» [7, с.85].

Анвар ва ҳамроҳонаш баъд аз расидан ба Дизак роҳро ба самти Нилӯ давом дода, дар роҳ бо Усмон Азиз ва ҳамроҳони ӯ вомехӯранд, ки дар натиҷа ҷанг ҷараён гирифта, чаҳор ҳамроҳи Анвар кушта мешаванд ва Анвари захмиро Усмон Азиз асир мегирад. Вақте ки Усмон Азиз Анвари маҷруҳро ба наздаш мехонад, ӯ бо як ҷасорати хос бо Усмон Азиз мунозира мекунад:

– «Шин!

– Ман намешинам. Гапат бошад, гӯй.

– Ту боз маро ту-ту мекунӣ?

– Иззати қотил ҳамин.

– Ту одам накуштаӣ?

– Ҳоло не. Лекин минбаъд, ту баринҳо ба дастам афтанд, мижаам хам нахӯрда... мекушам» [7, с.127].

Ин ҷо ва баъд дар роман чанд лаҳзаи гуфтугӯи Усмон Азиз ва Анвар омадааст, ки мо ӯро воқеан, як марди ҷасур ба мушоҳида мегирем, ки ба суханҳои Усмон Азиз ҳатто дар ҳолати маҷруҳӣ нотарсона ҷавоб мегӯяд, суханашро мебуррад, ӯро таънаву маломат мекунад ва дар бораи корҳои хуби ҳукумати шуравӣ озодона андешаронӣ мекунад, ки ин радду бадали андешаҳои ҳарду аз саҳифаи 127 то 132-и роман омадааст. Дар гуфтугӯи онҳо ба назар

мерасад, ки саволу ҷавобҳои Анвар боэътимоданд. Баъд аз ин гуфтугӯҳо ӯро ба ҳавлии Усмон Азиз бо дасти баста меоранд ва Таманно аз ин ҳолат хабардор шуда, он ҷо мешитобад ва Анварро дар чунин вазъи ногувор дида, сахт метарсад: «Таманно дуру дароз ба сӯи Анвар нигарист; дилу ҷигараш сӯхта, ғарқоби хун шуда, нигаристу нигарист. Лекин чеҳраи ӯро, ифодаи чашмони ҳамеша меҳрубони ӯро дида наметавонист. Чӣ кор кунад? Кӣ ба дардаш даво мешавад? Ва ашкашро бо азоб фурӯ бурда, ҷонсарак ба роҳи омадааш баргашт» [7, с.134-135].

Анвар, муаллим Каромат ва Юнусро баъд аз ду рӯзи маҳбусӣ ба байни ҳавлии Усмон Азиз оварданд, ки он ҷо дар шохи дарахт се ҳалқаи дор омода буд ва хизматгорони Усмон Азиз барои куштани онҳо омода буданд, вале ба ҳавлии ӯ одамони зиёд, аз зану мардҳо ҷамъ омада, ҳар яке аз ӯ хоҳиши озод кардани онҳоро мекарданд. Вақте хоҳари Анвар Сабоҳат аз Усмон Азиз хоҳиши озод кардани додараш Анвар ва шавҳараш Юнусро мекунад, ҷавоби рад мешунавад, ки дар ин лаҳза Юнус мегӯяд: «Агар ба ман як зарра ҳурмат дорӣ, дар пеши ин ғаддор гиря накун. Садқаи оби дидаат шавад ин гурезаи беномус!». Ва Анвар сухани Юнусро тақвият медиҳад: «Рост, хоҳарам, – гуфт Анвар низ. – Худатро паст назан, сарбаланд бош. Мо дар роҳи ҳақ ҷон медиҳем. Гумон набар, ки умрамон ба ройгон меравад. Не-е, хоҳарам, – халқ ҳаргиз фаромӯш намекунад моро!... – Инҳо... агар зинда монанд, гови пир барин дар хобашон кунҷора дида, хору зор гаштан мегиранд» [7, с.222].

Нуктаи ҷолиб дар ин лаҳзаҳои ҳассос фаъолияти мӯйсафед Раҷаб – бобо мебошад, ки ӯ аз байни издиҳом нотарсона пеш баромада, худро ба Усмон Азиз муаррифӣ мекунад ва аз ӯ хоҳиш мекунад, ки мардумро ва хусусан, Каромати муаллим, Юнус ва Анварро озор надиҳад ва ба инсоф ояд: «Ба инҳо нарас. Рафтанӣ бошӣ, хуни ноҳақ нарехта, даму дуд ба роҳат рав... Ба инсоф биё. Мусулмонӣ куҷо шуд...?» [7, с.222-223]

Дар байни издиҳоми мардуми деҳа Каромати муаллим ва Юнусро бо фармони Усмон Азиз ба дор мекашанд ва ӯ ба назди Анвар омада, мегӯяд, ки аз гуноҳат гузаштам, вале Анвар бо як ғурури ҷавонмардона ба ӯ мегӯяд, ки маро ҳам ба дор овез ва бикуш, вале ӯ як мақсади ниҳонии дигарро тарҳрезӣ карда

буд, ки баъд аз ҳавлӣ берун шудани ӯ Халил ба пеши Анвар омада, барои он ки хоҳараш Сабоҳатро ба ӯ неву ба Юнус ба занӣ дода буданд, гӯё вақти қассосгириро ёфта бошад, ӯро истинтоқ карда, мепарронад...

Анвар дар роҳи озодии Ватан талош мекунад, Усмон Азиз ҳамеша дар банди он андеша аст, ки диёри «мусулмонободаш»-ро куффор торумор мекунад, дину эътиқод аз байн меравад, нангу номус нест мешавад ва ояндаи ин марзу бум ва одамон чӣ ҳол мегирад ва бо ин душманон ӯ мубориза мебарад. Таманно бошад, барои ишқи поки худ мубориза бурда, ахиран туъмаи гургон мешавад, ки ин лаҳзаҳои тезу тунд дар роман батафсил баён ёфтаанд.

Аз таҳлили ин се образи марказӣ ба назар мерасад, ки Саттор Турсун дар роман ин се нафарро ҳамчун симоҳои асосӣ ба тасвир гирифта, барои пур кардани хатти сюжет образҳои дигарро истифода бурдааст. Ҳаёти ҳар се образи марказӣ бо марги онҳо анҷом меёбад: Таманнои ошиқи содиқ, ки мехост шахси дӯстдоштааш Анварро наҷот диҳад, вале дар нимароҳ туъмаи гург мешавад. Усмон Азизи ватанхоҳу ба назари мардуми маҳаллӣ ватанфурӯшу душману босмачӣ оқибат аз дасти зердастони худаш парронда мешавад. Анвари роҳбари комсомолони ноҳия, ки мехост Усмон Азизро дастгир кунад, худаш ба дасти ӯ афтода, асир гардида, бо азобу укубати зиёд дар охир аз дасти Халил ном душмани маккор кушта мешавад. Рӯзгори ин се нафар образи марказии романи «Се рӯзи як баҳор» ба таври фоҷиа анҷом меёбад.

Саттор Турсун дар роман муваффақ бар он гардидааст, ки мавқеи шаҳрвандии инсон, бархӯрди неку бад – ҳам пастиву разолат ва ҳам хубиву сарбаландии шахсони гуногунро вобаста ба қисмату андешаву зиндагии онҳо ба тасвири бадеӣ бигирад.

Дар роман инъикоси ҳолати руҳӣ-равонии образҳо ва вусъати ҷараёни ҳодисаҳо бо тамоми ҷузъиёташон дар ҳудуди хеле кӯтоҳи замонӣ ҷараён гирифта, нишон дода шудаанд.

## 3.4. Забон ва сабки баёни Саттор Турсун

Ҳунар ва дастовардҳои ҳар нависанда ва ҳар шоирро забони осораш ба хонанда муаррифӣ мекунад. Воқеан, ҳар як асари бадеӣ, ба эътирофи аҳли қалам пас аз тай намудани се марҳилаи муҳим – давраи ҷамъоварии мавод, давраи муҳокима ва мулоҳиза ва давраи иншо эҷод мешавад. Барои ҳар нависанда паси сар кардани ин марҳилаҳо барои эҷоди як ҳикоя, повест ва роман сабру таҳаммул ва маҳорати эҷодии воқеиро талаб дорад. Аммо, аз ин се марҳила мушкилтаринаш марҳилаи иншо ё эҷод ба ҳисоб меравад.

Саттор Турсун аз нависандаҳои донишманд, мушоҳидакор ва ҳақгӯй аст, ки ба эътирофи ҳамкорон, муҳаққиқон ва нақди адабии тоҷикӣ асарҳояшро борҳову борҳо таҳриру такмил карда, баъд ба чоп расонидааст. Ҳар нависандае, ки қалам ба даст гирифта, асари хуб ва мондагор эҷод карданӣ мешавад, ҳаргиз ба саҳланкорӣ роҳ намедиҳад, эҳтироми ҳар вожаву таъбир ва ҷумларо нигоҳ медорад, чунки забон дар осори бадеӣ муҳимтарин омили таъйинкунандаи сифати сухан ва услуби эҷодӣ мебошад. Ҳар шахси эҷодкор ва хосса нависандагон дар марҳилаи иншои асарҳо ба захираи луғавии забони модарӣ муроҷиат мекунанд ва дурдонаҳои тозаро истифода мебаранд, ки таъкиди Раззоқ Ғаффоров дар ин бобат бамаврид аст «Ҳар як нависанда дар иншои асарҳои худ ба захираи забони модарияш, ки комилан дар ихтиёри ӯст, муроҷиат менамояд. Ин захира бағоят ғанӣ ва дорои имкониятҳои беинтиҳои услубӣ буда, хазинаеро мемонад, ки ҷавоҳироти он ба гирифтан адо намешавад. Лекин адиби хушсалиқа чун ҷавҳарии пуртаҷриба аз ин хазина он гавҳар, он суханеро хоста ба кор мебарад, ки мавзуи асар ва нияти эҷодии ӯ тақозо мекунад» [28, с.22].

Забони насри Саттор Турсун равону шево ва пур аз боигариҳои луғавии забони тоҷикӣ буда, дар пироҳани шинами бадеӣ бо фарогирии унсурҳои гуфтугӯии роиҷи тоҷикӣ офарида шудаанд. Дар асарҳои нависанда унсурҳои шевагии дағал, ки хосси як маҳалли тоҷикнишин бошад, ба назар намерасад.

Тавассути забон ва баёни зебову пухтаи нависанда хонанда ба хислату рафтори қаҳрамонҳои асар ва услуби эҷодии адиб ошно мешавад, ки асосу

бунёд ва услуби ҳар як асари бадеиро забон ва меъёрҳои услубии он ташкил менамоянд.

Тарзи баёни андешаҳои қаҳрамонҳои ҳикоёту повестҳо ва романи «Се рӯзи як баҳор» бо меъёри забони адабӣ ва нутқи гуфтугӯӣ корбаст гардидаанд, ки завқбахшанд. Дар мубоҳисаҳо, мунозираҳо ва монологҳо, ки дар асарҳои Саттор Турсун хеле зиёданд, ҳангоми шиддат гирифтани сюжети воқеаҳо баъзан ифодаҳои ҳақорату дашном ва вожаву ибораҳои арабиву русӣ ба кор рафтаанд, ки ҳамагӣ дар мавқеи худ мувофиқанд.

Дар монологҳо ва мунозираҳои қаҳрамону персонажҳои асосӣ ва лаҳзавӣ тарзи ифодаи шоирона, истифодаи саҷъ ба назар мерасад, инчунин дар ҳикояву повестҳо ва романи «Се рӯзи як баҳор» пораҳои зиёди шеърӣ оварда шудаанд, ки ашъори фолклорӣ, халқӣ ва классикӣ буда, барои боз ҳам зебо гардидани инъикоси воқеаҳои асарҳо ва равону ҷолиб шудани сухани персонажҳо истифода шудаанд.

Саттор Турсун дар асарҳояш аз хазинаи пурғановати забони форсии тоҷикӣ огоҳона ва бамаврид истифода карда, забони нигориш ва ҳусни баёни осорашро рангин гардонидааст. Оид ба бузургӣ ва шукӯҳу шаҳомати забони зиндаи халқ, ки ҳамвора шоирону нависандагон аз он бардоштҳо мекунанд, худи Саттор Турсун чунин гуфтааст: «Забон, забони ҳар як миллат, гаронбаҳотарин хазинаи олам аст, – дар он дили бузурги халқ метапад; вай ҳамон ҳофизаест, ки умеду орзуҳо, муборизаву бунёдкориҳо, шодиву нокомиҳо – хулоса, таърихи дуру дароз ва муқаддаси халқро дар худ зинда медорад» [10, с.363].

Нависанда дар асарҳояш аз санъатҳои бадеӣ фаровон истифода бурда, калимаю ибораҳои халқиву адабиро устодона пайванд додааст, ки аз маҳорати забондонии ӯву устоди сухан буданаш гувоҳӣ медиҳанд ва тарзи баёнро пурмазмуну пуртаъсир мегардонанд.

Ҳусни ҳар як асари бадеӣ (ҳам манзум ва ҳам мансур) дар забон муайян мегардад. Ҳамаи зебоиву дороиҳои асарҳои бадеӣ маҳз тавассути забон ифшо

мегардад ва дуруст таъкид шудааст, ки «Воситаи асосии шакли асар ва мазмуни он забон мебошад» [79, с.52].

Дар ҳақиқат, воситаи эҷоди ҳар гуна асари бадеӣ ва шаклу мазмуни он забон аст, ки тавассути он эҷодкор метавонад андешаву эҳсосоти худро ба воситаи образу персонажҳо ва типҳои бадеӣ баён созад ва воқеияти зиндагиро тасвир намояд.

Воқеияти зиндагиро Саттор Турсун дар ҳикояву повестҳо ва романи «Се рӯзи як баҳор» гоҳо кӯтоҳу самимӣ ва гоҳе муфассалу ҷазоб бо нишон додани лаҳзаҳои гуногуни ҳаёт ба риштаи тасвир гирифтааст. Дар нишон додани ҳолатҳои зоҳириву ботинии қаҳрамонҳо, воқеияти зиндагӣ ва лаҳзаҳои хубу душвори иҷроиши орзуву омоли онҳо нависанда аз калимаву ибора, мақолу зарбулмасалҳои халқӣ ва таъбирҳои дилнишин истифода намуда, заминаи мустаҳакам забони асар ва оҳангнокиву ҷаззобияти тасвирро ба нудрат афзудааст.

Саттор Турсун дар асарҳояш ҳамчунин истилоҳоти илмӣ, таърихӣ, фалсафӣ ва диниро ба кор бурдааст, ки ин истилоҳот зимни баёни андешаҳояш дар мавриди ифодаи ҳолату воқеаҳои асарҳо бо бархӯрду лаҳзаҳои муассир ифода гардидаанд.

Аслиҳаи асосии нависанда дар эҷоди асар ҳамоно забони ӯст, вале маҳорату истеъдод ва заҳмати пайваста ба Саттор Турсун имкон додааст, то осори ҷолиби хонданбоб офарад. Ин ҷо дар мавриди душвории заҳмати эҷод ва шаклу мазмуни асар таъкиди Мирзо Турсунзодаро дар мақолаи «Барои маҳорати баланди нависандагӣ» овардан ҷоиз аст: «Хаёл кардан нодуруст аст, ки баробари ёфтани шакли умумии асар, принсипи конструксия ва композитсияи он душвориҳо барҳам мехӯранд. Вақте ки ба навиштан мешинӣ, ана он гоҳ кори душвортарини ҷустуҷӯи сухан, мисраъ ва вазн сар мешавад. Маҳз ана ҳамин вақт, чӣ тавре ки Маяковский гуфта буд, аз ҳазорон тонна маъдани сухан як калимаи ягонаю аниқро интихоб кардан лозим аст» [122, с.8].

Саттор Турсун бо дарки ин заҳмат забони асарҳояшро бо истифода аз захира ва таркиби луғавии забони тоҷикӣ бо услуби шево ва баёни марғуб офарида тавонистааст, ки тароват ва ҳусни ин забонро бо воситаи асарҳояш нишон диҳад.

Нахустин унсури адабиёт забон аст, зеро мазмун, шакл, ғоя, сужет, характер, портрет ва тасвири манзара дар асари бадеӣ тавассути забон ва маҳорати сухангустарии нависанда ифода мегардад. Дар услуби бадеӣ забон аз як ҷониб ба воситаи сухани тасвирии муаллиф ва аз тарафи дигар ба воситаи нутқи персонажҳо амал мекунад. Забон бо сохтори асар, банду басти сужет ва ҳадафи нависанда ҳамбастагии қавӣ дорад ва зарурату вазифаи забон дар ин ҷо бештар ба назар мерасад.

Раззоқ Ғаффоров таъкид кардааст, ки бе забон на нависанда вуҷуд дорад ва на асари бадеӣ: «Ба ин маънӣ, сохтмони «бино»-и асари бадеӣ дар адабиёт ба масолеҳи асосӣ – забон вобаста аст ва бе он на нависанда вуҷуд дорад на асари бадеӣ» [28, с.5].

Саттор Турсун барои образнок ва боҳадаф нишон додани сухани қаҳрамонҳо ва персонажҳои асарҳояш аз воситаҳои гуногуни тасвир, ки хоси услуби эҷодии ӯст, истифода кардааст.

Ҳоло вижагиҳои забонии ҳикояҳои Саттор Турсунро ба вақти дигар гузошта, оид ба забону услуби повестҳо ва романи «Се рӯзи як баҳор» андешаронӣ хоҳем кард.

Повести «Сукути қуллаҳо» бо як забону тарзи баёни мувофиқ ба меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ нигошта шудааст. Нахуст, номи повест «Сукути қуллаҳо» рамзӣ буда, маънои по бар ҷо будан, устувор будан ва маънои маҷозияш сукут ва андешамандии инсонро ифода мекунад. Ин нукта як вижагии ба китобҳояш чунин номҳои шоирона ва пурмаъно гузоштан услуби кори Саттор Турсун аст.

Ба таркиби калимаҳои повест нигарем, ба хубӣ маълум мегардад, ки қисми асосии онҳоро калимаҳои умумистеъмолӣ ташкил медиҳанд. Чун ин повест асари аввалини калонҳаҷми Саттор Турсун аст, дар он нисбат ба

калимаҳои забони классикӣ ва ифодаҳои шоирона, бештар калимаҳои умумиистеъмолӣ ба назар мерасанд.

Масалан, калимаҳову ифодаҳои умумиистеъмолии гуфтугӯйӣ – **нағзед, сиҳатед** дар (саҳ. 5), **ҷасадро палтар кард** (саҳ.10), **нарафтетон** (саҳ.14), **аспро етак карда рафт** (саҳ 18), **барои чи холӣ омадӣ** (саҳ.28), **ҷошба барака, усто!** (саҳ.34), **ба таки аком кӯрпача андозед** (саҳ. 39), **супурдед (**саҳ.45), **Содиқ сарнишеб шуд** (саҳ. 65), **зӯъмӣ макун** (саҳ.73), **канӣ, часорат карда бин** (саҳ. 125) ва ғайра дар повест зиёд истифода шудаанд, ки баҳри шинам тасвир кардани воқеаҳо корбаст шудаанд.

Яке аз воситаҳои муассир дар тасвири нависанда истифода аз мақолу зарбулмасалҳост, ки анқариб дар ҳар саҳифа ба назар мерасад.

Мақоли **«Аз хок бурун гаштан»** (саҳ. 4), ки ба маънии зиндагӣ кардан, вуҷуд доштан омадааст. Инчунин, таъбирҳо ва мақолҳову зарбулмасалҳои **«Бовар макун ба дӯстат, каҳ ҷо кунад ба пӯстат»** (саҳ.10), **«Моргазида аз ресмони ало метарсад»** (саҳ. 15), **«гурги борондида»** (саҳ. 25), **«Дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез»** (саҳ. 18), **«Хок бар сар кардан»** (саҳ. 80), **«Касеро бахт баргардад, шикаст андар шикаст ояд»** (саҳ. 80), **«Кӯр асояшро як бор гум мекунад»** (саҳ. 114), **«Шолӣ бе курмак намешавад»** (саҳ. 122), **«Охир, бой гурги борондида буд»**, **«Санг ҳам дил дорад»** (саҳ. 126) ва ғайра дар повест баҳри барҷаста тасвир кардани воқеаҳо истифода шудаанд.

Дар повести «Сукути қуллаҳо» вожаҳои русии **МТС, колхоз, кабинет, бригада, бригадир, буфер, трактор, центнер, вокзал, район, комиссар** ва ғайра низ ба кор рафтаанд, ки аксари ин калимаҳо вобаста ба мавзуи асар, ки солҳои пеш аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва баъд аз онро фаро гирифта, дар лексикаи гуфтугӯӣ ва умумиистеъмолӣ ин калимаҳо зиёд истифода мешуданд, дар асар ба кор рафтаанд.

Нависанда дар повест 4 дубайтӣ (саҳ. 20, 35, 58) ва як байти алоҳидаро дар (саҳ. 55) истифода кардааст, ки барои ифодаи ҳиссиёти ботинии қаҳрамонҳои повест ба кор бурдааст.

Дар повест дар эҷоди портретҳо ва тасвири манзараҳо низ нависанда аз фасоҳати забон сари кор гирифтааст: «Содиқ як лаҳза ба пайкари наҳифу хомхӯрда, рӯи пурожангу дар офтоб сӯхта, риши сафед, саллаи рангпаридаи хурдакаки фашаш кӯтоҳ ва эзору яктаки чиркину ҷо-ҷо даридаи Акрамбобо нигариста, ба хаёл рафт» [2, с.5].

Тасвири манзара дар повест низ ҷолиб аст ва ҳоло ду тасвирро, ки ҳам замонӣ ва ҳам маконист, мебинем, ки бо забони шево баён гардида, аз маҳорати тасвирсозии Саттор Турсун дарак медиҳад: «Шаб аз нисф гузашта буд. Дар вусъатободи баланди тира ситораҳо бағоят дуру хира ва ба монанди яхча хунук метофтанд, гӯё ба фикр рафта шах шуда монда буданд. Ҳавои сарди тирамоҳ ба бадани кас мурғак медамонд. Деҳа хомӯш буд. Ин хомӯширо гоҳ-гоҳе уллоси танбалонаи саге, ки аз канори деҳа ба гӯш мерасид, халалдор мекард» [2, с.115]

Ва ё:

«Анвори заррини офтоб ба чеҳраи коҳидааш афтида, ноаён мешикаст. Атроф ғарқи хомӯшии вазниние буд. Ба назар чунин мерасид, ки қуллаҳои сарбаланди пурсалобату сокит чун мардони дунёдида ӯро ба тамкину тааммул аз домани худ ба водӣ гусел мекунанд. Онҳо шоҳиди безабони фоҷиае мебошанд, ки дар ин пагоҳии тирамоҳ дар пояи мазбуту ҷовидонаашон сар задааст. Онҳо ҳаргиз рафтори Содиқро маҳкум нахоҳанд кард. Зеро онҳо, агарчӣ аз санг ибтидову бо санг интиҳо меёбанд, рамузфаҳму одамшиносанд. Охир, санг ҳам диле дорад!» [2, с.126]

Дар повести «Камони Рустам» лексикаи умумиистеъмолӣ, классикӣ, русӣ-интернатсионалӣ, пораҳои шеърӣ, санъатҳои бадеӣ корбаст гардида, ҳусни баёнро зебо гардонидаанд.

Вожаҳои забони классикӣ, ки Саттор Турсун дар повест истифода кардааст, инҳоянд: **даревос, беқасаб, зирабеқасаб, музтар, изн, қайсарӣ, файсал, ванд, ҳаммол, чоплус, хонатлас, гесувон, булӯр, солор, ҳофиз, наҳиф, тахайюл, латиф, мурувват, ахгар, ахтар, гавҳар, икд, авранг** ва ғайра мебошанд, ки дар асар дар мавридҳои зарурӣ корбаст гардидаанд.

Аз вожаҳои умумихалқии гуфтугӯӣ, ки дар забони адабӣ истифода мешаванд, метавонем вожаҳову иборахои зеринро дучор оем:

**Ҳанноти ҳаромгулӯ, ғиромӣ, дандон совидан, ба майли хотир, шартакигӯй, дамаш баланд, даҳонаш воз, аҳлак, пакар, суроб, кафшпарто, бачем, ҷигот, бадқавоқ, хомток, хишова, қуллуқ, бӯзбала, ҷулҳундӣ, палағда, пакана, ғавчӯб.**

Дар повести «Камони Рустам» вожаҳои русӣ-интернатсионалӣ зиёд ба назар мерасанд, аз қабили **консерт, спидола, магнитафон, фуражка, комбайн, суд, совхоз, кино, билет, гараж, касса, котлет, цемент, контейнер, поезд, перрон, километр, ГАЗ, кабина, телеграмма, автобус, рул, асфалт, сигарет, трактор, пагон, пилотка, гимнастёрка, санитарка, факултет, сессия, ЗИЛ** ва ғайра.

Саттор Турсун дар повест ҳашт маротиба руҷуъро истифода кардааст (дар саҳифаҳои 12- 16, 22, 35- 38, 58- 59, 72-74, 101-105, 143- 145, 162- 163), ки як навъ аз сюжет дур рафтан ва бо монологи ботинӣ баён кардани ҳолати руҳии қаҳрамонҳои асар аст, ки бо забони шево ва муҳассаноти зиёд нигошта шудаанд.

Руҷуи якум [саҳ. 12 - 16] бо як монологи ҷолиби муассир сар шуда, бо ҷумлаҳои ҷаззоб ба охир мерасад: «... фақат ҳамон рӯз донистам, ки аз ту шашрӯза монда будам... Ман сурати туро бисёр суроғ кардам, модар, вале аз он ҳеҷ кас ва аз ҳеҷ ҷой ёфт нашуд. Боре падарам гуфт, ки «дар куҷое як дона буд, ёфта медиҳам». Аммо вай ҳам маро хурсанд карда натавонист: сурати ту гум шудааст! Охир, ту чаро, модарам, чор фарзандатро дар ин дунё монда рафтиву ба онҳо аз худ аққалан сурате ба ёдгор нагузоштӣ?...» [4, с.12-16].

Мисол, барои ташбеҳ: «Баъд овози Назокат чун ҷарангоси форами булӯр оҳиста фурӯ менишаста, ҷои онро боз ғурриши трактор мегирифт» [с.67].

Мисол, барои таззод: «Вай пештар, вақтҳои дар совхоз кор карданаш, пай мебурд, ки Наимов, азбаски хоҷа аст, ба Фирӯзи табармусулмон чун ба як шахси нофорам муносибат мекунад» [с.44], ки ин ҷо хоҷа ва табармусулмон таззоданд.

Дар повести «Камони Рустам» нависанда дар панҷ маврид байтҳои русӣ [саҳ. 70, 140 -141], як рубоӣ [саҳ.69], як чорпора [саҳ.76] ва як ғазали нопурра [саҳ.140] оварда шудааст, ки рафти ҳодисаву воқеаҳоро ҷолибтар гардонидаанд. Повести «Камони Рустам» бо забон фасеҳу рангин офарида шудааст.

Повести «Пайванд» низ дар эҷодиёти Саттор Турсун бо фарогирии луғату вожаҳои ноби гуфтугӯии халқӣ, адабӣ ва классикӣ бо ба ҳам омехта гардидани калимаҳои русӣ-интернатсионалӣ, ки дар он солҳо нуфузи забони русӣ бар забони тоҷикӣ бештар буд, офарида шудааст. Корбасти мақолу зарбулмасалҳо ва пораҳои шеърӣ, ки бамаврид истифода шудаанд, ҳусни баёни нависандаро ҷаззобтар гардонидаанд. Истифодаи санъатҳои бадеӣ, мисли ташбеҳу тасвир ва таззод зиёд ба назар мерасад. Як маротиба дар повест руҷуъ дар саҳифаи 36-39 истифода шудааст, ки аз нигоҳи бадеият ва дороиҳои забонӣ хеле таъсирбахш аст. Ин ҷо мухотаб – қаҳрамони марказии асар аст. Портретофарӣ бо вожаҳои шинаму зебо дар повест корбаст шудааст.

Дар повести «Мегӯянд, ки модарам...» шеваи баён ва забони тасвири ҳодисаву воқеаҳои асар боз дилнишинтар ва истифодаи нависанда аз калимаву таъбирҳо ва ибораҳои халқии гуфтугуии адабӣ ва умумиистеъмолӣ бештар ба назар мерасад.

Дар ин повест бештар истилоҳотӣ илмӣ ва ҷуғрофӣ ба назар мерасанд. Тасвири боғу бустонҳо ва манзароҳои дилфиребi тали Наҷот ва соҳили дарёи Кофруну кӯҳи Уштургардон бо калимаву ибораҳои зебо, аз ҷумлаи «дарёи бузург», «обаки сард», «оби оинавор соф», «барфхонаҳои кӯҳӣ», «бӯи хуши себу ангур», «бӯи бедаи тар», «боғоти домани теппаҳо», «ёнаву ёлаҳо», «ҷариҳо», «роҳу пайроҳаҳо», «бӯи борону алафи тар», «бӯи себу ангур», «бӯи шири навҷӯшида» ва ғайраҳо корбаст гардидаанд, ки аз маҳорати хуби нависанда гувоҳӣ медиҳанд. Дар тавсифи Иқбол чунин вожаҳое, ба мисли «барҳақгӯй», «Иқболи ҳалолкор» истифода шудаанд [5, с.305].

Забони повести «Мегӯянд, ки модарам...» аз вожаҳои лаҳҷавӣ ва русӣ-интернатсионалӣ холист ва нависанда аз калимаҳои аслан тоҷикӣ истифода

намудааст: «Дуруст аст, ки панҷ ангушт баробар не; дар қатори мардуми баимон қаллобу фиребгар, ғаммозу мансабпараст, тухматчиву ҳақношинос ва берӯву риё барин зотҳои паст низ ҳастанд, фардо ҳам, эҳтимол мешаванд» [5, с.308].

Истифодаи бамаврид аз калимаву ибораҳои мувофиқу шинам ва санъатҳои бадеӣ забон ва услуби баёни нависандаро дар повест барҷастатар гардонидааст.

Повести «Санг дар бағал ба тӯфон» асари ҷолиби равонист, ки дар он воқеаҳову ҳодисаҳо аслан аз нигоҳи равонӣ дар қолаби забони бадеӣ тасвир шудаанд ва ин нукта воқеан дуруст аст, ки «Дар адабиёт воқеа ва ҳодисаҳо на исбот, балки тасвир мешаванд» [28, с.8].

Саттор Турсун бемуҳобо устоди сухан аст, ки забони осораш рангину зебо ва тарзи баёнаш дилнишин аст. Хусусан, тасвири манзараҳо ва симои фардии қаҳрамонҳои повести «Санг дар бағал ба тӯфон» ҳолатеро ба миён меорад, ки бо забони дил бояд фарёд кард. Дар повест забони шинами тоҷикӣ ва лексикаи умумиистеъмолӣ фаровон истифода шуда, санъатҳои бадеии ташбеҳ, тасвир, таззод, киноя дар мавқеву мақомашон ба кор рафта, услуби нигоришро гуворо гардонидаанд.

Мисол барои тавсиф: «Ҷавони боақл Собир, пухта, ба кору кирдори худ ҳушёр» [9, с.22].

Ташхиси обу ҳаво: «Атроф комилан дар тасарруфи боди тӯфонӣ қарор дошт. Гӯё раҳгум зада, аз чапу рост мевазид дами дай. Гӯё чӣ кор карданашро надониста, аз зӯри ғазаб ҳуштак мекашид, нӯла меандохт, ба уллос меомад» [9, с.24].

Мисол барои санъати такрор: «Кошкӣ камон медошт вай, кошки хараш бақувват мебуд, кошки парвардигар худи ӯро низ аз дасту бозувони тавоно бенасиб намекард» [9, с.30].

Тазоду муқобила: «Умуман, аламҳои кухнааш ба ҷои тадриҷан фурӯ нишастан... баръакс, дар зарфи ду-се соли охир бештар боло гирифта, баъзан то мағзи устухонхояш кора мекунанд» [9, с.31].

Ташбеҳ: «Қурси офтоб ба мобайни осмон омада, ба назар беҳол тофта, як хирмани зарандудро мемонд» [9, с.59].

Дар повести «Санг дар бағал ба тӯфон» нависанда дар як сатр симои Насринро чунон устодона бо истифода аз санъати тавсифу ташбеҳ бо забони фасеҳу шево тасвир кардааст, ки хеле таъсирбахш аст: «Насрин, қомати химчааш дар зери пироҳани сурхи гиребон парпарӣ, аз таҳти дил табассум мекард. Дандонҳои зич ва сафедаш қатраборонро мемонад. Чашмони оҳуяш чунон дурахше доштанд, ки Рашод, қалби ба дидори Насрин ташнааш гоҳ паст ва гоҳ баланд гуп-гуп зада, гумон мебурд ба нигоҳи гарму гуворои онҳо наметавонад тоб орад. Ба хаёли ӯ натанҳо дилаш, овозаш, балки дасту пояш низ меларзиданд. Намедонист аз нафаси атрбези баҳорон буд, ё худ аз ҳузури Насрин, – дар ҳар сурат сараш ба чарх омада, гӯё маст мешуд» [9, с.41].

Ё худ дар мисоли дигар тасвири шоиронаро ба кор бурдани нависанда ба назар мерасад: «Ширин аст ҳаёт, – ҳам барои инсон, ҳам барои ҳайвон... Душвор аст умед буридан аз дунёи равшан. Бигузор бод шӯриш кунад, шабону рӯзон барф резад, сармои шадид тоқат шиканад, яхбандӣ шавад. Вале дар ҳар вазъият мушкил аст дил кандан аз зиндагӣ» [9, с.52].

Ҳамин тавр, «Санг дар бағал ба тӯфон»: «қиссаест, ки бо забони равон, зебою шево, малеҳу балеғ ва хеле санъаткорона эҷод шудааст» [62, с.179].

Дар романи «Се рӯзи як баҳор» Саттор Турсун меъёрҳои забони адабии тоҷикиро аз аввал то охир риоя карда, бо истифода аз вожаҳову ибораҳои дилнишин ҳусни баёнро дар асар барҷастатар нишон додааст.

Оид ба вижагиҳои забони романи «Се рӯзи як баҳор» Давлатбек Хоҷаев таъкид менамояд, ки «Мутолиаи романи «Се рӯзи як баҳор» собит менамояд, ки адиб дар такмилу таҳрири забону тарзи баёни асарҳояш заҳмати бисёре мекашад, ба ин меҳнати бурдборона онҳоро хонданбобу дилнишин мегардонад» [151].

Воқеан, Саттор Турсун дар роман аз лексикаи умумиистеъмолии тоҷикӣ, вожаҳои классикӣ, калимаю ибораҳои шоирона, калимаҳое ки номи мансабу

рутбаҳои ҳарбиро мефаҳмонанд ва калимаву ифодаҳои халқӣ - гуфтугӯии тоҷикӣ моҳирона истифода карда, забони асарро хеле ғанӣ гардонидааст.

Дар роман чунин калимаҳои классикӣ истифода шудаанд, ки ба роман ҳусне зам намудаанд: фарҷом, анвор, ба ҳасрат, роиҳа, мушк, меғ, болобаланд, гургафкан, касиф, резагин ва ғайра, ки ба нутқи тасвирии нависанда зебоӣ бахшидаанд.

Нутқи персонажҳо дар романи «Се рӯзи як баҳор» зиёд ба кор рафта, дар кушодани характери онҳо ва ифодаи услубиву сохтани типҳо хизмат кардаанд. Нутқи персонажҳо ҳам бо оромӣ, ҳам бо шиддат вобаста ба вазъи руҳии онҳо баён гардидаанд.

Барои намуна:

« – Ман ҳоло ҳам бадавлатам! – Чашмонаш барқ пошида, ногаҳон дод зад Усмон Азиз.

– Аммо дар ҳаққи даҳмардаву хизматгорҳоям ҳеҷ вақт ба мисли шумо зулм накардаам! Ман давлатамро асосан аз падар мерос гирифтаам, падарам аз падараш... Падару бобои ман одамони худотарс буданд. Бештар мағзатро кор фармо, ки мегуфтанд; чунон кор фармо, ки ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад, мегуфтанд. Бинобар ин, ман ҳатто саги дари хонаамро сахттар тур нагуфтаам, ки match мабодо ягон рӯз аз банди поям гирад. Ҳамроҳи чӯпонҳоям ба кӯҳу камар ё дашту саҳро рафта, ҳафтаҳо молбонӣ мекардам, ки онҳо худашонро аз ман кам дониста – одамизод - дия, – дар қасди ҷонам нашаванд. Лекин шумо... бисёрии шумо шикаматонро хорида мегаштед. Ягон хизматгоратон аз дунё гузарад, гӯру кафан кардан он тараф истад, ҳатто ба ҷанозааш намерафтед» [7, с.29].

Дар ин нутқи Усмон Азиз ҳам самимият, ҳам худтаърифкунӣ ва ҳам характеру типи бадеии ӯ равшан ба назар мерасад.

Дар романи «Се рӯзи як баҳор» санъати саволу ҷавоб хеле зиёд корбаст гардидааст, ки услуби асар ва ҳусни баёнро таҳрик бахшидаанд:

«– Ҷалол!

– Лаббай тақсирам...

– Ман ба ту аввалин бор дар куҷо вохӯрда будам?

– Дар Пешовар.

– Аз он вақт чанд сол гузашт?

– Панҷ сол.

– Ту дар Пешовар чӣ кор мекардӣ?

– Исломча маро ҳамроҳаш бурда буд.

– Падару модарат ин қадар азиз бошанд, барои чӣ рафтӣ?

– Фиреб хӯрдам тақсир... Худо хоҳад, диёрамон боз мусулмонобод мешавад, гуфта буд.

– Чанд сол аз ин пеш рафта будед?

– Қариб ҳафт сол шуд.

– Чанд нафар будед?

– Ягон бист кас.

– Баъд чӣ?

– Худатон медонед-ку, тақсир» [7, с.38].

Ин гуна саволу ҷавобҳо, ки баъзан то ду саҳифаи романро фаро гирифтаанд, хеле зиёданд ва барои муассир ва бошиддат гардонидани сужет ва рангин шудани услуб истифода шудаанд.

Дар романи «Се рӯзи як баҳор» калимаву ифодаҳои шоирона ва халқии дилнишин, ба мисли субҳи содиқ, сафҳаи нилгун, сари субҳ, пошнаи қуллаи кӯҳ, баёзи гардан, дами офтоббаро, ғарқоби хун, макони фалокат, ҷавшани ҷон, пичаҳои сунбул, чашмони камбин, анвори офтоб, доғи синасӯз, синаҳои нор, борони ҳамал, субҳи баҳор, ғуломи ҳалқабардӯш, ҷанобашон, ҷафодидагон, бахмали сабз, ватангадо ва ғайра истифода шудаанд, ки барои барҷаста ифода кардани матлаб муносибанд.

Романи «Се рӯзи як баҳор», ки ба мавзуи таърихӣ ва марҳилаҳои Инқилоби Октябр ва баъд аз онро дар бар мегирад, нависанда вобаста ба лаҳзаҳои тасвири воқеаҳо аз калимаҳое, ки унвони мансабу рутбаҳои ҳарбӣ ва истилоҳоти диниро ифода мекунанд, истифода намудааст. Мисли амир, подшоҳ, амлокдор, қӯрбошӣ, бой, раис, тақсир, эшон, қозӣ, имом, хӯҷаин,

халифа, мударрис, босмачӣ, батрак, чоряккор, масҷид, тасбеҳ, мулло, имон, беимон ва ғайра.

Дар роман калимаву ибораҳои халқии гуфтугӯии зиёд мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки бисёре аз онҳо хусусияти умумиистеъмолӣ гирифта, ба сухану тасвири нависанда обуранги халқӣ бахшидаанд ва инак намунае аз ин калимаву ифодаҳо: **лашу луш, пича, пакар, занғар, ҷулҳундӣ, шушкихӯр, очағар, чоч, ҳота, чукка, қарс, қантар, палтар, офтоба, шахшӯл, ҳаромӣ, гиз, қайсар, ҳамин зайл, ҳай кардан, гардан задан, ҷигот андохтан, кашола кардан, муштамзӯр, ҳадаҳа кардан** ва ғайра.

Чунончи, дар мисоли зерин: «Худоё, яккаву ягона писаракамро дар паноҳат нигоҳ дор! – гӯён тани лоғарашро кашола карда ба хона даромад» [7, с.10].

Ё мисоли дигар:

«Ҳамин вақт дар саҳни ҳавлӣ хоҳари Усмон Азиз-зани Саидназари муштамзӯр Ороста пайдо шуд» [7, с.134].

Нависанда дар романи «Се рӯзи як баҳор» ва умуман, дар ҳамаи асарҳояш ҳамвора мекӯшад, ки ҳар вожаву ибора ва таъбирҳо дар мавқеи худашон истифода шаванд, аз ин хотир ӯ аз ҳодисаҳои ҳаммаъноии воҳидҳои ҳам лексикӣ ва ҳам синтаксисӣ ба маврид истифода мекунад.

Дар роман чунин синонимҳои лексикӣ, ба мисли **чеҳра (рӯй, сурат, симо), сард (хунук), пистон (чоч), маркаб (хар), меғ (абр), оташ (гулхан, алав), раъд (тундар)** ба кор бурда шудаанд. Дар ҷумлаи зерин истифодаи синонимҳои «хунук» ва «сард» барои баёни тафовути маънӣ ва хусусияти услубии онҳо зарур ва мувофиқ омада, ҳусни баёнро зебо гардонидааст: «Об хунук буд; ҳаво ҳам сард ва серрутубат..» [7, с.42].

Омили дигаре, ки романи «Се рӯзи як баҳор»-ро хонданбобу хотирнишин гардонидааст, истифодаи зарбулмасалу мақол ва ибораҳои фразеологӣ мебошад. Дар ҳама маврид зарбулмасалу мақолҳо забони асарро ширину рангин мегардонанд.

Дар роман мақолҳо барои тобиши маъноӣ бахшидан фаровон истифода шудаанд, ба мисли «Забон дар даҳон посбони сар аст», ки дар ҷумлаи «Забон дар даҳон посбони сар аст, гуфтаанд, ошно» [7, с.23], «Бар сари фарзанди одам ҳар чӣ ояд, бигзарад...» [7, с.86] ва «Тарки одат – амри маҳол», – дӯстам [7, с.65].

Ибораҳои фразеологӣ дар роман барои пуробуранг, образнок ва баланд бардоштани мундариҷаи он нақши муҳим доранд.

Дар роман ибораҳои фразеологии гуногунмаънои зиёд барои тақвият бахшидан ба мазмуни асар ва рангин гардонидани ҳусни сухан корбаст гардидаанд, ки бархе аз онҳоро ба таври намуна меорем:

Саркану покан шудан, дандон ба дандон мондан, сояро дар девор тарошидан, гӯш ба қимор шудан, забонро об додан, гӯшу ҳуш гардидан, мурғи паршикаста, мусичаи бегуноҳ, нигоҳи оташбар, мурғи посӯхта, ба даҳон об гирифтан, пӯстинро чаппа пӯшидан, ҷон коҳондан, доманро бо чормағзи пуч пур кардан, аз осмон ситора гирифтан, даст ба гиребон кардан, даҳ даст ба даҳон кардан ва ғайра.

Ибораҳои фразеологӣ дар мавридҳои гуногун дар роман корбаст шудаанд, дар нутқи персонажҳо, дар тасвири манзара ва ғайра.

Нависанда ҳолати изтироби Ҷалолро бо ибораи фразеологии «мурғи посӯхта» чунин нишон додаст: « – Дер кард, ин бои шабушкин! – овоз баровард Ҷалол, ки дар як дасташ пиёлаву дар даст дигараш чойхалтаи нима, мурғи посӯхта барин ҷонсарак аз хайма берун мешуд» [7, с.21].

Ё ибораи фразеологии «дандон ба дандон мондан»-ро барои шарҳи ҳолати пуртаҳлукаи Усмон Азиз чунин истифода кардааст: «Ҳоло фақат сабр мебояд, боз каме сабр... Бо чунин хаёлҳо худро тасаллӣ медод Усмон Азиз. Ва дандон ба дандон монда, сабр мекард» [7, с.109].

Воқеан, барои он ки нависанда асари хуб офарад, зарур аст, ки забони модариро дар сатҳи баланд донад, мутолиаи зиёд аз адабиёти ҷаҳон дошта бошад, то забони асараш шинаму зебо ва равону салис бошад. Инчунин, дар асари бадеӣ набояд калимаву таъбирҳои ноҷо ва ба таъкиди нависанда Саттор

Турсун: «ланҷ, мағшуш, носуфта ва ҳатто миёнаранг бошад. Зеро ба чунин забон як амри беҳуда аст, кашф намудани олами ботинии қаҳрамони асар, баён доштани кори ақлу фаросат, вазъи ҳавоси хамса (эҳсоси панҷгона – С.С.), умуман возеҳ ба тадқиқ гирифтани ниҳонхонаҳои дилу ҷони инсон» [12, с.109].

Ба як маънӣ, ифодаи бамавриди калимаву ибораҳои халқӣ, гуфтугӯӣ, умумиистеъмолӣ, классикӣ, шоирона ва соҳавӣ забони насри Саттор Турсунро рангину дилкаш гардонидаанд, ки асарҳои ӯ хонданбоб ва дилкашу ҷаззоб мебошанд.

Таҳқиқ ва таҳлили масъалаҳои дар боби сеюми диссертатсия матраҳгардидаро метавон чунин хулоса ва ҷамъбаст намуд:

– Саттор Турсун дар романи машҳури «Се рӯзи як баҳор», ки дар адабиёти муосири тоҷикӣ мавзуяш наву тоза аст, воқеаҳои давраи баъди Инқилоби Октябр ва муборизаву муқовимати мардони ватандӯстро дар симои босмачиён ифода кардааст, ки ин роман солҳои 1983-1984 навишта шуда, баъд аз чор сол, соли 1988 ба чоп расидааст. Дар саҳифаҳои нақди адабии муосири тоҷикӣ, баъд аз он ки ин роман дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ба чоп расид, андешаҳои гуногун баён гардида, нависандаро ба сирқат (плагиат) айбдор карданд, ки баъзе ҷойҳои сюжетро аз нависандаи қирғиз Чингиз Айтматов гирифтааст, вале донишмандони дигар баҳсро дуруст таҳлил карда, таъкид намуданд, ки асари Саттор Турсун солҳои 1983-1984 навишта шуда, китоби нависандаи қирғиз соли 1988 чоп шудааст.

– Дар романи «Се рӯзи як баҳор» нависанда ҳодисаву воқеаҳои як марҳилаи таърихии мардуми тоҷик – баъди Инқилоби Октябр ва сар шудани муқовиматгароӣ, ба истилоҳи босмачигарро ба тасвири бадеӣ гирифтааст. Мазмуну мундариҷаи роман нишон медиҳад, ки нависанда ба эҷоди асарҳои калонҳаҷм, баъди иншои ҳикояву повестҳои зиёд тадриҷан пардохтааст. Ҳамчун романи нахустин «Се рӯзи як баҳор» дар эҷодиёти Саттор Турсун мавқеи хос дорад.

– Аз нигоҳи фарогирии замон воқеаҳои роман дар се рӯзи пуршиддат ҷараён мегирад, вале дар ин се рӯз ҷой дода тавонистани як марҳилаи таърихии

як халқ бо ҳама ҷузъиёташ аз нависанда тақозо намудааст, ки бо вусъати андеша ва тааммуқпазирӣ ин қадар тафсилоти зиёдро мушаххас ва бомазмун офарад.

– Саттор Турсун ҳолати руҳии қаҳрамони марказии роман – Усмон Азизро бо эҳсосоти мухталифи ӯ, ғуруру сарбаландӣ, беилоҷию оҷизӣ, раҳму инсоф, бераҳмию хунхорӣ, муҳаббати бепоён ба ватан ва кинхоҳӣ дар се рӯзи охири умраш барҷаста тасвир намудааст.

– Навоварию ҳақиқатнигории нависанда маҳз дар симои Усмон Азиз ҳамчун симои андешаманд, ҳақиқатҷӯ, ҳақиқатгӯ ва дилсӯзи ватанаш аст, ҳамеша ба ҳодисаю воқеаҳо ҳаққонӣ назар меафканад, ба камбудию нуқсонҳои ин ва ё он дарди ҷомеа эътибори махсус медиҳад.

– Аз паҳлуҳои ҷолиби роман, ба андешаи мо, ин масъалаи муносибати инсон бо табиат аст, ки дар насри тоҷик дар ҳақиқат, муваффақияти шоистаи нависанда Саттор Турсун ба ҳисоб меравад. Ин нукта дар образи Ғазаб ва модагург хуб ба тасвир омадааст. Инсон ҷузъи табиат аст ва ҳамзамон гург низ. Дар роман аз ҳамин ҳисоб пайванди диалектикии ҷузъҳои табиат, ки яке бе дигаре вуҷуд дошта наметавонад, дар тасвири аҷиби нависанда ифода ёфтаанд.

– Дар романи «Се рӯзи як баҳор» образҳои бисёр амал мекунанд, вале тафсилоти воқеаҳо асосан, дар атрофи номҳои Усмон Азиз, Анвар, Таманно, Юнус, Ғазаб ва модагург баён шудаанд. Мавзуи роман ба масъалаҳои адабии ҳаёт бахшида шудааст, ки инсоният ҳамеша дар ҷустуҷӯи ҳалли онҳост. Саттор Турсун дар роман масъалаи воқеияти зиндагиро дар симои образҳои асар (шахсиятҳои достонӣ) дар ҳамон марҳила ба таври шоиста тасвир кардааст.

– Нависанда дар роман ҳолатҳои руҳиву равонӣ, низоъҳову задухӯрдҳои пуртаззоду пуршиддати образҳоро бо маҳорати баланд ба тасвири хуби бадеӣ гирифтааст.

– Саттор Турсун дар асарҳояш аз хазинаи пурғановати забони форсии тоҷикӣ огоҳона ва бамаврид истифода карда, забони нигориш ва ҳусни баёни осорашро рангин гардонидааст.

– Забони насри Саттор Турсун равону шево ва пур аз боигариҳои луғавии забони тоҷикӣ буда, дар пироҳани шинами бадеӣ бо фарогирии унсурҳои гуфтугӯии роиҷи тоҷикӣ офарида шудаанд.

## Хулоса

Таҳқиқи мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» моро ба хулоса овард, ки дар ҳақиқат, Саттор Турсун яке аз нависандаҳои хушзавқу пуркор ва тасвиргари воқеъбин аст, ки асарҳои ӯ аз ҳар ҷиҳат қобили таҳқиқ ва баррасии ҷиддии адабиётшиносӣ мебошад. Аз аввалин асари ӯ, ҳикояи «Дар роҳ» (1967) ва маҷмуаи «Дили гарм» (1971) то охирин таълифоташ аҳли таҳқиқ ва нақди адабии тоҷикӣ дар мисоли Соҳиб Табаров, Холиқ Мирзозода, Раҷаб Амонов, Муҳаммадҷон Шукуров, Атохон Сайфуллоев, Ҷӯрахон Бақозода, Худойназар Асозода, Маъруф Раҷабӣ, Абдухолиқ Набиев, Худоӣ Шарифов, Абдувалӣ Давронов, Абдуҷаббор Раҳмонов, Шамсиддин Солеҳов, Қарор Нурқаев ва дигарон оид ба паҳлуҳои мухталифи осори ӯ андешаронӣ намуда, бартарӣ, монандӣ ва камию костиҳои асарҳои ӯро воқеъбинона баён намудаанд.

Аз таҳқиқи мавзуъ мо дар диссертатсия ба натиҷаҳои зерин расидем:

1. Саттор Турсун бемуҳобо, аз пуркортарин нависандагони муосири тоҷик буд, ки бо асарҳои мондагори худ дар адабиёти муосири тоҷикӣ мавқеи хос дорад [1-М; 5-М].

2. Саттор Турсун ба майдони адабиёт бо як азму иродаи қавӣ ва назари наву тоза ворид шуда, аз ҳикоянависӣ тадриҷан, ба эҷоди повесту роман гузаштааст, ки истеъдоду маҳорати нависандагии ӯ марҳила ба марҳила рушду инкишоф ёфтааст ва дар осори худ навҷӯиву навгӯиҳои зиёд дорад [4-М].

3. Нависанда ба насли дувуми нависандагони муосири тоҷик мансуб аст, ки бо ба майдони адабиёт ворид шудани вайдар насри муосир умумигӯӣ ба вуқуъгӯӣ табдил ёфта, тасвири воқеияти ҳаёти инсон ҷараёни тоза пайдо кард. [1-М; 5-М].

4. Нисбат ба дигар нависандагони тоҷик насри Саттор Турсун бештар ба забони русӣ ва дигар забонҳои олам нашр шудааст ва худи ӯ низ осори зиёди адибони дигар халқҳоро ба тоҷикӣ тарҷума кардааст [1-М].

5. Саттор Турсун нависандаест, ки дар баробари заҳмати эҷоди асарҳо ба осори дигарон баҳои адабиётшиносӣ дода метавонад, ки ба ин андеша нигошта ва мусоҳибаҳояш гувоҳӣ медиҳанд [1-М].

6. Саттор Турсун дар ҳикояву повестҳо ва романи худ бештар ба масъалаҳои воқеияти зиндагӣ ва тасвири ҳолати ботинии инсонҳо даст зада, осори дилнишине офаридааст [2-М; 3-М; 4-М].

7. Нависанда дар адабиёти муосири тоҷик бори аввал дар романи «Се рӯзи як баҳор» симои Усмон Азиз – образи серпаҳлуи гуногунрафтори гуногунхислати душмани сохти собиқ Иттиҳоди Шуравиро офаридааст, ки аз ҳар ҷиҳат аз воқеъбинӣ ва диди тозаи Саттор Турсун дар ин мавзуъ дарак медиҳад ва воқеан, аз дастоварди тоза дар насри муосири тоҷикӣ аст ва образи Усмон Азиз образи нав дар адабиёти муосири тоҷикӣ маҳсуб мешавад [4-М].

8. Дар насри Саттор Турсун дар баробари тасвири нутқи персонажҳо, монологи ботинии онҳо низ пурқувват тасвир шудааст, ки ин монологи ботинии онҳо сюжети асарҳоро хеле рангин гардонидааст ва ин тарзи тасвир дар нақди адабии муосир бо номи «насри андешаҳо» ва «асарҳои монологӣ» номбар мешаванд, ки ин аз дастовардҳои тозаи нависанда мебошад [2-М; 3-М; 4-М].

9. Саҳми Саттор Турсун дар таҳкияи насри муосир, хусусияти зеҳнӣ гирифтани диди бадеӣ хеле назаррас аст. Аҳаммияти ин шеваи нигориш дар он зоҳир мешавад, ки таҳкия ва нақл ва образи қаҳрамонҳо аз маҳдудияти ғоявӣ халос шуда, байни нависанда ва қаҳрамони асари ӯ баробарӣ ба вуҷуд омад ва ҳунари нависанда бештар дар офаридани симои зоҳирӣ ва ботинии қаҳрамонҳо ва персонажҳо аён гардид [3-М; 4-М].

10. Дар насри Саттор Турсун усулҳои бозгӯии таърих, руҷуъ ба гузашта, дарки тоза ва баррасии хотираҳо, ба хотири бунёди оянда зистан, бо ёду андешаҳои худ ва гирифтани панди рӯзгорон аҳаммияти зиёд дорад, чунки таърихро дарахти хотира меноманд ва ин паҳлуи хуби масъулиятшиносии нависанда бароиояндагон хеле муҳим аст [3-М; 4-М].

11. Дар насри Саттор Турсун тасвири замонӣ ва маконӣ мавқеи хос дорад. Тасвири манзараҳои ҳодисаву воқеаҳо баъзан, он қадар тезу тунд мегузаранд, ки хонандаро ба ҳайрат меоваранд (повести «Санг дар бағал ба тӯфон», романи «Се рӯзи як баҳор»), ки дар ду рӯзу се рӯз воқеъ шудаанд ва ҷамъбасти бадеӣ гардидаанд. Номи маҳаллу мавзеъҳо дар насри Саттор Турсун аслан, аз номи зодгоҳи худи нависанда аст, ба мисли Вандоб, дарёи Кофрун, тали Наҷот, кӯҳи Уштургардан, Шӯрча, Деҳнав, Нилу, дашти Ҷаҳоннамо, тали Тобазор, кӯҳи Чилчароғ ва ғайра [2-М; 3-М; 4-М].

12. Ҳодисаҳои табиат, пайванди инсон ва табиат, тасвири манзара дар насри Саттор Турсун мавқеи муҳим дорад ва дар адабиёти муосири тоҷикӣ кам касон пайдо мешаванд, ки бо ин фаровонӣ ба манзараи табиат – кӯҳу дарё, водиву талу теппа, боридани барфу борони сел ҳусни таваҷҷуҳ дошта бошанд. Дар насри Саттор Турсун манзара, табиат дар радифи воқеа, амал ва андешаи инсон баробар аҳаммият пайдо карда, барои фарогирии мукаммали воқеият ва ҳастӣ мусоидат мекунад. Яъне, табиат макони амали қаҳрамонҳо, ифодагари вазъи равонӣ ва ҳолати онҳо, инчунин як ҷузъи биниши бадеии нависандаро ташкил намудааст. Дар романи «Се рӯзи як баҳор» ва повести «Санг дар бағал ба тӯфон» мавзуи табиат, ки яке аз мавзуъҳои меҳварии адабиёт аст, батафсил ва маҳорати баланди нависанда тасвир гардида, дар қатори персонажҳои асарҳо гургҳо ҳамчун ҷузъи табиат, ки ба одамҳо унс гирифтаанд, ба сифати персонаж амал мекунанд, ки дар мавқеи худ ҳунармандона ва ҷолиб нигошта шуда, дар адабиёти муосири тоҷикӣ барҷаста тасвир шудаанд ва нигоҳу назари тоза ба пайванди инсон ва табиат мебошад [4-М; 6-М; 7-М].

13. Забони насри Саттор Турсун равону фасеҳ буда, дар навиштаҳои нависанда калимаву ибораҳои халқӣ, гуфтугӯӣ, умумиистеъмолӣ, классикӣ ва мақолу зарбулмасалҳо фаровон истифода шуда, ҳусни баёни асарҳоро зебову дилнишин гардонидаанд ва аз донандаи хуби забони пурғановати форсии тоҷикӣ будани нависанда гувоҳӣ медиҳанд. Инчунин, нависанда дар асарҳояш аз санъатҳои бадеӣ ва муколамаҳову монологҳои образҳо фаровон истифода намудааст, ки воқеан, асарҳоро хонданбоб намудаанд [6-М].

## Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Нависандаи халқии Тоҷикистон, Саттор Турсун аз шумори қаламкашони соҳибистеъдоди адабиёти муосири тоҷикӣ ба ҳисоб меравад, ки бо дастовардҳои бадеиву ҳунарии худ дар майдони адабиёт ҷойгоҳи сазовор дорад. Ба насри Саттор Турсун нақди адабии тоҷикӣ баҳои арзанда додааст ва маҳорати шоистаи нависандагияшро қадрдонӣ намудааст. Диссертатсияи мо «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» таҳқиқоти тоза дар адабиётшиносии муосири тоҷикӣ аст, ки бо муҳтаво, дастовардҳо, таҳлилҳо ва натиҷагириҳояш холигоҳҳои масъалаҳои таҳқиқоти эҷодиёти нависандаро ғанӣ мегардонад.

Масъалаҳои марказие, ки дар диссертатсия пажуҳиш ва баррасӣ гардидаанд, барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқи ба даст омада ҳамчун тавсияҳо пешниҳод мегарданд:

1. Маводду мадраки таҳқиқии дар диссертатсия фароҳам омада, бо бартариҳои худ барои муҳаққиқониояндаи бахши филология, аз ҷумла таърихи адабиёт, нақди адабӣ, сарчашмашиносӣ ва сабкшиносии насри муосири тоҷикӣ дорои манфити муҳим хоҳад буд.

2. Масъалаҳои муҳимме, ки дар диссертатсия пажуҳиш ва баррасӣ гардидаанд, барои муҳаққиқон ва хонандагони эҷодиёти Саттор Турсун аҳаммияти вижа дошта, барои дар оянда шинохтани рӯзгору осори нависанда, мушоҳида намудани равандҳои фаъолият ва дарёфти ҳунари суханофаринии ӯ ва махсусиятҳои сохторӣ, бадеӣ ва забонии насри нависанда мусоидат мекунад.

3. Дастовардҳо ва натиҷаҳои диссертатсия дар оянда метавонад, на танҳо барои таҳқиқи рӯзгору осор ва вежагиҳои ҳунарии Саттор Турсун истифода шавад, инчунин дар баррасии омӯзиши масъалаҳои мазкур дар эҷодиёти дигар нависандагони муосир ва ба таври муқоиса омӯхтани эҷодиёти нависандагони ҳавзаи адабиёти муосири форсии тоҷикӣ ва дар маҷмуъ, дар адабиётшиносии муосири тоҷикӣ мавриди истифода ва омӯзиш қарор гирад.

4. Нуктаҳои муҳимми дар диссертатсия фароҳам омада, дар қисмати амалии адабиётшиносӣ, хусусан дар омӯзишу шинохти масъалаҳои насри муосир, сабкҳои роиҷи насри муосир, шеваҳои тасвир ва инкишофи тамоюлҳои асосии насри муосири тоҷикӣ, забони осори нависандагон, унсурҳои эҷоди бадеӣ ва густаришу навовариҳои адабиёти муосир ёрӣ мерасонад.

5. Диссертатсия бо маводди пажуҳишии фаровон, усулҳову методҳои таҳқиқоти илмӣ ва банду баст барои унвонҷӯён, магистрантҳо ва дар маҷмуъ, довталабони дараҷаҳои илмӣ дар таҳқиқу таҳияи рисолаҳояшон ёрии амалӣ мерасонад.

6. Инчунин, аз маводи диссертатсия метавон ҳангоми тадриси фанҳои таълимии бахшҳои филологӣ, курс ва семинарҳои махсус, таҳия ва мураттаб сохтани барномаҳои корию дарсӣ, навиштани корҳои илмии дараҷаҳои гуногун истифода кард.

7. Насри Саттор Турсун аз ҷумлаи дастовардҳои муҳимми адабиёти муосири тоҷикии нимаи дувуми асри XX ва давраи Истиқлол ба ҳисоб меравад ва дар ҳоли ҳозир, ки озмунҳои мухталифи омӯзишӣ баргузор мегардад, осори нависанда камёб буда, зарур аст, ки нашри тозаи осори ӯ ба чоп расонида шавад.

## Рӯйхати адабиёт

### I. Сарчашмаҳо:


1. Турсун, С. Дили гарм / [Матн] /Саттор Турсун. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 156 с.

2. Турсун, С. Сукути қуллаҳо / [Матн] / Саттор Турсун. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 205 с.

3. Турсун, С. Аз субҳ то шом / [Матн] / Саттор Турсун. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 191 с.

4. Турсун, С. Камони Рустам / [Матн] / Саттор Турсун. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 173 с.

5. Турсун, С. Мегӯянд, ки модарам... / [Матн] / Саттор Турсун. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 366 с.

6. Турсун, С. Дувоздаҳ ҳикоя / [Матн] / Саттор Турсун. – Душанбе: Маориф, 1986. – 191 с.

7. Турсун, С. Се рӯзи як баҳор / [Матн] / Саттор Турсун. – Душанбе: Адиб, 1988. - 463 саҳ.

8. Турсун, С. Дарахти ҳазорсола / [Матн] / Саттор Турсун. – Душанбе: Адиб, 1991. – 253 с.

9. Турсун, С. Санг дар бағал ба тӯфон / [Матн] / Саттор Турсун. – Душанбе: Адиб, 2002. – 286 с.

10. Турсун, С. Зимистони умр / [Матн] / Саттор Турсун. – Душанбе: Адиб, 2006. – 621 с.

11. Турсун, С. Мунтахаби осор / [Матн] / Саттор Турсун. – Душанбе: Адиб, 2013. – 560 с.

12. Турсун, С. Фонуси хаёл. Сатрҳои гаҳу ногаҳ / [Матн] / Саттор Турсун. – Хуҷанд: Ношир, 2023. – 160 с.

13. Турсун, С. Лук Рустама. Повести и рассказы, перевод с таджикского/ [Текст] / Саттор Турсун. – Москва: Молодая гвардия, 1979. – 194 с.

14. Турсун, С. И снег сойдет. Повести и рассказы, перевод с таджикского / [Текст] / Саттор Турсун. – Москва: Советский писатель, 1982. – 416 с.

15. Турсун, С. Жизнь у красных холмов. Роман, повести, рассказы, перевод с таджикского (фарси) / [Текст] / Саттор Турсун. – Москва: Советский писатель, 1990. – 360 с.

16. Турсун, С. Три дня одной весны. Роман. Повести. Рассказы, перевод с таджикского (фарси) / [Текст] / Саттор Турсун. – Москва: Известия, 1990. – 544 с.

## II. Осори илмию таҳқиқотӣ:

### а) ба забони тоҷикӣ

17. Абдулло, С. Нури сухан / [Матн] /Сафар Абдулло. – Олмотӣ: Дайк-Пресс, 2005. – 236 с.

18. Алимардонов, А. Таърихчаи насри форсу тоҷик //Дурдонаҳои наср / [Матн] / Амрияздон Алимардонов. Ҷ.1. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 328 с.

19. Асоев, Х. Воқеияти зиндагӣ ва ҷамъбасти бадеӣ / [Матн] / Худойназар Асоев. – Душанбе: Дониш, 1981. – 236 с.

20. Асозода, Х. Адабиёти садаи ХХ-и форсии тоҷикӣ / [Матн] / Худойназар Асозода. – Душанбе: Адиб,1996. – 324 с.

21. Асозода Х. Адабиёти тоҷик дар садаи ХХ / [Матн] / Худойназар Асозода. – Душанбе: Маориф, 1999. – 447 с.

22. Асозода, Х. Адабиёти форсӣ ва се шохаи он / [Матн] / Худойназар Асозода. – Душанбе: Маориф, 1991. – 200 с.

23. Асозода, Х. Адабиёти Эрон дар садаи ХХ / [Матн] / Худойназар Асозода. – Душанбе: Пайванд, 2002. – 248 с.

24. Бақозода, Ҷ. Ҷустуҷӯҳои эҷодӣ дар насри тоҷик / [Матн] / Ҷӯрахон Бақозода. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 230 с.

25. Бақозода, Ҷ. Нависанда ва идеали замон / [Матн] / Ҷӯрахон Бақозода. –Душанбе: Ирфон, 1987. – 274 с.

26. Бобоев, Ю. Назарияи адабиёт (Муқаддимаи адабиётшиносӣ) / [Матн] / Юрий Бобоев. – Душанбе: Маориф, 1992. – 346 с.

27. Брагинский, И.С. Ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ / [Матн] /Иосиф Самуилович Брагинский. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 224 с.

28. Ғаффоров, Р. Нависанда ва забон / [Матн] / Раззоқ Ғаффоров. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 260 с.

29. Давронов, А. Накди адабӣ ва равандҳои адабиёт / [Матн] /Абдувалӣ Давронов. – Душанбе: Шаҳпар, 2012. – 321 с.

30. Демидчик, Л.Н. Баъзе масъалахои ташаккули насри реалистии тоҷик дар солҳои сиюм (Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик) / [Матн] /Лариса Николаевна Демидчик. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 234 с.

31. Забеҳуллоҳ, С. Ганҷи сухан / [Матн] / Сафо Забеҳуллоҳ. Ҷилди 1. – Теҳрон: Амири Кабир, 1370 ҳ.ш. – 348 с.

32. Забеҳуллоҳ, С. Насри форсӣ аз оғоз то аҳди Низомулмулки Тӯсӣ / [Матн] / Сафо Забеҳуллоҳ. – Теҳрон, 1347 ҳ.х. – 424 с.

33. Қубодиёнӣ, Раҳим Мусулмониён. Назарияи адабиёт / [Матн] / Раҳим Мусулмониён, Қубодиёнӣ. – Душанбе: ҶДММ: «Торус», 2025. – 540 с.

34. Маликушшуаро, Б. Сабкшиносӣ ё таърихи татавури насри форсӣ. Ҷилдҳои 1,2,3, чопи дувум / [Матн] / Баҳор Маликушшуаро. – Теҳрон, 1338 ҳ.х. – 429 с.

35. Маниёзов, А. Мулоҳизаҳо доир ба ташаккули насри С.Айнӣ //Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷилди 2 / [Матн] / Абдуқодир Маниёзов. – Душанбе: Дониш, 1963. – 280 с.

36. Маҳкамова, Ш. Насри солҳои 60-80 / [Матн] / Шоира Маҳкамова. – Душанбе: Дониш, 2004. – 184 с.

37. Маҳмадаминов, А. Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ / [Матн] / Абдулҳай Маҳмадаминов. – Душанбе: Сино, 1998. – 248 с.

38. Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик / [Матн] /. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 230 с.

39. Мирзозода, Х. Афкори рангин / [Матн] / Холиқ Мирзозода. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 239 с.

40. Мирзозода, Х., Сайфуллоев А., Абдуманнонов А. Таърихи адабиёти советии тоҷик: назму насри солҳои 20. Ҷилди 2 / [Матн] / Холиқ Мирзозода, Атохон Сайфуллоев, Абдураҳмон Абдуманнонов. – Душанбе: Дониш, 1984. – 284 с.

41. Мирсодиқӣ, Ҷ., Мирсодиқӣ, М. Вожаномаи ҳунари достоннависӣ / [Матн] / Ҷамоли Мирсодиқӣ, Майманат Мирсодиқӣ. – Теҳрон: Интишороти илм ва фарҳанг, 1383 ҳ.ш. – 321 с.

42. Мулло, А. Чеҳранигории ҳунарӣ дар насри таърихӣ / [Матн] / Абдусамад Мулло. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 224 с.

43. Муллоаҳмадов, М. Инсон. Адабиёт. Фарҳанг / [Матн] / Мирзо Муллоаҳмадов. – Душанбе: Адиб, 1998. – 129 с.

44. Муллоаҳмадов, М. Суннатҳои пойдори даврони пурбори адабиёт / [Матн] / Мирзо Муллоаҳмадов. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 320 с.

45. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт / [Матн] / Раҳим Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 268 с.

46. Мусулмонқулов, Р. Саҷъ ва сайри таърихии он дар насри тоҷик / [Матн] / Раҳим Мусулмонқулов. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 190 с.

47. Набавӣ, А. Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср / [Матн] / Абдухолиқ Набавӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – 234 с.

48. Набавӣ, А. Ҷанги Ватанӣ ва афкори адабии тоҷик / [Матн] / Абдухолиқ Набавӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010. – 164 с.

49. Набиев, А. Адабиёт ва нақди адабӣ / [Матн] / Абдухолиқ Набиев. – Душанбе: Адиб, 1993. – 232 с.

50. Набиев, А. Тасвири олами ботинии инсон, нависанда ва замон / [Матн] / Абдухолиқ Набиев. – Душанбе: Адиб, 1987. – 160 с.

51. Набиев, А. Эҷоди бадеӣ, инсон ва замон / [Матн] / Абдухолиқ Набиев. –Душанбе: Ирфон, 1983. – 174 с.

52. Нависандагони Тоҷикистон. Нашри 4-ум. Мураттибон А.Маниёзов ва М.Левин / [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 210 с.

53. Насриддинов, А. Шарҳнависӣ дар таърихи адабиёти форс-тоҷик / [Матн] / Абдулманнони Насриддин. Қисми 1. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2000. – 320 с.

54. Нурқаев, Қ. Саттор Турсун ва таҳаввули насри психологии тоҷик. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ / [Матн] / Қарор Нурқаев. – Душанбе, 2019. – 176 с.

55. Раҷабӣ, М. Тадқиқи таърих – тадқиқи характер / [Матн] / Маъруф Раҷабӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – 218 с.

56. Размҷӯ, Ҳ. Анвои адабӣ ва осори он дар забони форсӣ / [Матн] / Ҳусайн Размҷӯ. – Машҳад: Интишороти Қудси Разавӣ, 1372 ҳ.ш. – 321 с.

57. Раҳмонов, А. Маърифати замон / [Матн] / Абдуҷаббор Раҳмонов. – Душанбе: Адиб, 1995. – 110 с.

58. Раҳмонов, Ш. Таҳқиқ ва накд / [Матн] / Шоҳзамон Раҳмонов. – Душанбе: Адиб, 2005. – 282 с.

59. Раҳмонов, Ш. Ақидаҳои адабӣ ва назарӣ – эстетикии устод Садриддин Айнӣ / [Матн] / Шоҳзамон Раҳмонов. – Душанбе, 2008. – 290 с.

60. Сайфуллоев, А. Мактаби Айнӣ / [Матн] / Атохон Сайфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 318 с.

61. Сайфуллоев, А. Образҳои қаҳрамонони мубориз дар романҳои устод Садриддин Айнӣ / [Матн] / Атохон Сайфуллоев. – Сталинобод, 1960. – 168 с.

62. Сайфуллоев, А. Уфуқҳои тозаи наср / [Матн] / Атохон Сайфуллоев. – Душанбе: Адиб, 2006. – 765 с.

63. Сайфуллоев, А. Ҷону ҷаҳони наср / [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 492 с.

64. Салимов, Н. Ёдгори умр. Ҷилди 1 / [Матн] / Носирҷон Салимов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 342 с.

65. Салимов, Н. Марҳилаҳои услубӣ ва таҳаввули анвои наср дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои 1Х-Х111) / [Матн] / Носирҷон Салимов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2002. – 423 с.

66. Салимов, Н. Маърифати бадеии таърих / [Матн] / Носирҷон Салимов. –Хуҷанд: Нури маърифат, 1997. – 325 с.

67. Салимов, Ю. Насри ривоятӣ / [Матн] / Юсуф Салимов. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 168 с.

68. Самадов, А. Умре гирифтори сухан. Пешгуфтор ба китоби Саттор Турсун. Зимистони умр / [Матн] / Абдулҳамид Самадов. – Душанбе: Адиб, 2006. – 624 с.

69. Сатторов, А. Нуқтаи пайванд / [Матн] / Абдунабӣ Сатторов. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 238 с.

70. Саъдуллоев, А. Агар сухан коргар шавад / [Матн] / Асадулло Саъдуллоев. – Душанбе: Адиб, 1992. – 164 с.

71. Солеҳов, Ш. Адабиёт ва шинохти он / [Матн] / Шамсиддин Солеҳов. –Душанбе: Ирфон, 2009. – 238 с.

72. Солеҳов, Ш. Поэтикаи жанри ҳикояи солҳои 70-80 қарни ХХ (масъалаҳои замон ва макони бадеӣ) / [Матн] / Шамсиддин Солеҳов. – Душанбе: Дониш, 2006. – 170 с.

73. Солеҳов, Ш. Роман дар адабиёти тоҷикии қарни ХХ (масъалаи ташаккули жанр) / [Матн] / Шамсиддин Солеҳов. – Душанбе: Дониш, 2011. – 335 с.

74. Табаров, С. Ҳаёт, адабиёт, реализм / [Матн] / Соҳиб Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 432 с.

75. Табаров, С. Романи «Ғуломон»-и Айнӣ ҳамчун романи таърихӣ / [Матн] / Соҳиб Табаров. – Душанбе: Адиб, 2005. – 238 с.

76. Хатибӣ, Ҳ. Фанни наср дар адаби порсӣ / [Матн] / Ҳусайн Хатибӣ. – Теҳрон: Интишори заввор, 1375 ҳ.х. – 426 с.

77. Хоҷаева, М. Тадқиқи услуби осори адабӣ / [Матн] / Матлуба Хоҷаева. –Хуҷанд, 1994. – 346 с.

78. Худойдодов, Б. Романи Ҷалол Икромӣ «Духтари оташ» / [Матн] / Бобо Худойдодов. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 196 с.

79. Ҳакимов, А. Дар қаламрави сухан / [Матн] / Аскар Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 256 с.

80. Шакурӣ, М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи XX / [Матн] / Муҳаммадҷон Шакурӣ. – Душанбе: Пайванд, 2006. – 548 с.

81. Шарифов, Х. Каломи бадеъ / [Матн] / Худоӣ Шарифов. – Душанбе: Маориф, 1991. – 312 с.

82. Шарифов, Х. Назарияи наср / [Матн] / Худоӣ Шарифов. – Душанбе: Пайванд, 2004. – 348 с.

83. Шарифов, Х. Услуб ва камолоти сухан / [Матн] / Худоӣ Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 238 с.

84. Шарифов, Х. Сухан аз адабиёти миллӣ (маҷмуаи мақолаҳо) / [Матн] / Худоӣ Шарифов. – Душанбе: Пайванд, 2009. – 321 с.

85. Шукуров, М. Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ / [Матн] / Муҳаммадҷон Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 452 с.

86. Шукуров, М. Пайванди замонҳо ва халқҳо / [Матн] / Муҳаммадҷон Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 346 с.

87. Шукуров, М. Паҳлӯҳои тадқиқи бадеӣ / [Матн] / Муҳаммадҷон Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 312 с.

88. Шукуров, М. Таърихи адабиёти советии тоҷик: насри солҳои 1945 - 1974. Ҷилди 4 / [Матн] / Муҳаммадҷон Шукуров. – Душанбе: Дониш, 1980. – 456 с.

**б) ба забони русӣ**

89. Виноградов, В.В. О языке художественной прозе / [Текст] / ВВ.Виноградов. – Москва, 1980. – 231 с.

90. Виноградов, В.В. О теории художественной прозе речи / [Текст] / ВВ.Виноградов. – Москва: 1971. – 342 с.

91. Жирмунский, В.М. Теория литературы. Поэтика, стилистика / [Текст] / В.М.Жирмунский. – Ленинград: Наука, 1977. – 346 с.

92. Коллектив. Проблемы теории литературы / [Текст] / Коллектив. – Москва: Издательство Академии Наук СССР, 1958. – 458 с.

93. Магдиев, С. Истоки и развитие малых жанров прозы персидско-таджикской литературы X-X1V вв / [Текст] / Сади Магдиев. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 226 с.

94. Оскоцкий, В.Д. и Школовский, Б. А. Взгляд: Критика, полемика, публикация. Выпуск 3 / [Текст] / В.Д.Оскоцкий, Б.А.Школовский. – Москва: Советский писатеь, 1991. – 422 с.

95. Османова, З.Г. Художественная конценция личности в литературах Советского Востока / [Текст] / Зоя Григорьевна Османова. – Москва: Наука, 1972. – 328 с.

96. Поляков, М. В мире идей и образов. Историческая поэтика и теория жанров / [Текст] / М.Поляков. – Москва: Советский писатель, 1983. – 267 с.

97. Чиллаев, К. Народный роман «Абу Муслим - наме». Опыт историко-филологический характеристики рукописьного памятника / [Текст] / Камчин Чиллаев. – Душанбе: Дониш, 1985. – 268 с.

98. Эсалнек, А.Я. Типология романа: теоретические и историко-литературные аспекты / [Текст] / А.Я.Эсалнек. – Москва: МГУ, 1991. – 342 с.

**III. Фарҳангу қомус ва луғатҳо:**

99. Атахонов, Т. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ / [Матн] / Темур Атахонов. – Душанбе: Шарқи озод, 2002. – 454 с.

100. Маҳмудов, М, Ҷӯраев, Ғ. Луғати шеваҳои забони тоҷикӣ. Ҷилди 1 / [Матн] / Мансур Маҳмудов, Ғаффор Ҷӯраев . – Душанбе: Дониш, 1997. – 289 с.

101. Мирзозода, Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ / [Матн] / Холиқ Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1992. – 238 с.

102. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1 / [Матн]. – Москва: Советская энциклопедия, 1969. – 952 с.

103. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2 / [Матн]. – Москва: Советская энциклопедия, 1969. – 964 с.

104. Фарҳанги ибораҳои рехта. Тартибдиҳанда М. Фозилов. Ҷилди 1 / [Матн] / Муллоҷон Фозилов. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – 952 с.

105. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2 / [Матн]. – Душанбе, 2008. – 943 с.

106. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷилди 1 / [Матн]. – Душанбе: Сарредаксияи илмии «Энсиклопедияи советии тоҷик», 1988. – 544 с.

107. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷилди 2 / [Матн]. – Душанбе: Сарредаксияи илмии «Энсиклопедияи советии тоҷик», 1989. – 658 с.

108. Фарҳанги Доро / [Матн] / Доро Наҷот. – Душанбе: Пажуҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии исломии Эрон дар Тоҷикистон, 2012. – 606 с.

## IV. Маҷаллаҳо:

### а) ба забони тоҷикӣ

109. Амонов, Р. Ҳақиқати бадеӣ ва ҳақиқати зиндагӣ / [Матн] //Садои Шарқ / / Раҷаб Амонов, 1973. – №7. – С.42-45.

110. Бақозода, Ҷ. Ҳақиқати зиндагӣ ва вазъи наср / [Матн] //Садои Шарқ / /Ҷӯрахон Бақозода, 1982. – №1. – С.24-26.

111. Боршаговский, И.С. Қаҳрамони замон ва инкишофи наср / [Матн] // Садои Шарқ / / И.С.Боршаговский, 1984. – №6 . – С.32-33.

112. Брагинский, И.С. Қаҳрамони замон ва инкишофи наср / [Матн] // Садои Шарқ / Иосиф Самуилович Брагинский, 1984. – №6. – С.34-37.

113. Евдокимов, И.С. Қаҳрамони замон ва инкишофи наср / [Матн] // Садои Шарқ / И.С.Евдокимов, 1987. – №8. – С.26-27.

114. Икромӣ, Ҷ. Насри сазовори замон / [Матн] //Садои Шарқ / Ҷалол Икромӣ, 1966. – №5. – С.14-17.

115. Қаноат М. Аз «Дили гарм» то «Зимистони умр» (манбаъ аз интернет) / [Матн] / Муъмин Қаноат, 17.11.2006.

116. Набиев, А. Арзиши одамият / [Матн] //Садои Шарқ / Абдухолиқ Набиев, 1981. – №8. – С.31-34.

117. Раҷабов, М. Бурду бохти насри таҳлилӣ / [Матн] //Садои Шарқ / Маъруф Раҷабӣ, 1985. – №10. – С.21-26.

118. Салимов, Н. Сароби хунин / [Матн] //Садои Шарқ / Носирҷон Салимов, 1989. – №6. – С.32-34.

119. Саъдизода, С. Жанри повест ва ахлоқи ҳамзамонон / [Матн] //Садои Шарқ / Саид Саъдизода, 1979. – №1. – С. 19-21.

120. Солеҳов, Ш. Яке аз омилҳои зуҳури насри реалистии тоҷик / [Матн] /Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Шамсиддин Солеҳов, 2009. – №4 (52). – С. 32-35.

121. Турсун, С. Сухан аз мағзи ҷон ояд. Маъруза дар Пленуми Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон / [Матн] / Саттор Турсун, 18 апрели 1990.

122. Турсунзода, М. Барои маҳорати баланди нависандагӣ / [Матн] // Шарқи Сурх /Мирзо Турсунзода, 1951. – №5. – С.12-15.

123. Турсунзода, М. Ҳаёт ва адабиёт / [Матн] // Шарқи Сурх /Мирзо Турсунзода, 1959. – №3. – С.11-14.

124. Турсунов, А. Насри муосир. Сухан аз таҳаввули қаҳрамони адабӣ / [Матн] //Садои Шарқ /Акбар Турсун, 1982. – №2. – С.23-26.

125. Шарифов, Х. Марҳилаҳои адабӣ ва методи эҷодӣ / [Матн] //Садои Шарқ /Худоӣ Шарифов, 1979. – №5. – С.21-24.

126. Шарифов, Х. Марзи адабиёт / [Матн] //Садои Шарқ / Худоӣ Шарифов, 1990. – №7. – С.16-19.

127. Шукуров, М. Андешапарварӣ-фаъолиятмандии иҷтимоӣ //Садои Шарқ / [Матн] / Муҳаммадҷон Шукуров, 1984. – №7. – С.21-25.

128. Шукуров, М. Масъалаҳои насри муосир / [Матн] //Садои Шарқ / Муҳаммадҷон Шукуров, 1988. – №2. – С.32-36.

129. Шукуров, М. Пояҳои камолот / [Матн] //Садои Шарқ / Муҳаммадҷон Шукуров, 1989. – №10. – С.21-24.

130. Шукуров, М. Ҳофизаи таърихӣ ва таърихият / [Матн] //Садои Шарқ / Муҳаммадҷон Шукуров, 1979. – №3. – С.16-19.

**б) ба забони русӣ**

131. Кузнецов, Ф. Путь к зрелости (Повести и рассказы молодых писателей) / [Текст] //Роман-газета / Ф.Кузнецов, 1978. – № 24. – С.63-67.

132. Мухаммадиев, Ф. Об авторе – С.Турсун. Лук Рустама / [Текст] /Фазлиддин Мухаммадиев. – Москва: Молодая гвардия, 1979. – С.65-67.

133. Неверов, А. Всматривалась в судьбе отцов / [Текст] //Литературная газета / А.Неверов, 1983. – №15. – С.7-9.

134. Томашевский, Ю. Сквозь голубие горы / [Текст] //Литературное обозрение / Ю.Томашевский, 1980. – №12. – С.5-7.

135. Турсун, С. Всемогущий Главлит (манбаъ аз интернет) / [Текст] / Саттор Турсун, 2004.

136. Турсун, С. На каждой строчке дольжна быть душа (манбаъ аз интернет) / [Текст] / Саттор Турсун, 2006.

137. Турсун, С. От бесконечного повторения даже правда становится ложью (манбаъ аз интернет) / [Текст] / Саттор Турсун, 24. 04. 2008.

**V. Рӯзномаҳо:**

**а) ба забони тоҷикӣ**

138. Амонов, Р. Фазилати наср / [Матн] //Адабиёт ва санъат / Раҷаб Амонов, 3.10.1985.

139. Асозода, Х. Масъалаи ду характер дар ду повест / [Матн] //Маориф ва маданият / Худойназар Асозода, 06.08.1977.

140. Мирзозода, Х. Романро проблема мебояд / [Матн] // Адабиёт ва санъат / Холиқ Мирзозода, 6. 04. 1989.

141. Набиев, А. Роҳи камолот / [Матн] //Адабиёт ва санъат / Абдухолиқ Набиев, 08.01.1985.

142. Ҳаниф, Ш. Пайванди дилҳо / [Матн] //Комсомоли Тоҷикистон / Шодон Ҳаниф, 22.09. 1985.

143. Самадов, А. Ниҳоли меҳр / [Матн] // Тоҷикистони Советӣ / Абдулҳамид Самадов, 20.10.1985.

144. Саъдуллоев, А. Сухан аз фазл / [Матн] // Адабиёт ва санъат / Саъдулло Асадуллоев, 16.06. 2003.

145. Стаханова, М. Пайванди дилҳо / [Матн] // Комсомоли Тоҷикистон / М.Стаханова, 22.09.1985.

146. Турсун, С. Наср зиндагист / [Матн] // Ҷавонони Тоҷикистон / Саттор Турсун, 24 сентябри соли 1988.

147. Турсун, С. Ҳофиза аз байн намеравад (муҳовара бо мухбири рӯзномаи «Коммунист Таджикистана» – Константин Клюткин / [Матн] / Саттор Турсун, 12 августи 1990.

148. Турсун, С. Сухан аз дард бояд гуфт / [Матн] // Адабиёт ва санъат / Саттор Турсун, 14 майи 1988.

149. Улмасов, А. Се мулоҳиза / [Матн] //Адабиёт ва санъат / А.Улмасов, 23.02.1989.

150. Феликс, К. Пайванди дилҳо / [Матн] //Комсомоли Тоҷикистон / К.Феликс, 22 сентябри 1985.

151. Хоҷаев, Д. Сухангустар / [Матн] // Адабиёт ва санъат / Давлатбек Хоҷаев, 19 октябри соли 1989.

152. Шукуров, М. Ҷустуҷӯи оғозгоҳҳои одамият / [Матн] // Адабиёт ва санъат / Муҳаммадҷон Шукуров, 12 декабри 1984.

153. Эсанӣ, Б. Андешаҳо перомуни романи «Се рӯзи як баҳор» / [Матн] // Адабиёт ва санъат / Б.Эсанӣ, 1 июли 1993.

154. Юсупов, Н. Нависандаи маҳбуби ман / [Матн] //Адабиёт ва санъат / /Н.Юсупов, 25 июни 1985.

**б) ба забони русӣ**

155. Ульямов, П. Разрушение стереотипа. О прозе «сорокалетных» в республиках Средней Азии и Казахестане //Литературная газета / [Текст] / П.Ульямов, 21 ноября 1979 г.

**VI. Манбаъҳои интернетӣ:**

156. http://farhangoadabeirani.blogsky. com
157. www. noormags. ir › view › articlepage
158. library. tebyan.net
159. elmnet. ir › article ›
160. ensani. ir › article
161. www. iketab. com
162. daneshresan. com › article ›

## Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттесттатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Ғаффорова, С. Чанд андеша пиромуни ҳикояҳои Саттор Турсун [Матн] / С. Ғаффорова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2012. – №4 (47). – С.91-93

[2-М]. Ғаффорова, С. Мавқеи ҳикоя ва повестҳои Саттор Турсун дар адабиёти муосири тоҷикӣ [Матн] / С. Ғаффорова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2012. – №5-1 (48). – С.310-316.

[3-М]. Ғаффорова,С. Тасвири воқияти зиндагӣ дар романи «Се рӯзи як баҳор»-и Саттор Турсун [Матн] / С. Ғаффорова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2013. – №2 (51). – С.234-246.

[4-М]. Ғаффорова, С. Заминаҳои пайдоиши қиссаву ҳикояҳои Саттор Турсун [Матн] / С. Ғаффорова // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2013. – №1. – С.68-72

[5-М]. Ғаффорова, С. Забон ва услуби насри Саттор Турсун [Матн] / С.Ғаффорова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2025. – №1 (114). – Саҳ.193-200.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[6-М]. Ғаффорова, С. Саттор Турсун ва роҳи эҷодии ӯ [Матн] / С.Ғаффорова // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Методические инновации в практике преподавания русского языка и литературы в условиях поликультурной среды» (17-18 март 2025 г.). – Душанбе, 2025. – С.89-96.

[7-М]. Ғаффорова, С. Тасвири пайванди инсон ва табиат дар романи «Се рӯзи як баҳор»-и Саттор Турсун [Матн] / С. Ғаффорова // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ дар мавзуи «Ҷойгоҳи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ» (16 апрели 2025). – Душанбе, 2025. – С.247-254.